# Мушкилоти асосии иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» ва шаклу усулҳои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти субъектҳои калидии иҷрои он

## (Натиҷаҳои мониторинг ва арзёбии ҷамъиятӣ)

ДУШАНБЕ, 2019

Натиҷаҳои мониторинг ва арзёбии ҷамъиятии «Мушкилоти асосии иҷрои Қонуни Ҷумхурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» дар сатҳи маҳал ва шаклу усулҳои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти субъектҳои калидии иҷрои он» бо дастгирии молиявии Сафорати ИМА дар Тоҷикистон ва Барномаи Рушди СММ дар чаҳорчӯбаи лоиҳаҳое, ки ташкилоти байналмилалии Saferworld дар ҳамкорӣ бо ТҶ «Ҷаҳон» амалӣ менамояд, чоп карда мешаванд.

Ақидаҳое, ки дар ин нашрия баён гардидаанд, танҳо ба муаллифон тааллуқдошта, метавонанд бо ақидаҳои Сафорати ИМА дар Тоҷикистон, БРСММ ва Saferworld мувофиқат накунанд.

## Арзи сипос

*ТҶ «Ҷаҳон», Иттифоқи ташкилотҳои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Аз баробарии ҳуқуқӣ – ба баробарии воқеӣ» ба Лоиҳаи муштараки Saferworld бо БРСММ «Тақвияти амнияти ҷамъиятӣ ва пешгирии хушунат алайҳи занон дар Тоҷикистон» барои кӯмак ва дастгириаш дар гузарондани мониторинг ва арзёбии ҷамъиятии иҷрои Қонуни ҶТ «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» арзи сипос менамоянд.*

*Миннатдории хоса ба ҷаноби Саидаҳмад Икромов, менеҷери БРСММ оид ба волоияти қонун ва дастрасӣ ба адолати судӣ, ба хонум Наргис Бобоева, корманди барномавии БРСММ, ба ҷаноби Хирад Каргасов, директори Saferworld дар Тоҷикистон ва хонум Мавзуна Яминова, ҳамоҳангсози лоиҳаи БРСММ дар Saferworld, барои ёрию ҳамдастиашон дар гузарондани мониторинг.*

*Иттифоқ ба мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ш. Бохтар, ш. Кӯлоб, ш. Ваҳдат, ш. Ҳисор, ноҳияҳои Ҳамадонӣ ва Рӯдакӣ барои мусоидат дар гузарондани мониторинг миннатдорӣ изҳор мекунад.*

*Аз ҳамаи посухдодагоне, ки дар тадқиқот иштирок намуда, оид ба иҷрои Қонун дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила фикру мулоҳизаҳояшонро баён карданд: кормандони ШВКД, шуъбаҳои кор бо занон ва оила, ҳуҷраҳои офиятбахшии тиббию иҷтимоӣ, МСР, аъзоёни Шӯроҳои ҷамъиятӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ВАО, судҳо ва дигарон сипосгузорем.*

*Фикру пешниҳодҳои занону мардон аз ноҳияҳои зерҳадаф, ки ҳангоми мусоҳибаҳои гурӯҳӣ иброз доштанд, барои арзёбии иҷрои Қонун басо судманд буданд. Маҳз ба шарофати самимият ва ҳусни таваҷҷӯҳи онҳо манзараи воқеии вазъи зӯроварӣ дар оила ва сабабҳои онро дидан мумкин аст.*

*Иттифоқ инчунин ба ҳамаи тадқиқотчиён – аъзоёни иттифоқ, ки дар минтақаҳои ҷумҳурӣ иттилооти таҷрибавӣ ҷамъоварӣ карданд, арзи сипос менамояд.*

**Ҳисоботро коршиноси гендерӣ Бозрикова Татяна таҳия намуд.**

**Фасли «Таҳлили мухтасари санадҳои зерқонунӣ оид ба иҷрои Қонуни ҶТ «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» дар сатҳҳои соҳавӣ ва маҳаллӣ»-ро коршинос Александрова Лариса таҳия кард.**

| | | |
|---|---|---|
| | **ПЕШГУФТОР** | 5 |
| | **ИХТИСОРАҲО** | 6 |
| | **РӮИХАТИ РАСМҲО, ҶАДВАЛҲО ВА ИЛОВАҲО** | 7 |
| **1** | **МЕТОДОЛОГИЯИ ГУЗАРОНДАНИ МОНИТОРИНГ ВА АРЗЁБИИ ҶАМЪИЯТИИ ИҶРОИ ҚОНУНИ ҶТ «ДАР БОРАИ ПЕШГИРИИ ЗӮРОВАРӢ ДАР ОИЛА»** | 9 |
| **2** | **ТАҲЛИЛИ МУХТАСАРИ САНАДҲОИ ЗЕРҚОНУНИИ ИҶРОИ ҚОНУНИ ҶТ «ДАР БОРАИ ПЕШГИРИИ ЗӮРОВАРӢ ДАР ОИЛА» ДАР САТҲҲОИ СОҲАВӢ ВА МАҲАЛЛӢ** | 12 |
| **3** | **САМТҲОИ АСОСИИ ФАЪОЛИЯТИ СУБЪЕКТҲОИ КАЛИДИИ ИҶРОИ ҚОНУН ДАР САТҲИ МАҲАЛ** | 17 |
| 3.1. | Фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | 17 |
| 3.2 | Фаъолияти сохторҳои минтақавии ВКД ва Шӯроҳи ҷамъиятӣ | 21 |
| 3.3. | Фаъолияти шуъбаҳои кор бо занон ва оила | 30 |
| 3.4 | Фаъолияти субъектҳои дигари Қонун оид ба таъмини ҳуқуқҳои ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила ва кӯмакрасонӣ ба онҳо | 34 |
| **4** | **ТАЪСИРИ ҚОНУН «ДАР БОРАИ ПЕШГИРИИ ЗӮРОВАРӢ ДАР ОИЛА» БА ВАЗЪИ ЗӮРОВАРӢ ДАР ШАҲРУ НОҲИЯҲОИ ЗЕРҲАДАФ** | 45 |
| 4.1 | Арзёбии вазъи паҳншавии зӯроварӣ дар ноҳияҳои зерҳадаф | 45 |
| 4.2 | Монеаҳои асосӣ дар роҳи баланд бардоштани самаранокии таъсири Қонуни ҶТ «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» | 51 |
| **5** | **ХУЛОСАЮ ТАВСИЯҲО** | 53 |

**ПЕШГУФТОР**

Ба таваҷҷӯҳи Шумо ҳисобот оид ба натиҷаҳои мониторинг ва арзёбии ҷамъиятии иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила», ки Иттифоқи ташкилотҳои ҷамъиятии «Аз баробарии ҳуқуқӣ – ба баробарии воқеӣ» якҷоя бо ТҶ «Ҷаҳон» таҳия намудааст, пешкаш карда мешавад.

Мониторинги ҷамъиятӣ дар чаҳорчӯбаи лоиҳаи БРСММ «Тақвияти амнияти ҷамъиятӣ ва пешгирии хушунат алайҳи занон дар Тоҷикистон», ки Saferworld якҷоя бо шарикони маҳаллӣ – ТҶ «Ҷаҳон» ва ТҶ «Заршедабону» амалӣ менамояд, гузаронда шуд. Лоиҳаи Saferworld мақсад дорад, ки ба кам кардани зӯроварии хонагӣ нисбати занону духтарон дар се ноҳияи зерҳадафи Тоҷикистон (Ваҳдат, Рӯдакӣ ва Кӯлоб) бо роҳҳои зерин мусоидат намояд: (a) зуд ошкор намудани ҳодисаҳои зӯроварӣ дар оила ва вокуниш нишон додан ба онҳо; (b) васеъ намудани имконияти Шӯроҳои ҷамъиятӣ оид ба мусоидати ҷомеаи шаҳрвандӣ ба таъмини ҳифзи тартиботи ҷамъиятии назди ШВКД ва дигар ташкилотҳои маҳаллӣ дар ошкор ва бартараф намудани меъёрҳо, амсилаҳои рафтор ва муносибатҳои манфие, ки боиси нобаробарии гендерӣ ва зӯроварӣ мегарданд.

Иттифоқи ТҶ «Аз баробарии ҳуқуқӣ – ба баробарии воқеӣ» 22 майи соли 2008 таъсис дода шудааст. Он дар асоси Шартнома оид ба ҳамкорӣ бе ташкили шахси ҳуқуқӣ амал менамояд. Ба Иттифоқ 41 ташкилоти ҷамъиятии ш. Душанбе ва дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ дохил мешаванд.

Гузарондани мониторинг ва арзёбии доимии иҷрои вазифаҳои гендерии Ҳадафҳои рушди устувор ва иҷрои тавсияҳои Кумитаҳои СММ оид ба Конвенсия дар бораи барҳам додани ҳамаи шаклҳои табъиз нисбати занон, Созишномаи байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои гражданӣ ва сиёсӣ, Созишномаи байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ба татбиқи сиёсати гендерӣ, Платформаи амалиёти Пекин яке аз вазифаҳои муҳимтарини Иттифоқ ба шумор меравад.

Мақсаду вазифаҳои асосии мониторинги ҷамъиятии гузарондашуда аз инҳо иборат буданд: тафтиши рафти иҷрои Қонуни ҶТ «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» дар 6 ноҳияи зерҳадаф; арзёбии таъсири Қонун ба кам гардидани зӯроварӣ, ошкор намудани мушкилот ва омилҳои асосие, ки ба иҷрои Қонун дар сатҳи маҳал монеъ мегарданд.

Дар ҳисобот ба фаъолияти субъектҳои асосии иҷрои Қонун дар шаҳрҳои Бохтар, Кӯлоб, Ваҳдат, Ҳисор, ноҳияи Ҳамадонӣ ва Рӯдакӣ: мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, ШВКД, шуъбаҳои кор бо занон ва оила, муассисаҳои тиббӣ, Шӯроҳои ҷамъиятии назди ШВКД, ташкилотҳои ҷамъиятии ин минтақаҳо оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила ва расондани ёрӣ ба қурбониёни зӯроварии хонагӣ диққати хоса дода шудааст. Фикри занону мардон дар бораи дараҷаи паҳншавии зӯроварии оилавӣ дар минтақаҳояшон, дар бораи мушкилоту омилҳое, ки ба зӯроварӣ дар оила мусоидат менамоянд, инчунин дигар фикру мулоҳизаҳое, ки дар вақти мубоҳисаҳои гурӯҳӣ иброз доштанд, ҳангоми гузарондани арзёбӣ васеъ истифода бурда мешаванд. Дар ҳисобот пешниҳоду тавсияҳои намояндагони сохторҳои давлатӣ, ки бевосита ба раванди иҷрои Қонун ҷалб гардидаанд, инъикос ёфтаанд.

Умедворем, ки маводи пешниҳодшуда ба ҳамаи онҳое, ки дар ин самт фаъолият мекунанд ва ба гирифтани иттилооти иловагӣ доир ба иҷрои Қонун дар сатҳи маҳал ҳавасманд мебошанд, судманд хоҳад буд.

## ИХТИСОРАҲО

| | |
|---|---|
| **Барномаи давлатӣ** | Барномаи давлатӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2023 |
| **КДАМ** | Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **МД** | Муассисаи давлатӣ |
| **Қонун** | Қонуни ҶТ «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» |
| **БАҶС** | Бемориҳои бо алоқаи ҷинсӣ сироятёбанда |
| **ККЗО** | Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати ҶТ |
| **КБТЗ** | Конвенсия дар бораи барҳам додани ҳамаи шаклҳои табъиз нисбати занон |
| **ВКД** | Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **ВТҲИА** | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **МИМҲД** | Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ |
| **ТБ** | Ташкилоти байналмилалӣ |
| **ШКЗО** | Шуъбаҳо/бахшҳои кор бо занон ва оила |
| **МКД** | Мақомоти корҳои дохилӣ |
| **ШВКД** | Шуъбаҳои вазорати корҳои дохилӣ |
| **ТҶ** | Ташкилоти ҷамъиятӣ |
| **КАТС** | Кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ |
| **БРСММ** | Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид |
| **ҲҶТ** | Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **ШМВКД** | Шуъбаҳои минтақавии вазорати корҳои дохилӣ |
| **НТҶ** | Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ |
| **ҶТ** | Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **ЮНФПА** | Хазинаи СММ оид ба нуфус |
| **МГ** | Мусоҳибаҳои гурӯҳӣ |
| **МСР** | Маркази саломатии репродуктивӣ |
| **GOPA/PDV** | Лоиҳаи пешгирии зӯроварӣ дар оила, ки шуъбаи ташкилоти байналмилалии Олмон GOPA дар Тоҷикистон бо дастгирии молиявии Офиси Швейтсария оид ба ҳамкорӣ амалӣ менамояд |

**РӮЙХАТИ РАСМҲО, ҶАДВАЛҲО ВА ИЛОВАҲО**

**Расми 1.** Вазифаҳои асосии нозир оид ба мубориза бо зӯроварӣ дар оила.
**Расми 2.** Шахсоне, ки дар оила зӯроварӣ содир намудаанд, мувофиқи аризаҳои дар шаҳру ноҳияҳои зерҳадаф ба қайд гирифташуда (тибқи маълумоти ШВКД дар 9 моҳи с. 2019)
**Расми 3.** Рӯйхати шахсоне, ки дар оила зӯроварӣ содир намудаанд, ва муносибати онҳо бо ҷабрдидагон (дар асоси аризаҳое, ки дар ШКВД ноҳияҳои зерҳадаф дар 9 моҳи соли 2019 ба қайд гирифта шудаанд)
**Расми 4.** Тақсимоти ҳодисаҳои зӯроварӣ дар оила мувофиқи намудҳои зӯроварӣ (аз рӯи маълумоти ШВКД-и 4 шаҳр/ноҳияи зерҳадаф дар 9 моҳи соли 2019)
**Расми 5.** Тақсимоти ҷабрдидагони зӯроварии оилавӣ мувофиқи синну сол (аз рӯи маълумоти ШВКД-и 3 шаҳр/ноҳияи зерҳадаф дар 9 моҳи соли 2019)
**Расми 6.** Чораҳои инфиродӣ барои пешгирии зӯроварӣ дар оила дар ҶТ
**Расми 7.** Тақсимоти ҳодисаҳои зӯроварӣ дар оила аз рӯи намудҳои зӯроварӣ (дар асоси муроҷиатҳо ба ШКЗО-и 5 шаҳру ноҳияи зерҳадаф дар 9 моҳи соли 2019)
**Расми 8.** Тақсимоти ҳодисаҳои зӯроварӣ дар оила аз рӯи синну сол (дар асоси муроҷиатҳо ба ШКЗО-и 5 шаҳру ноҳияи зерҳадаф дар 9 моҳи соли 2019)
**Расми 9.** Шахсони дар оила зӯроварӣ содиркарда ва муносибати онҳо бо ҷабрдида (дар асоси муроҷиатҳо ба ШКЗО-и 5 шаҳру ноҳияи зерҳадаф дар 9 моҳи соли 2019)
**Расми 10.** Миқдори хизматҳое, ки ШКЗО дар соли 2018 ва 9 моҳи с. 2019 дар шаҳру ноҳияҳои зерҳадаф ба ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила расондааст
**Расми 11.** Сохторҳое, ки дар ноҳияҳои зерҳадаф ба ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила ёрӣ мерасонанд
**Расми 12.** Намудҳои зӯроварие, ки занҳои ба ҳуҷраҳои офиятбахшии тиббию иҷтимоии ш.Ваҳдат ва ш. Кӯлоб муроҷиаткарда ба онҳо дучор гардидаанд
**Расми 13.** Ҷабрдидагони зӯроварии оилавии ноҳияи Ҳамадонӣ ва ш. Ҳисор аз рӯи намудҳои зӯроварӣ (тибқи маълумот оид ба муроҷиатҳо ба МСР дар 9 моҳи с. 2019)
**Расми 14.** Занҳои аз зӯроварии оилавӣ ҷабрдида аз рӯи синну сол ва муносибати онҳо бо шахсе, ки зӯроварӣ содир намудааст (тибқи маълумот оид ба муроҷиатҳо ба МСР-и ноҳияи Ҳамадонӣ ва ш. Ҳисор дар 9 моҳи с. 2019)
**Расми 15.** Рӯйхати ташкилотҳои ҷамъиятии шаҳру ноҳияҳои зерҳадаф, ки дар соҳаи пешгирии зӯроварӣ дар оила ва дастгирии қурбониёни зӯроварӣ кор мекунанд
**Расми 16.** Намудҳои хизмате, ки ТҶ «Дилафрӯз» дар 9 моҳи с. 2019 ба ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила расондааст
**Расми 17.** Миқдори қурбониёни зӯроварӣ, ки дар 9 моҳи с. 2019 ба ТҶ «Ғамхорӣ» муроҷиат кардаанд, мувофиқи намудҳои зӯроварӣ
**Расми 18.** Оқибатҳо барои саломатии ҷабрдидагони зӯроварӣ, ки дар 9 моҳи соли 2019 ба ТҶ «Ғамхорӣ» муроҷиат кардаанд
**Расми 19.** Омилҳои асосие, ки ба содир гардидани зӯроварии гендерӣ таъсир мерасонанд
**Расми 20.** Усулҳои баланд бардоштани самаранокии иҷрои Қонун дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила дар сатҳҳои маҳаллӣ ва миллӣ

**Ҷадвали 1.** Миқдори мубоҳисаҳои гурӯҳии (МГ) дар минтақаҳо гузарондашуда
**Ҷадвали 2.** Миқдори мусоҳибаҳое, ки дар минтақаҳо бо намояндагони субъектҳои гуногуни Қонун гузаронда шудаанд
**Ҷадвали 3.** Натиҷаҳои баррасии аризаҳо/муроҷиатҳо оид ба зӯроварӣ дар оила дар солҳои 2018-2019 умуман дар ҷумҳурӣ ва маълумоти ШВКД шаҳрҳо/ноҳияҳои зерҳадаф
**Ҷадвали 4.** Миқдори муроҷиатҳо ба шуъбаҳои кор бо занон ва оилаи ноҳияҳои зерҳадаф мувофиқи солҳо

**Ҷадвали 5.** Маълумот оид ба миқдори муроҷиатҳои занони ба зӯроварӣ дучоргардида ба ҳуҷраҳои офиятбахшии тиббию иҷтимоии ш. Ваҳдат ва ш. Кӯлоб аз рӯи синну сол ва шахсони зӯроварикарда
**Ҷадвали 6.** Маълумот дар бораи намудҳои зӯроварӣ ва чанд маротиба такрор шудани зӯроварӣ нисбати ҷабрдидагоне, ки дар 9 моҳи с. 2019 ба ТҶ «Дилафрӯз» муроҷиат кардаанд
**Ҷадвали 7.** Миқдори ҷабрдидагони зӯроварӣ, ки дар 9 моҳи с. 2019 аз хизматҳои ТҶ «Ғамхорӣ» истифода бурданд, ва намудҳои хизматҳои расондашуда

**Иловаи 1.** Аз Қонуни ҶТ «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила». Моддаи 8. Ваколатҳои мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила
**Иловаи 2.** Миқдори муроҷиатҳо ба сохторҳои соҳавӣ оид ба масъалаҳои зӯроварӣ дар оила дар ш. Бохтар дар 9 моҳи соли 2019
**Иловаи 3.** Аз Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҶТ
**Иловаи 4.** Аз Низомномаи Шӯрои ҷамъиятии назди ВКД ҶТ оид ба мусоидати ҷомеаи шаҳрвандӣ ба ислоҳоти милитсия
**Иловаи 5.** Аз Қонун. Моддаи 9. Ваколатҳои мақомоти давлатии кор бо занон ва оила оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила
**Иловаи 6.** Аз Қонуни ҶТ «Дар бораи пнгирии зӯроварӣ дар оила». Моддаи 6. Ҳуқуқҳои ҷабрдида
**Иловаи 7.** Хизматҳое, ки Бюроҳои давлатии ҳуқуқии МД “Маркази ёрии ҳуқуқӣ”-и Вазорати адлияи ҶТ ба шаҳрвандон мерасонанд

## 1. МЕТОДОЛОГИЯИ ГУЗАРОНДАНИ МОНИТОРИНГ ВА АРЗЁБИИ ҶАМЪИЯТИИ ИҶРОИ ҚОНУНИ ҶТ «ДАР БОРАИ ПЕШГИРИИ ЗӮРОВАРӢ ДАР ОИЛА»

Мониторинги ҷамъиятии иҷрои Қонуни ҶТ «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» аз моҳи сентябр то моҳи ноябри соли 2019 аз ҷониби иттифоқи ташкилотҳои ҷамъиятии ҶТ «Аз баробарии ҳуқуқӣ – ба баробарии воқеӣ» гузаронда шуд.

**Мақсади асосии мониторинги ҷамъиятӣ**: тафтиш ва арзёбии иҷрои Қонуни ҶТ «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» дар ноҳияҳои зерҳадаф дар сатҳи маҳал.

Мақсади мазкур тавассути амалисозии вазифаҳои зерин ба даст оварда шуд:

1. Муайян кардани нишондиҳандаҳо (индикаторҳо)-и миқдорӣ ва сифатӣ барои гузарондани мониторинг ва арзёбии иҷрои Қонуни мазкур.
2. Бо усулҳои гуногун ҷамъоварӣ намудани иттилооти таҷрибавӣ мувофиқи нишондиҳандаҳои қабулшуда.
3. Арзёбии таъсири Қонун ба камшавии зӯроварӣ ва ошкор намудани мушкилоту омилҳое, ки ба иҷрои Қонун дар сатҳи маҳал монеъ мегарданд.
4. Таҳияи ҳисоботи таҳлилӣ бо арзёбии иҷрои Қонун ва тавсияҳои пешниҳодшуда оид ба баланд бардоштани самаранокии онҳо.
5. Васеъ паҳн ва муҳокима намудани натиҷаҳои мониторинг ва арзёбӣ.

**Фарогирии ҳудудии мониторинг ва арзёбӣ**
Мониторинг ва арзёбӣ дар 6 воҳиди ҳудудӣ гузаронда шуд:

1. шаҳри Бохтар (вилояти Хатлон)
2. шаҳри Кӯлоб (вилояти Хатлон)
3. ноҳияи Ҳамадонӣ (вилояти Хатлон)
4. шаҳри Ваҳдат (НТҶ)
5. ноҳияи Рӯдакӣ (НТҶ)
6. шаҳри Ҳисор (НТҶ)

**Усулҳои асосии гузарондани мониторинг ва арзёбии иҷрои Қонун**
Вазифаи асосии мониторинг: ҷамъоварии маълумот ва ташкили махзани иттилоот барои арзёбии натиҷаҳо. Мониторинг барои тафтиши фаъолияти субъектҳои гуногуни иҷрои Қонун дар асоси нишондиҳандаҳои дар сатҳи маҳал муайяншуда пешбинӣ гардидааст.

Усулҳои асосии гузарондани мониторинг:
- ✓ Истинод ба ҳадафҳои Қонун ва меъёрҳои асосии қонунгузорӣ.
- ✓ Таваҷҷӯҳ ба мавҷудияти роҳу усулҳои иҷрои Қонун, хусусан дар сатҳи маҳал.
- ✓ Тафриқагузорӣ дар байни ҷузъҳои мониторинг, аз ҷумла самтҳои фаъолияти субъектҳои гуногун.

**Объектҳои мониторинг**

- ✓ Роҳу усулҳои иҷрои Қонун, раванди иҷрои Қонун.
- ✓ Фаъолияти субъектҳои асосии Қонун дар маҳалҳо ва ҳамкории байни онҳо.
- ✓ Натиҷаҳои ба даст овардашуда бо назардошти арзёбии иҷрои Қонун ва Барномаи давлатӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила дар ҶТ барои солҳои 2014-2023.

Арзёбӣ дар асоси махзани таҳияшудаи иттилооти мониторинг гузаронда шуд. Ҳангоми арзёбӣ ба раванди таҳияи хулосаҳо дар бораи рафти иҷрои Қонун, мавҷудияти тарзу

усулҳои ба даст овардани натиҷаҳои пешбинишуда ва таъсиррасонӣ ба вазъи паҳншавии зӯроварӣ дар оила баҳо дода шуд.

Барои гузарондани арзёбӣ манбаъҳои гуногуни иттилоот истифода шуданд, ки онҳоро шартан ба се гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст:

1. **Одамон:** роҳбарон, иҷрокунандагон аз сохторҳои давлатӣ, намояндагони гурӯҳҳои гуногуни гендерӣ: занон, мардон, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ғ.
2. **Ҳуҷҷатҳо:** барномаҳо, нақшаҳо, ҳисоботҳо, ВАО ва ғ.
3. **Маълумоти оморӣ, тадқиқотҳо:** маълумоти омории расмӣ ва идоравӣ, мубоҳисаҳои гурӯҳӣ, мусоҳибаҳо ва ғайра

Ҳангоми гузарондани мониторинг ва арзёбии иҷрои Қонуни ҶТ «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» ба дараҷаи амалишавии чунин мақсадҳои Қонун, ба монанди «ташаккул додани муносибати таҳаммулнопазиронаи ҷомеа нисбати зӯроварӣ дар оила; ошкор, пешгирӣ ва бартарафсозии сабаб ва шароитҳои ба зӯроварӣ дар оила мусоидаткунанда» ва ғ. эътибори ҷиддӣ дода шуд.

Азбаски субъектҳои зиёде аз зумраи сохторҳои давлатии гуногун ба иҷрои Қонун ҷалб гардида буданд, диққати тадқиқотчиён инчунин ба омӯзиши мушкилоти ҳамоҳангсозии байниидоравӣ ҷалб карда шуд. Тафтиш карда шуд, ки масъалаҳои пешгирии зӯроварӣ нисбати занон дар сатҳи маҳал то кадом андоза ба барномаҳои рушди шаҳру ноҳияҳо ворид карда шудаанд, оё дар маҳалҳо нақшаҳои амал ҷиҳати пешгирии зӯроварӣ нисбати занон вуҷуд доранд, оё онҳо аз ҳисоби буҷетҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ маблағгузорӣ карда мешаванд ва ғ.

Дар гузарондани мониторинг нишондиҳандаҳо нақши муҳим мебозанд. Ҳуҷҷати асосии барномавии иҷрои Қонун дар мамлакат Барномаи давлатӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила дар ҶТ барои солҳои 2014-2023 мебошад, ки дар он нишондиҳандаҳо (индикаторҳо) муайян карда шудаанд ва субъектҳои давлатӣ бояд аз рӯи ин нишондиҳандаҳо ҳисобот диҳанд. Бинобар ин қарор дода шуд, ки як қисми нишондиҳандаҳо аз Барнома, инчунин нишондиҳандаҳои иловагӣ оид ба захираҳои масрафшаванда, сохторҳои соҳавӣ, нишондиҳандаҳои сифатӣ ва баҳодиҳии аҳолӣ ба вазъи паҳншавии зӯроварӣ дар минтақаҳояшон истифода бурда шаванд.

Рӯихати нишондиҳандаҳои истифодашаванда барои мониторинг ва арзёбии иҷрои Қонун дар сатҳи маҳал:

- ✓ вуҷуд доштани сохторҳои байниидоравӣ оид ба ҳамоҳангсозии фаъолияти субъектҳои Қонун;
- ✓ миқдори нозирони ШВКД оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила;
- ✓ миқдори ҳуҷраҳои амалкунандаи офиятбахшии тиббию иҷтимоии назди муассисаҳои тиббӣ;
- ✓ миқдори Марказҳои бухронӣ ё ташкилотҳои ҷамъиятие, ки дар соҳаи пешгирии зӯроварӣ ва дастгирии ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила кор мекунанд;
- ✓ миқдори мурочиатҳои шаҳрвандоне, ки дар оила ба зӯроварӣ дучор гардидаанд;
- ✓ миқдори протоколҳои маъмурии тартибдодашуда дар бораи ниоя накардани қонунгузорӣ оид ба зӯроварӣ дар оила, миқдори амрномаҳои муҳофизатии додашуда;
- ✓ миқдори чорабиниҳои иттилоотию таълимӣ ва чорабиниҳои дигар оид ба масъалаҳои пешгирии зӯроварӣ дар оила;
- ✓ миқдори хизматҳои ба қурбониёни зӯроварӣ расондашуда аз рӯи намудҳо;
- ✓ ҳаҷми маблағҳои молиявие, ки аз буҷети маҳаллӣ барои иҷрои нақшаю барномаҳои маҳаллӣ ҷудо карда шудаанд;

- ✓ миқдори кормандони сохторҳои соҳавӣ, ки оид ба масъалаҳои пешгирии зӯроварӣ ва кӯмакрасонӣ ба қурбониёни зӯроварӣ таълим гирифтаанд;
- ✓ баҳодиҳии мардҳо ва занҳо ба дараҷаи паҳншавии зӯроварии оилавӣ дар шаҳру ноҳияҳои зерҳадаф;
- ✓ баҳодиҳии мардҳо ва занҳо ба имконпазирии намудҳои мушаххаси зӯроварӣ дар оила.

**Усулҳои асосӣ**

Мониторинг ва арзёбии иҷрои Қонун бо як қатор усулҳо амалӣ карда шуданд:

- ✓ Ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумоти омории расмӣ аз рӯи нишондиҳандаҳои асосии мониторинг ва арзёбӣ, аз ҷумла маълумоти омории мақомоти минтақавии корҳои дохилӣ ва дигар сохторҳои давлатӣ.
- ✓ Омӯзиш ва таҳлили ҳуҷҷатҳои меъёрие, ки баъди қабули Қонун қабул гардидаанд.
- ✓ Омӯхтани фикру мулоҳизаи аҳолӣ (мардону занон) тавассути мубоҳисаҳои гурӯҳӣ ва мусоҳиба бо намояндагони сохторҳои давлатӣ.
- ✓ Дар минтақаҳо омӯхтани маълумоти оморӣ дар бораи муроҷиатҳо ба ШВКД, ҳуҷраҳои офиятбахшии тиббию иҷтимоӣ, марказҳои буҳронии назди ТҶ ва ғ.

**Ҷадвали 1. Миқдори мубоҳисаҳои гурӯҳии (МГ) дар минтақаҳо гузарондашуда**

| | Ҳамагӣ | Ваҳдат | Рӯдакӣ | Ҳисор | Бохтар | Кӯлоб | Ҳамадонӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Ҳамагӣ** | **12** | **2** | **2** | **2** | **2** | **2** | **2** |
| Аз онҳо: бо занҳо | 6 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 |
| бо мардҳо | 6 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 |

Ҳамагӣ 12 мубоҳисаи гурӯҳӣ ва 39 мусоҳиба гузаронда шуд. Барои ҷамъоварии иттилооти таҷрибавӣ харитаҳои иттилоотӣ истифода бурда шуданд, ки ҷамъоварии маълумоти оморӣ ва иттилоотро оид ба ҷанбаҳои гуногуни фаъолияти субъектҳои иҷрои Қонун дар сатҳи маҳал пешбинӣ менамуданд.

**Ҷадвали 2. Миқдори мусоҳибаҳое, ки дар минтақаҳо бо намояндагони субъектҳои гуногуни Қонун гузаронда шудаанд**

| | Ҳамагӣ | Ҳамагӣ | Ваҳдат | Рӯдакӣ | Ҳисор | Бохтар | Кӯлоб | Ҳамадонӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | **39** | **6** | **6** | **6** | **6** | **9** | **6** |
| **1** | Нозирони ШВКД оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила ё нозирони минтақавӣ | **6** | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 |
| **2** | Духтурони ҳуҷраҳои офиятбахшии тиббию иҷтимоӣ ё МСР | **6** | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 |
| **3** | Ташкилотҳои ҷамъиятӣ | **6** | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 |
| **4** | ШКЗО | **6** | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 |
| **5** | ВАО | **6** | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 |
| **6** | Шӯроҳои ҷамъиятӣ | **6** | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 |
| **7** | Ҳукуматҳои маҳаллӣ | **2** | | | | | 2 | |
| **8** | Судҳо | **1** | | | | | 1 | |

## 2. ТАҲЛИЛИ МУХТАСАРИ САНАДҲОИ ЗЕРҚОНУНИИ ИҶРОИ ҚОНУНИ ҶТ «ДАР БОРАИ ПЕШГИРИИ ЗӮРОВАРӢ ДАР ОИЛА» ДАР САТҲҲОИ СОҲАВӢ ВА МАҲАЛЛӢ

Қонуни ҶТ «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» (минбаъд – Қонун) доираи субъектҳо ва ваколатҳои онҳоро оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила муайян кардааст. Аз ҷумла, ваколатҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар сатҳи миллӣ ва маҳаллӣ, инчунин ваколатҳои мақомоти соҳаҳои гуногун оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила муқаррар карда шудаанд.

Дар моддаи 8 Қонун ваколатҳои мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ муайян карда шудаанд. Яке аз онҳо таҳия, тасдиқ ва амалӣ намудани барномаҳои маҳаллӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила ва ҳамкорӣ бо дигар субъектҳои пешгирикунандаи зӯроварӣ дар оила мебошад.

Қонун панҷ субъекти асосии давлатиро оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила дар сатҳи марказӣ муайян кардааст. Инҳо Ҳукумати ҶТ, Вазорати корҳои дохилии ҶТ (ВКД), Кумитаи кор бо занон ва оилаи ҶТ (ККЗО), Вазорати маориф ва илми ҶТ (ВМИ), Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳоли ҶТ (ВТҲИА) мебошанд. Ҳар кадоме аз ин идораҳо ҳам дар сатҳи марказ ва ҳам дар сатҳи маҳалҳо кор карда, ваколатҳои асосиеро, ки Қонун ба зиммаи онҳо гузоштааст, иҷро менамоянд.

Амсилаи самарабахши ҳамкории байни мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, мақомоти марказии иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар минтақаҳо (ШКЗО, ВМИ, ВТҲИА) бояд мувофиқи меъёру ваколатҳои Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» амалӣ карда шавад.

Дар иҷрои Қонун дар сатҳҳои соҳавӣ ва маҳаллӣ санадҳои меъёрии зерқонуние, ки дар сатҳи вазорату идораҳо ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ қабул шудаанд, нақши муҳим мебозанд.

Баъди қабули Қонуни ҶТ «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» субъектҳои пешгирии зӯроварӣ дар оила санадҳои меъёрии зерқонунии зеринро қабул карданд:

- ✓ Дастуруламал оид ба ташкили фаъолияти кормандони корҳои дохилӣ оид ба пешгирӣ, бартарафсозӣ ва вокуниш ба ҳодисаҳои зӯроварӣ дар оила (Фармони вазири корҳои дохилии ҶТ № 27б\з аз 20.04.2016);
- ✓ Низомномаи ҳуҷраҳои офиятбахшии тиббию иҷтимоии назди таваллудхонаҳо ва беморхонаҳои клиникии марказӣ барои ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила (Фармони вазири ВТҲИА ҶТ №973 аз 20.10.18);
- ✓ Низомномаи намунавии ташкил ва фаъолияти паноҳгоҳҳо барои қурбониёни зӯроварӣ дар оила (Фармони вазири ВТҲИА ҶТ №1176 аз 11.12.18);
- ✓ Дастуруламал барои корманди иҷтимоии Маркази ёрии иҷтимоӣ ба аҳолии назди мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ (Фармони вазири ВТҲИА ҶТ №222 аз 06.03.2018);
- ✓ Низомномаи намунавии Шуъбаҳои ёрии иҷтимоӣ дар хонаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ (Фармони вазири ВТҲИА ҶТ №748 аз 12.09.2017);
- ✓ Шакли намунавии вазифаҳои хизматии корманди Маркази ёрии иҷтимоӣ ба аҳолии назди мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ (Фармони вазири ВТҲИА ҶТ №222 аз 06.03.2018);
- ✓ Даструлуамал барои кормандони соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ оид ба вокуниш нишон додан ба ҳодисаҳои зӯроварӣ дар оила (Фармони вазири ВТҲИА ҶТ №443 аз 11.05.2018);

- ✓ Даструлуамал барои кормандони тиб оид ба вокуниш нишон додан ба ҳодисаҳои зӯроварӣ дар оила (Фармони вазири ВТҲИА ҶТ №443 аз 11.05.2018);
- ✓ Дастуруламал барои кормандони муассисаҳои таълимӣ оид ба пешгирӣ ва вокуниш ба ҳодисаҳои зӯроварӣ нисбати кӯдакон (Қарори №11 Шӯрои илмию методии ВМИ ҶТ аз 21.12.2017);
- ✓ Дастуруламал барои кормандони шуъбаҳои ККЗО оид ба таъмини баробарии гендерӣ ва пешгирии зӯроварӣ дар оила (Фармони раиси ККЗО №159 аз 08.11.2018);

Азбаски кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва шуъбаҳои кор бо занон ва оила хизматчиёни давлатӣ буда, инчунин бо аҳолӣ кор мекунанд, санадҳои танзимкунандаи фаъолияти онҳо инфиродӣ ё ташкилӣ-амрдиҳандавӣ нестанд. Санадҳои мазкур барои ин категорияҳои кормандон ҳатмӣ мебошанд, бинобар ин бояд дар Вазорати адлияи ҶТ ба қайди давлатӣ гирифта шаванд.

Вале аз рӯи натиҷаҳои таҳлили махзани ягонаи электронии «Адлия»-и Вазорати адлияи ҶТ санадҳои меъёрии зерқонунии мазкур пайдо карда нашуданд. Аз ин ҷо хулоса баровардан мумкин аст, ки ин санадҳо дар Вазорати адлияи ҶТ аз қайди давлатӣ нагузаштаанд ва эътибори қонунӣ пайдо накардаанд.

Санадҳои меъёрии зерқонунии зерини вазорату идораҳо таҳлил карда шуданд:

- ✓ Дастуруламал оид ба ташкили фаъолияти кормандони корҳои дохилӣ ҷиҳати пешгирӣ, бартарафсозӣ ва вокуниш ба ҳодисаҳои зӯроварӣ дар оила (Фармони вазири корҳои дохилии ҶТ № 27б\з аз 20.04.2016);
- ✓ Дастуруламал оид ба ташкили фаъолияти ККЗО ҷиҳати таъмини баробарии гендерӣ ва пешгирии зӯроварӣ дар оила (Фармони раиси ККЗО назди ҲҶТ №159 аз 08.11.2018);
- ✓ Даструлуамал барои кормандони соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ оид ба вокуниш нишон додан ба ҳодисаҳои зӯроварӣ дар оила (Фармони вазири ВТҲИА ҶТ №443 аз 11.05.2018);
- ✓ Даструлуамал барои кормандони тиб оид ба вокуниш нишон додан ба ҳодисаҳои зӯроварӣ дар оила (Фармони вазири ВТҲИА ҶТ №443 аз 11.05.2018).

Таҳлили ин санадҳои меъёрии зерқонунӣ нишон дод, ки баъзе аз муқаррароти онҳо бо санадҳои амалкунандаи меъёрии ҳуқуқӣ мувофиқат намекунанд. Аз ҷумла, дар як қатор санадҳои зерқонунии соҳавӣ мафҳумҳое истифода бурда мешаванд, ки дар қонунҳои ҶТ вуҷуд надоранд. Дар Дастуруламал оид ба ташкили фаъолияти кормандони корҳои дохилӣ ҷиҳати пешгирӣ, бартарафсозӣ ва вокуниш ба ҳодисаҳои зӯроварӣ дар оила (Фармони вазири корҳои дохилии ҶТ № 27б\з аз 20.04.2016) чунин мафҳумҳо, ба монанди «оила», «аъзои оила» оварда шудаанд. Мафҳумҳои мазкур дар қонунгузории ҶТ, чи дар Кодекси оилаи ҶТ ва чи дар Қонуни ҶТ «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» вуҷуд надоранд.

Дар Даструлуамал барои кормандони соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ оид ба вокуниш нишон додан ба ҳодисаҳои зӯроварӣ дар оила (Фармони вазири ВТҲИА ҶТ №443 аз 11.05.2018) чунин мафҳумҳо, ба монанди «мушояати иҷтимоӣ», «нақшаи инфиродии хизматрасонӣ барои истифодабаранда», «офиятбахшии иҷтимоӣ» ва дигар мафҳумҳо дучор мешаванд, ҳол он ки дар Қонунҳои ҶТ «Дар бораи хизматрасонии иҷтимоӣ», «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила», «Дар бораи кӯмакҳои унвонии иҷтимоӣ», Кодекси тандурустии ҶТ ва қонунҳои дигар мафҳумҳои «мушояати иҷтимоӣ», «нақшаи инфиродии хизматрасонӣ барои истифодабаранда», «офиятбахшии иҷтимоӣ» вуҷуд надоранд.

Мувофиқи моддаҳои 2, 24, қисми 2 моддаи 29 Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» санади зерқонунӣ аз чаҳорчӯбаи санади асосӣ, дар ин маврид аз чаҳорчӯбаи Қонун, берун баромада наметавонад ва, мувофиқан, дастуруламалҳо истифодабарандагони хизматҳоро фақат бо ташкилотҳои хизматрасон, самтҳои фаъолияти онҳо, тарзу усулҳои кори онҳо ва ғайра шинос мекунанд.

Баъзе тафсирҳоеро, ки дар Дастуруламали ВКД дар бораи оила ва аъзоёни оила дода шудаанд, баррасӣ мекунем. Мафҳумҳои мазкур ба маъние, ки дар Дастуруламал истифода шудаанд, он доираи ашхосеро, ки ба онҳо Қонуни ҶТ «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» мувофиқи моддаи 4 паҳн мегардад, инъикос намекунанд. Қонун ба шахсоне ишора мекунад, ки дар ақди никоҳ мебошанд ва бо пешбурди хоҷагии умумӣ якҷоя зиндагӣ мекунанд. Дар Даструлуамал бошад, ба оила шахсоне дохил мешаванд, ки дар ақди никоҳ мебошанд, шахсоне, ки бо якдигар муносибатҳои хешутаборӣ доранд, шахсоне, ки нисбати якдигар ҳуқуқу уҳдадориҳои молумулкӣ ва ғайримолумулкӣ доранд, доимӣ ва муваққатан якҷоя зиндагӣ мекунанд. Қонун дар бораи зиндагии муваққатӣ ишора намекунад.

Таҳиягарони Дастуруламал гумон кардаанд, ки доираи шахсоне, ки Қонун ба онҳо таъсир расонда метавонад, танг аст, аз ин рӯ кӯшиш кардаанд, ки онро дар Дастуруламал васеътар намоянд. Вале аз нуқтаи назари мартаботи санадҳои меъёрӣ ва техникаи қонунсозӣ тибқи моддаҳои 9 ва 24 Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» чунин амал ғайриқонунӣ ба ҳисоб меравад.

Дар банди 50 Дастуруламали ВКД гуфта шудааст, ки ҳамаи субъектҳои дар параграфи 5 Дастуруламал номбаршуда вазифадоранд, ки дар се моҳ як маротиба ба мақомоти корҳои дохилӣ дар бораи вуҷуд доштани умурҳои хизматрасонӣ ва суроғаю телефонҳои онҳо ҳисобот пешниҳод намоянд. Меъёри мазкур низ аз доираи ваколатҳои ВКД ва аз ҳудуди танзими Қонуни ҶТ «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» берун мебарояд. ВКД ҳуқуқ надорад, ки дар сатҳи Дастуруламали дохилӣ субъектҳои дигари пешгирии зӯровариро вазифадор кунад, ки ҳатман чунин ҳисобот пешниҳод намоянд, агар ин меъёр дар қонунҳо вуҷуд надошта бошад.

Дар баъзе дастуруламалҳои соҳавӣ оид ба амалкарди механизмҳои байнисоҳавӣ меъёрҳои муайяне вуҷуд доранд, ки бо Қонун пешбинӣ нагардидаанд ва талаб мекунанд, ки ба худи Қонун тағйиру иловаҳо ворид карда шаванд.

Ба ҷанбаҳои мусбати ҳамаи дастуруламалҳои таҳлилшаванда таваҷҷӯҳ бояд намуд. Тамоми дастуруламалҳои қабулшуда вазифаҳои худро оид ба тафсил додани фаъолияти кормандони милитсия, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ, Кумита ва шуъбаҳои кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати ҶТ иҷро менамоянд.

Масалан, дар банди 7 Дастуруламали ВКД қайд карда шудааст, ки барои фавран вокуниш нишон додан ба зӯроварии хонагӣ дар ҷои ҳодиса бояд камаш ду корманд ҳузур дошта бошанд. Онҳо шахсеро, ки зӯроварӣ содир намудааст, бояд ҷустуҷӯ ва дастгир намоянд, ҳатман ба шуъбачаи мушоҳидавии маҳаллии милитсия ё ба шуъбаи корҳои дохилии ҶТ баранд ва дар мавридҳои зарурӣ озордиҳандаро барои тайёр кардани ҳуҷҷатҳои зарурӣ дар маҳкамаи нигоҳдории муваққатӣ (минбаъд МНМ) ҷойгир намоянд.

Дар дастуруламал рӯихати шахсоне, ки ба аризаи онҳо дар бораи зӯроварӣ дар оила кормандони мақомоти корҳои дохилӣ вазифадоранд вокуниш нишон диҳанд, аниқ карда мешавад. Ба ин рӯихат на фақат худи ҷабрдидаҳо дохил мешаванд. Ин на хилофи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҶТ аст ва на хилофи Қонуни ҶТ «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила».

Дастуруламали ВКД инчунин уҳдадориҳои кормандони милитсияро дар бораи мушаххасгардони ҷабрдида, муайян кардани таҳдиди хатар ва вобаста ба он гузарондани ин ё он амали фаврӣ муайян мекунад. Тибқи Дастуруламал, корманди милитсия ба таҷовузгар амрномаи муҳофизатӣ медиҳад, сарфи назар аз он ки ба ҳаёти ҷабрдида хатар ё зӯроварии такрорӣ таҳдид мекунад ё не.
Дар банди 26 Дастуруламал гуфта шудааст: *«Дар ҳамаи мавридҳо, сарфи назар аз таҳдиде, ки корманди мақомоти корҳои дохилӣ муайян кардааст, ҷабрдида ҳуқуқ дорад нисбати шахсе, ки зӯроварӣ содир намудааст, амрномаи муҳофизатиро истифода барад. Агар ҷабрдида дар ҳолати заифии ҷисмонӣ ё рӯҳӣ (нотавонӣ) қарор дошта бошад, корманди мақомоти корҳои дохилӣ бо ризоияти хаттии ҷабрдида амрномаи муҳофизатӣ тартиб дода, татбиқ менамояд».*

Аммо дар қисми 1 моддаи 21 Қонуни ҶТ «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» қайд карда шудааст, ки барои баровардани амрномаи муҳофизатӣ муроҷиат оид ба ҳолати содир шудани зӯроварӣ дар оила ё таҳдиди содир намудани он асос мебошад. Яъне дар моддаи 21 гуфта нашудааст, ки барои додани амрономаи муҳофизатӣ ризояти хаттии ҷабрдида ҳатмӣ аст. Ариза дар бораи содир гардидани зӯроварӣ кофист ва ҳатмӣ нест, ки ариза аз номи ҷабрдида бошад.

Илова бар ин, ба назар гирифтан зарур аст, ки зӯроварӣ дар оила, агар боиси оқибатҳои вазнин ва ҷавобгарии ҷиноятӣ нагардида бошад, ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба ҳисоб меравад ва мувофиқи моддаи 93.[1] Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҶТ боиси ҷавобгарии маъмурӣ мегардад. Тибқи қисми 1 моддаи 81 Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҶТ, барои оғоз кардани парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ инҳо асос мегарданд:

- ✓ аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ (шахсони мансабдор), ки ваколати тартиб додани протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмуриро доранд, бевосита ошкор кардани маълумотҳои кофӣ, ки аз мавҷудияти ҳодисаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ шаҳодат медиҳанд;
- ✓ маводе, ки аз мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ворид шуда, дорои маълумоте мебошанд, ки аз мавҷудияти ҳодисаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ шаҳодат медиҳанд;
- ✓ хабару аризаҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, инчунин хабари воситаҳои ахбори омма, ки дорои маълумоти саҳеҳ ва воқеии гувоҳидиҳандаи мавҷудияти ҳодисаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ мебошанд.

Бинобар ин, тибқи меъёрҳои қонунгузорӣ, амрномаи муҳофизатиро бе ризоияти ҷабрдида ҳам додан мумкин аст.

Даструлуамал барои кормандони тиб оид ба вокуниш нишон додан ба ҳодисаҳои зӯроварӣ дар оила ва Дастуруламали ККЗО низ дорои меъёрҳое мебошанд, ки дар онҳо мушаххасгардонии ҷабрдида, муоширати аввалин бо ҷабрдида, қоидаҳои муошират бо ҷабрдидагон ва ғ. баён ёфтаанд. Ҳуҷҷатҳои мазкур ба принсипҳои ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд такя мекунанд, ки ин хеле муҳим аст.

Дастуруламал барои кормандони тиб доираи васеи кормандони ин соҳа: духтурони ёрии таъҷилӣ, духтурони оилавӣ, экспертҳои судии тиббиро фаро мегирад. Дар дастуруламал хусусиятҳои ошкорсозии ҷабрдидагон аз рӯи намудҳои зӯроварӣ дар оила, зӯроварӣ нисбати кӯдакон ва занҳои ҳомила, инчунин эҳтиёҷоти ҷабрдидагони ин намудҳои зӯроварӣ баён карда шудаанд. Ҳуҷҷати мазкур ҷанбаҳои махсуси ҷабрдидагонро аз рӯи ҷинс ба назар мегирад, ки ин яке аз ҷиҳатҳои мусбати дастуруламал ба шумор меравад. Масалан, дар банди 26 Дастуруламал барои кормандони тиб розигии миҷоз барои

гузаштан аз муоинаи духтури зан (хусусан барои зӯроварии шаҳвонӣ) қайд карда мешавад. Дар бандҳои 21 ва 22 Дастуруламали ККЗО низ машваратдиҳӣ ба ҷабрдидагони зӯроварии шаҳвонӣ баён гардидааст.

Дар ҳар кадоме аз ин дастуруламалҳо шаклҳои бақайдгирии ҷабрдидагон, шаклҳои бозфиристии ҷабрдидагон, шаклҳои ҳисобот нишон дода шудаанд. Лекин дар ҳар як дастуруламал ин шаклҳо аз якдигар фарқ мекунанд. Мутаассифона, дар Дастуруламали ВКД имконияту талаботи гурӯҳҳои гуногуни занон ба назар гирифта намешавад. Тибқи Дастуруламали мазкур, корманди милитсия бояд дараҷаи хатарро арзёбӣ намояд ва ҷабрдидаро барои расондани ёрии таъҷилӣ ба муасссисаи дигар равон кунад. Масалан, дар банди 46 қайд карда шудааст, ки танҳо дар мавриди зӯроварии шаҳвонӣ ҷабрдида расман барои гирифтани ёрии тиббӣ ба муассисаи тиббӣ фиристода мешавад. Дар мавридҳои дигар, тибқи банди 47 Дастуруламал, ҷабрдидагон метавонанд худашон ба дигар субъектҳои зарурии хизматрасонӣ раванд. Дар ин мавридҳо занҳои ҳомила, занҳое, ки бо кӯдаконашон дар кӯча бе ҷои истиқомат мондаанд, ба назар гирифта намешаванд.

Дар ягон дастуруламал таъкид карда нашудааст, ки бо зарардидагон на фақат боэҳтиромона, балки бо забони барояшон фаҳмо муошират бояд кард. Ҳуҷҷатҳо низ бояд ба ҷабрдида бо забони барояш фаҳмо шарҳу эзоҳ дода шаванд.

Сарфи назар аз пешқадам будани баъзе меъёрҳои асноди меъёрии қабулшуда оид ба бозфиристӣ, ташкили гурӯҳҳои кории байниидоравӣ ва ғ., онҳо бо меъёрҳои умумиҳатмии қабулшудаи меъёрмуқаррарсозӣ дар ҶТ мувофиқат намекунанд. Илова бар ин, стандарти ягонаи ҳамкорӣ бо ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила зарур мебошад, вале, мутаассифона, чунин стандарт дар дастуруламалҳои муассисаҳои гуногун дида намешавад.

Бинобар ин бо мақсади бартараф намудани камбудиҳо, такмил додани худи Қонуни ҶТ «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» ва дигар санадҳои қонунгузорӣ ба онҳо тағйиру иловаҳои зарурие ворид кардан лозим аст, ки ба баланд бардоштани самаранокии хизматҳои расондашаванда ва ҳимояи ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила мусоидат мекунанд.

Бо мақсади расман эътибор пайдо кардани санадҳои зерқонунии соҳавӣ ва мавриди истифодаи умум қарор додани онҳо зарур аст, ки санадаҳои мазкур дар Вазорати адлияи ҶТ ба қайди давлатӣ гирифта шаванд.

**Тавсияҳо:**

Бо мақсади ташкил намудани гурӯҳҳои кории байниидоравӣ дар сатҳи маҳал ва тасдиқ намудани тарзу усулҳои бозфиристӣ ба Қонуни ҶТ «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» тағйирот ворид карда шавад. Қарори Ҳукумати ҶТ «Дар бораи ташкил намудани Шӯрои байниидоравӣ оид ба ҳамоҳангсозии фаъолият ҷиҳати пешгирии зӯроварӣ дар оила» қабул намуда, дар он инчунин доир ба шаклу усулҳои бозфиристӣ муқаррарот ворид карда шавад.

Аз Дастуруламали ВКД чунин мафҳумҳо, ба монанди «оила», «аъзоёни оила» хориҷ карда шаванд, зеро онҳо бо қонунгузории ҶТ мувофиқат намекунанд.

Ба ҳамаи санадҳои меъёрии зерқонуние, ки барои кормандони субъектҳои пешгирии зӯроварӣ дар оила таҳия шудаанд, муқаррароти банди 25 дастуруламали ККЗО ворид карда шавад. Дар он гуфта шудааст: онҳое, ки ба ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила ёрӣ мерасонанд, бояд диққати онҳоро ба он ҷалб кунанд, ки зӯроварии содиршуда хатои онҳо нест ва онҳо барои гунаҳгори зӯроварӣ ҷавобгар нестанд.

Ба ҳамаи дастуруламалҳои номбаршуда оид ба вижагиҳои вокуниш ба ҳодисаҳои зӯроварӣ нисбати шахсони осебпазир ва дар ҳолати номусоид қарордошта: занҳо, кӯдакон, маъюбон, шахсони бо ВНМО зиндагикунанда, занҳои кӯдакдори бе ҷои истиқомат монда ва ғ. муқаррарот илова карда шаванд.

Дар дастуруламалҳо қоидаҳои муошират бо ҷабрдидагон бо забони барояшон фаҳмо, инчунин тарҷумаи ҳуҷҷатҳо ба забони фаҳмо барои хубтар шинос шудани онҳо бо ин ҳуҷҷатҳо пешбинӣ карда шавад.

Ба дастуруламали ВКД иловаи зерин ворид карда шавад: «кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ вазифадоранд, ки дар ҷои содир гардидани зӯроварӣ тарафҳо ва шоҳидон, аз он ҷумла кӯдаконро пурсанд ва пурсиш бояд дар хонаҳои алоҳида гузаронда шавад, то ба ҳар яки онҳо имконият диҳанд, ки озодона гап зананд».

Дар ҳар як дастуруламал муқаррароте ворид карда шавад, ки мувофиқи он кормандони муассисаҳои иҷтимоӣ, милитсия, шуъбаҳои кор бо занон ва оила, кормандони тиб ҳангоми ёрӣ расондан ба ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила пеш аз ҳама манфиату амнияти шахси аз зӯроварии оилавӣ ҷабрдидаро ба назар мегиранд ва барои нигоҳ доштани муносибатҳои оилавӣ сарфи назар аз манфиатҳои ҷабрдида кӯшиш намекунанд.

## 3. САМТҲОИ АСОСИИ ФАЪОЛИЯТИ СУБЪЕКТҲОИ КАЛИДИИ ИҶРОИ ҚОНУН ДАР САТҲИ МАҲАЛ

### 3.1. Фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ

Чӣ тавре ки мониторинг нишон дод, баъди қабули Барномаи давлатӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила дар ҶТ барои солҳои 2014 – 2023 фаъолияти асосии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бахри иҷрои Қонун бештар дар асоси нақшаҳои амале, ки бо қарори ҳукуматҳо тасдиқ гардидаанд, амалӣ карда мешавад.
Мушкилоти пешгирии зӯроварии гендерӣ, аз ҷумла зӯроварӣ дар оила, хусусияти байнисоҳавӣ дорад. Бинобар ин, самаранокии пешгирии зӯроварии гендерӣ ва кӯмакрасонӣ ба қурбониёни зӯроварӣ дар сатҳи маҳал аз бисёр ҷиҳат ба низоми мураттаби ҳамоҳангсозии амалиёт дар байни ҳамаи субъектҳои иҷрои Қонун вобаста мебошад.

**Иловаи 1. Аз Қонуни ҶТ «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила».** ***Моддаи 8. Ваколатҳои мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила***

Мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила ваколатҳои зеринро доранд:
- ✓ *таъмини иҷрои барномаҳои давлатӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила*;
- ✓ *таҳия, тасдиқ ва амалӣ намудани барномаҳои маҳаллӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила ва ҳамкорӣ бо дигар субъектҳои пешгирикунандаи зӯроварӣ дар оила*;
- ✓ *андешидани тадбирҳо оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила*;
- ✓ *таъсис додани муассисаҳое, ки ҳифзи иҷтимоӣ ва ҳуқуқии шаҳрвандонро аз зӯроварӣ дар оила амалӣ менамоянд*;
- ✓ *амалӣ намудани дигар ваколатҳое, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудаанд.*

Аз 6 шаҳру ноҳияи зерҳадаф, ки дар онҳо мониторинг ва арзёбии иҷрои Қонун гузаронда шудааст, дар 3 шаҳру ноҳияи вилояти Хатлон (шаҳри Бохтар, Кӯлоб ва ноҳияи Ҳамадонӣ) гурӯҳҳои кории байниидоравӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила ташкил карда шудаанд. Дар шаҳри Ваҳдат бо қарори ҳукумати шаҳр гурӯҳи корӣ дар назди бахши кор бо занон ва оила созмон дода шудааст. Дар ноҳияи Рӯдакӣ бо дастгирии

лоиҳаи муштараки Saferworld ва БРСММ «Тақвияти амнияти ҷамъиятӣ ва пешгирии хушунат алайҳи занон дар Тоҷикистон» ташкили гурӯҳи байниидоравӣ оғоз ёфт. Дар ноҳияи Ҳисор чунин гурӯҳ ҳанӯз ташкил карда нашудааст.

Ба туфайли ҳамкории Ҳукумати вилояти Хатлон бо лоиҳаи пешгирии зӯроварӣ дар оила (GOPA\PDV) ҳоло дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон 26 гурӯҳи кории байниидоравӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила, аз ҷумла як гурӯҳи вилоятӣ фаъолият мекунанд. Дар сатҳи ноҳияҳо/шаҳрҳо гурӯҳҳои байниидоравӣ дар асоси амри раисони ноҳияҳо/шаҳрҳо ташкил намуда, Низомномаи гурӯҳҳо ва ҳайати онҳо тасдиқ карда шудаанд. Дар шаҳри Кӯлоб ва ноҳияи Ҷайҳун чунин гурӯҳҳои корӣ бо кӯмаки Бюрои САҲА дар Тоҷикистон ташкил карда шудаанд[1].

*Ман дар ноҳия сардори гурӯҳи кории байниидоравӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ мебошам. Ба гурӯҳи кории мо намояндагони сохторҳои гуногун: шуъбаи кор бо занон, шуъбаҳои фарҳанг, тандурустӣ, маориф, ҷавонон, комиссияи ҳуқуқи кӯдак, муовинони раисони ҷамоатҳо оид ба идеология ва дигарон дохил мешаванд. Бахши кор бо занон ва оила маҷлисҳои гурӯҳро ташкил намуда, фаъолияти гурӯҳро ба роҳ мемонад. Мо бо ташкилоти байналмилалии «GOPA» ҳамкории зич дорем. Масалан, мувофиқи нақша мо бояд 30 октябри соли 2019 бо иштироки Елена Максименко ва Шарифова Фирӯза бо мақсади таҳкими нерӯи кормандон семинар гузаронем. Бовар дорам, ки баъди гузарондани ин семинар кормандон донишҳои нав гирифта, ба кор бо аҳолӣ беҳтар тайёр мешаванд.*

Мусоҳибаи №26, 28.10.19, ш. Кӯлоб.

*Дар шаҳри Ваҳдат бо масъалаи пешгирии зӯроварӣ дар оила пеш аз ҳама шуъбаи корҳои дохилӣ, шуъбаи кор бо занон ва оила, мақомоти тандурустӣ ва дигарон машғул мешаванд. Кормандони соҳаи идеологияи Ҳукумат бо ҳамаи ин сохторҳо зич ҳамкорӣ мекунанд. Муовини Раиси Ҳукумат фаъолияти ҳамаи ташкилотҳои шаҳр ва ноҳияро, ки ба пешгирии зӯроварӣ дар оила ҷалб гардидаанд, ҳамоҳанг месозад. Мо дар асоси Қарори Ҳукумати ҶТ «Дар бораи барномаи давлатии пешгирии зӯроварӣ дар оила» нақшаи амалиёт тартиб додем, ки онро раиси ҳукумати ш. Ваҳдат тасдиқ намуд. Шуъбаи кор бо занон ба ин кор масъул мебошад. Мо тибқи нақшаи фаъолият бо ин шуъба хеле зич ҳамкорӣ мекунем.*

Мусоҳибаи №1, 18.10.19, ш.Ваҳдат

Фаъолияти мақомоти маҳаллии иҷроияи ҳокимияти давлатиро оид ба масъалаи зӯроварӣ дар оила ба ду самти асосӣ ҷудо кардан мумкин аст: чорабиниҳои профилактикӣ бо мақсади пешгирии зӯроварӣ, аз ҷумла чорабиниҳои таълимӣ ва фаҳмондадиҳӣ, ва расондани ёрӣ ба ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила.

*Вақте ки мо мурoҷиатҳоро оид ба масъалаи зӯроварӣ дар оила таҳлил намудем, маълум шуд, ки танҳо фаъолияти як мақомот, хоҳ он шуъбаи кор бо занон бошаду хоҳ мақомоти дигар, барои мубориза бо ин иллати ҷомеа кофӣ нест. Аз сабаби он ки зӯроварӣ дар оила аксари вақтҳо нисбати кӯдакон содир карда мешавад, қарор дода шуд, ки ба ҳайати гурӯҳи байниидоравӣ намояндагони Комиссия оид ба ҳуқуқи кӯдак дохил карда шаванд. Судҳоро низ ба ин кор ҷалб намудем.*

*Раиси шаҳр дар яке аз маҷлисҳо оид ба зӯроварӣ дар оила махсус масъала ба миён гузошт: «худаш чӣ гап, ҳар саҳар, вақте ки дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳо маълумот меоранд, ҳатман ҳодисаҳои ба қайд гирифташудаи лату кӯб ва зӯроварӣ ҳастанд. Аз 10 маълумот 6-8 маълумот ба мушкилоти зӯроварӣ дар оила ва маҳз ба лату кӯб дахл дорад.»*

*Моҳи декабри соли 2018 бо дастгирии хазинаи Авросиё мо таҳти унвони «Пешгирии зӯроварӣ дар оила» дастуруламал таҳия намудем ва мувофиқи он инчунин дигар мақомоти давлатӣ, ба монанди шуъбаи танзими ҷашну маросимҳо ва шуъбаи ҳифзи иҷтимоиро ба фаъолият ҷалб кардем. Мо ба чунин хулоса омадем: онҳоеро ҷалб кардан лозим аст, ки одамон ба гапи онҳо гӯш медиҳанд, яъне аз он ҷумла имомхатибонро. Онҳо пешниҳоди моро дастгирӣ намуданд. Имрӯз онҳо яке аз субъектҳои асосие мебошанд, ки якҷоя бо шуъбаи кор бо занон ва оила дар масъалаи пешгирии зӯроварӣ кор мекунанд Яъне ин на фақат ҳамкорӣ, балки яке аз самтҳои асосии фаъолияти онҳост.*

Мусоҳибаи №4, 11.10.19, Ваҳдат

---

[1] Ниг.: GOPA/PDV дар ҶТ. Тавсифи сохторҳо ва тарзу усулҳои кӯмакрасонӣ ва ҳимояи қурбониёни зӯроварӣ дар оила дар вилояти Хатлон ва ш. Душанбе. Ҳисоботи таҳлилӣ. Ҳисоботро коршиноси байналмилалӣ Виорелия Русу таҳия намудааст. Душанбе, майи 2017, с.7-8.

Чуноне аз мусоҳибаҳо бо намояндагони сохторҳои гуногуни давлатӣ, ВАО ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ бармеояд, дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳои зерҳадаф оид ба ҷанбаҳои гуногуни зӯроварии гендерӣ ва зӯроварӣ дар оила вохӯриҳои зиёди омӯзишию иттилоотӣ бо аҳолӣ, семинарҳо, чорабиниҳо, барномаҳои радиоӣ ва ғ. ташкил карда мешаванд. Аммо, чӣ тавре ки аз мусоҳибаҳои гурӯҳӣ бо мардҳо ва занон, инчунин аз мусоҳибаҳо бо намояндагони сохторҳои давлатӣ маълум мешавад, аксар вақт дар вохӯриҳо бо аҳолӣ ё ба ном «семинарҳо» гурӯҳи калони масъалаҳо баррасӣ карда мешаванд. Дар чаҳорчӯбаи як чорабинӣ ҳам масъалаҳои иҷрои Қонунҳои ҶТ «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо», «Дар бораи масъулияти падару модар дар тарбияи фарзанд», «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» ва ҳам масъалаҳои дигар муҳокима карда мешаванд. Ҳамаи ин қонунҳо бешубҳа бо якдигар алоқамананданд. Вале фаҳмо нест, ки масъалаҳои пешгирии зӯроварӣ дар оила дар чунин чорабинӣ то кадом андоза афзалиятнок буданд ва иштирокчиён оид ба масъалаҳои ҷавобгарӣ барои зӯроварӣ дар оила, ҳуқуқҳои ҷабрдидагони зӯроварӣ ва ғ. то кадом андоза иттилооти пурра гирифтанд. Бинобар ин бисёре аз иштирокчиёни мусоҳибаҳои гурӯҳӣ гуфтанд, ки дар вақти вохӯрӣ масъалаи зӯроварӣ дар оила муҳокима карда нашуд.

Дар ноҳияҳо/шаҳрҳо тадқиқотчиён ҳангоми ҷамъоварии маълумоти оморӣ ва пур кардани кортҳои иттилоотӣ бо душвориҳои зиёде дучор гардиданд. Аз сабаби он ки қариб дар ҳамаи ноҳияҳо низоми мукаммали баҳисобгирии чорабиниҳои гузарондашуда ва бақайдгирии муроҷиатҳои ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила ба роҳ монда нашудааст, махзани умумии маълумот оид ба чорабиниҳои гузарондашуда низ вуҷуд надорад. Аксар вақт кормандони сохторҳои соҳавӣ дар вақти мусоҳиба як рақамро номбар мекунанд, ҳангоми пур кардани корти иттилоотӣ рақами дигарро менависанд, дар ҳисобот ба мақомотҳои ҷумҳуриявӣ бошад, рақами сеюмро пешниҳод менамоянд.

Дар вилояти Хатлон бо дастгирии фаъолонаи лоиҳаи GOPA\PDV дар соли 2019 шуъбаҳо/бахшҳои кор бо занон ва оила ба ҷамъоварии маълумот оид ба миқдори муроҷиатҳо, баррасии аризаҳо, оид ба ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила мувофиқи нишондиҳандаҳои гуногун, инчунин оид ба хизматҳои расондашуда ва ғ. фаъолонатар сар карданд. Аммо, чӣ тавре ки мониторинг нишон дод, дар шаҳру ноҳияҳо махзани васеи умумии маълумот ҳанӯз ташкил карда нашудааст.

**Иловаи 2. Миқдори муроҷиатҳо ба сохторҳои соҳавӣ оид ба масъалаҳои зӯроварӣ дар оила дар ш. Бохтар дар 9 моҳи соли 2019**

Оид ба масъалаҳои зӯроварӣ дар оила ҳамагӣ 323 муроҷиат ворид гардид. Аз онҳо:

- 29 муроҷиат ба шуъбаи кор бо занон ва оила
- 72 муроҷиат ва ШВКД, аз онҳо 35 муроҷиат оид ба зӯроварӣ дар оила
- 42 муроҷиат ба КАТС
- 91 муроҷиат ба ТҶ "Дилафруз"
- 89 муроҷиат ба ТҶ "Ғамхорӣ"

Сарфи назар аз он ки дар дастуруламалҳои идоравии ВКД, ВТҲИА, ККЗО, инчунин дар дастуруламал барои мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон оид ба ҳамкории субъектҳо дар масъалаи пешгирии зӯроварӣ ва вокуниш ба ҳодисаҳои зӯроварӣ дар оила шаклҳои мушаххаси бақайдгирӣ нишон дода шудаанд, дар ин самт корҳо суст пеш мераванд. Илова бар ин, дар сохторҳое, ки бақайдгирии муайяни муроҷиатҳоро ба роҳ мондаанд, ҳамаи ин на дар шакли электронӣ, балки дар шакли коғазӣ анҷом дода мешавад. Аксар вақт бо сабаби аз кор рафтани кормандони пештара ё ҷойивазкунии кадрҳо дар як қатор сохторҳои соҳавӣ китоб ё дафтари бақайдгирии муроҷиатҳо барои давраҳои гузаштаи фаъолият умуман нигоҳ дошта намешавад.
Баъзе тадқиқотчиён ҳангоми боздид аз муассисаҳои гуногуни давлатӣ шоҳиди он гаштанд, ки дар ин ҷойҳо ба шахсони оид ба зӯроварӣ дар оила муроҷиаткарда

машваратҳо доданд ё ба дигар муассисаҳои соҳавӣ фиристоданд, вале инро дар ягон дафтари мурочиатҳо қайд накарданд.

Тарзу усулҳои бозфиристии ҷабрдидагони зӯроварии оилавӣ ба дигар ташкилотҳои дахлдор такмил дода нашудаанд. Шакли ягонаи бозфиристии ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила аз тарафи ягон кас тасдиқ карда нашудааст. Ба истисноИ ШВКД, ки дар он бозфиристиҳо то андозае ба қайд гирифта мешаванд, дар сохторҳои дигар бақайдгирии мунтазам ва доимӣ вуҷуд надорад ё суст ба роҳ монда шудааст.

Яке аз сабабҳои вуҷуд надоштани бақайдгирии мунтазам ва доимии корҳои профилактикӣ ва мурочиатҳои ҷабрдидагони зӯроварӣ дар сатҳи ноҳия/шаҳр, ба фикри мо, дар нақшаҳои амалиёти ноҳияҳо/шаҳрҳо мавҷуд набудани вазифаю тадбирҳо ҷиҳати гузарондани мониторингу арзёбии мунтазами иҷрои нақшаҳо, таҳлили вазъияти зӯроварӣ дар оила, сабабҳои натиҷа надодани фаъолияти амалишаванда ва ғ. мебошад. Агар ҳукуматҳои шаҳру ноҳияҳо ва сохторҳои соҳавии онҳо бо ин масъала ҷиддӣ машғул мешуданд, он гоҳ онҳо ба вуҷуд доштани маълумоти оморӣ дар бораи мурочиатҳои шаҳрвандон оид ба зӯроварӣ дар оила бо тавсифи ҷабрдидагон, шахсони зӯроварӣ содиркарда, намудҳои зӯроварӣ, оқибатҳои зӯроварӣ ва ғ. талабот пайдо менамуданд. Бинобар ин тасодуфӣ нест, ки дар ноҳияҳои зерҳадафи вилояти Хатлон (дар ин ҷо аз ҷониби лоиҳаи PDV дар ин самт корҳои зиёде анҷом дода мешаванд) баъзе кормандони сохторҳои давлатии соҳавӣ гуфтанд, ки намефаҳманд барои чӣ бақайдгирӣ аз рӯи бисёр нишондиҳандаҳои дар дастуруламалҳо пешниҳодшуда зарур аст.

Бисёре аз мусоҳибон иброз доштанд, ки кори ҳукуматҳои маҳаллӣ ҷиҳати ҳамоҳангсозии фаъолият дар байни сохторҳои гуногуни давлатие, ки барои иҷрои Қонун масъул мебошанд, суст аст.

*Росташиро гӯям, ҳамоҳангсозии фаъолияти ҳамаи сохторҳои ба ин кор сафарбаршуда рӯякӣ, дар рӯи когаз аст, ҳар як мақомот кӯшиш мекунад, ки ягон корро анҷом диҳад, лекин бе ҳамоҳангсозӣ бо мақомотҳои дигар. Баъзе ҳамкориҳо ҳастанд, албатта, вале дар айни замон як навъ мустақилкорӣ мушоҳида карда мешавад. Мехостем, ки ҳамоҳангсозии зичтар вуҷуд дошта бошад. Агар мақомотҳои мо якҷоя ва муттафиқона кор кунанд, ин қувваи бузург аст, ин асоси хуб аст барои кори самарабахш бо аҳолӣ.*

Мусоҳибаи №1, 18.10.19, ш.Ваҳдат

*Мо асосан ба туфайли рушди ҳамкории байни ташкилотҳои гуногун метавонем, ки ин ё он вазифаро оид ба пешгирии зӯроварии оилавӣ ва кӯмакрасонӣ ба ҷабрдидагони зӯроварӣ иҷро намоем. Лекин, мутаассифона, баъзан мебинем, ки на ҳамаи муассисаҳо ва шарикон ба ин мушкилот таваҷҷӯҳ зоҳир мекунанд. Дар ин самти фаъолият корҳо бисёранду натиҷаҳояшон хеле кам. Зеро ин самти фаъолият самтест, ки барои ба даст овардани натиҷаҳо захираю вақти зиёд зарур аст.*

Мусоҳибаи №23, 25.10.19, ш.Бохтар

*Дар ноҳияи мо кори пешгирии зӯроварӣ суст ҳамоҳанг карда мешавад, сохторҳои гуногуни ҳукумат, ШКД ва мақомоти дигар дар ин самт ҳамкорӣ намекунанд. Баъзе раисони маҳаллаҳо дар масъалаи зӯроварӣ дар оила умуман мавқеи бетарафиро мегиранд. Ба қурбониёни зӯроварӣ саривақт ёрӣ намерасонанд. Агар ҳамкории байни ҳамаи ташкилотҳо хуб ба роҳ монда шавад, ҳодисаҳои зӯроварӣ кам мешаванд. Ғайр аз ин, самаранокии фаъолияти мазкур аз он вобаста аст, ки ҳамкорӣ чӣ тавр ба роҳ монда, фаъолияти байни ҳамаи субъектҳои иҷрои Қонун дар бораи зӯроварӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ чӣ тавр ҳамоҳанг карда шудааст. Он гоҳ дар сатҳи ноҳия низ ҳамкориҳо ривоҷ ёфта, ҳама якҷоя ва муттафиқона амал хоҳанд кард.*

Мусоҳибаи №12, 19.10.19, ноҳияи Рӯдакӣ

*Қонуни қабулшуда ба камшавии зӯроварӣ мусоидат хоҳад кард, агар ҳама, ҳам аҳолӣ ва ҳам мақомоти давлатӣ, якҷоя мувофиқи ин қонун кор кунанд. Ташкилоту муассисаҳое, ки дар ин самт кор мекунанд, бояд фаъолияти худро ҳамоҳанг созанд, на фақат барои худнамоишдиҳӣ ё ҳисобот, балки дар ҳақиқат бояд дар байни мардум бошанд, ба одамон оқибатҳои зӯровариро фаҳмонанд. Барои ин кормандони дин, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигаронро истифода бурдан зарур аст.*

Мусоҳибаи №19, 25.10.19, ш. Ҳисор

Ғайр аз мушкилоти ҳамоҳангсозии фаъолияти байни сохторҳои давлатӣ инчунин масъалаи рушди таҷрибаи мусбати ҳамкории мақомоти корҳои дохилӣ, бахшҳои кор бо занон ва оила, марказҳои саломатии репродуктивӣ бо ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи пешгирии зӯроварӣ ва кӯмакрасонӣ ба ҷабрдидагони зӯроварӣ яке аз масъалаҳои муҳим ба шумор меравад.

*Дар ноҳияи мо ҳамкорӣ бо шарикон аз зумраи ташкилотҳои ҷамъиятӣ, хусусан бо ТҶ «Ғамхорӣ» ва ТҶ «Дилафруз» хуб ба роҳ монда шудааст. Онҳо ҳар рӯз ба мо кӯмак мерасонанд. Бе кӯмаки онҳо барои мо кор кардан бо ҷабрдидагон, инчунин кор кардан дар самтҳои дигар хеле душвор мешуд.*
Мусоҳибаи №20, 08.11.19. ш.Бохтар

*Раисони маҳаллаҳо бо оилаҳое, ки дар онҳо аксар вақт мунокишаю ҳодисаҳои зӯроварӣ рӯй медиҳанд, кор мебаранд. Дар ин самт бо мо инчунин ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва шӯроҳои занон хуб кор мекунанд.*
Мусоҳибаи №38, 18.10. 19., ноҳияи Ҳамадонӣ

## 3.2. Фаъолияти сохторҳои минтақавии ВКД

Дар системаи ВКД бо масъалаҳои ошкорсозӣ, бақайдгирии ҳодисаҳои зӯроварӣ дар оила ва дастгирии ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила махсус Раёсати ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ машғул мебошад. Солҳои охир ба ин фаъолият Шӯрои ҷамъиятии назди ВКД ҶТ оид ба мусоидати ҷомеаи шаҳрвандӣ ба ислоҳоти милитсия ҳамроҳ шуд.

**Фаъолияти нозирони ШКД оид ба зӯроварӣ дар оила ва нозирони минтақавӣ**
Аз соли 2010 бо дастгирии лоиҳаи САҲА ба сохтори штатии як қатор РВКД ва ШВКД-ҳо вазифаи нозир оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила ҷорӣ карда шуд. Дар лаҳзаи гузарондани мониторинги ҷамъиятӣ нозирон оид ба пешгирии зӯроварии оилавӣ дар 15 бахши минтақавии ВКД, аз ҷумла дар 3 шаҳри зерҳадаф: ш. Бохтар, ш. Кӯлоб ва ш. Ваҳдат фаъолият мекарданд.[2] Ба истисноѝ ш. Ваҳдат, дар ноҳияҳо/шаҳрҳои боқимонда ҳамаи нозирон занҳо мебошанд. Нозирон оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила дар робитаи зич бо нозирони минтақавии ШКД кор мекунанд.

Самтҳои асосии фаъолияти нозирон оид ба мубориза бо зӯроварӣ дар оила ва нозирони минтақавӣ дар ин соҳа бо ваколатҳои ШКД оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила, ки дар моддаи 11 Қонун баён ёфтаанд, ва тибқи муқаррароти асосии Дастуруламал оид ба ташкили фаъолияти кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ҷиҳати пешгирӣ, бартарафсозӣ ва вокуниш ба ҳодисаҳои зӯроварӣ дар оила, бо фармони вазири ВКД № 27б\з аз 20.04.2016 тасдиқ гардидааст, муайян карда мешаванд.

[2] РВКД ш.Душанбе-5. (Фирдавсӣ-1, Фирдавсӣ-2, Шоҳмансур-1, Шоҳмансур-2, Сино-2), вилояти Хатлон -4 (ШВКД ш.Бохтар, ш. Кӯлоб, ноҳияҳои Ҷайҳун, Дӯстӣ), вилояти Суғд-3 (ШВКД Хуҷанд, Панҷакент, Исфара), РВКД Рашт-1, ш.Ваҳдат, ШВКД ш. Хоруғ-1

**Расми 1. Вазифаҳои асосии нозир оид ба мубориза бо зӯроварӣ дар оила.**




*Фаъолияти мо бевосита бо масъалаҳои зӯроварии оилавӣ алоқаманд аст. Ман асосан бо масъалаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва ҷиноятии шахсоне, ки нисбати аъзои хонаводаашон зӯроварӣ содир намудаанд, ҳалли мунокишаҳои оилавӣ, масъалаҳои бекор кардани ақди никоҳ ва маскунсозии зан дар хонаи шавҳари собиқ, инчунин бо масъалаи рӯёндани алимент ва тартиб додани протоколҳо машғул мебошам, аз шаклҳои гуногуни кор бо таҷовузкорон ва қурбониёни зӯроварӣ истифода мебарам.*

Мусоҳибаи №20, 08.11.19, ш.Бохтар

*Соли 2018 ва дар 6 моҳи соли 2019 мо 180 аризаро дар бораи зӯроварӣ аз тарафи шавҳар, ҳамзист, шавҳари собиқ, хушдоман, хоҳарони шавҳар ва дигарон баррасӣ намудем. Аз онҳо 9 ариза ба суд фиристода шуд, ба 4 нафар мувофиқи моддаи 93, қисми 1 протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода шуд, ба 45 нафар, ки зӯроварии оилавӣ содир намудаанд, дар бораи роҳ надодан ба зӯроварӣ дар оила амрномаҳои муҳофизатӣ дода шуд. Дар ШВКД-и ш. Кӯлоб оид ба оилаҳои мушкилотдошта 30 парванда ба қайд гирифта шуд, ҳамаи онҳо зери назорати ҷиддӣ мебошанд.*

Мусоҳибаи №27, 18.10.19, ш.Кӯлоб

*Мо бо он қурбониёни зӯроварӣ кор мебарем, ки хаттӣ ё даҳонӣ ба мо муроҷиат мекунанд ё мо худамон ҳангоми хона ба хона гаштанамон дар маҳаллаҳо, деҳаҳо ва ҷамоатҳо ошкор менамоем. Ғайр аз он ки дар ШКД китоби сабти муроҷиатҳо ва аризаҳо вуҷуд дорад, мо ҳар як аризаро боз дар китоби бақайдгирии худамон сабт мекунем. Нисбати шахсоне, ки зӯроварӣ содир намудаанд, мо парванда оғоз мекунем, вобаста ба ҳодисаи мушаххаси зӯроварӣ протокол ё амрномаи муҳофизатӣ тартиб медиҳем ва ё барои қабули қарори дахлдор ба суд мефиристем. Инчунин барои пешгирии зӯроварӣ якҷоя бо шуъбаи кор бо занон ҳам бо шахсоне, ки зӯроварӣ содир намудаанд, ва ҳам бо қурбониёни зӯроварӣ суҳбатҳо мегузаронем.*

Мусоҳибаи №1, 18.10.19, ш. Ваҳдат

Мониторинг нишон дод, ки бар хилофи дигар субъектҳои Қонун дар мақомоти корҳои дохилӣ муроҷиату аризаҳо дар бораи умуман зӯроварӣ ва хусусан зӯроварӣ дар оила нисбатан мунтазамтар ба қайд гирифта мешаванд. Вале аз сабаби он ки ҳамаи ин дастӣ анҷом дода мешавад, хоҳу ноҳоҳ дар маълумоти оморӣ дар байни маълумоти аз ноҳияҳо/шаҳрҳо гирифташуда ва маълумоти омории умумии ВКД номувофиқатӣ ва фарқият дида мешавад. Мутаассифона, на дар ҳамаи ноҳияҳо тадқиқотчиён тавонистанд, ки нишондиҳандаҳои ба нақша гирифташударо ҷамъоварӣ намоянд ва на ҳамаи

нишондиҳандаҳо бо якдигар мувофиқат мекунанд.[3] Дар айни замон, маълумоти расмии ВКД ва маълумоти дар ноҳияҳои зерҳадаф ҷамъоваришуда ба куллӣ хусусияти гендерӣ доштани ҳодисаҳои ба қайд гирифташудаи зӯроварӣ дар оиларо собит менамоянд.

Тибқи маълумоти ВКД, умуман дар ҷумҳурӣ аз шумораи умумии 2911 аризаю шикояти дар 9 моҳи соли 2019 баррасишуда дар 81,6% ҳолатҳо зӯроварӣ нисбати зан аз тарафи шавҳар, дар 18,4% ҳолатҳо зӯроварӣ аз тарафи зан содир шудааст. Дар соли 2018 ин нишондиҳандаҳо мувофиқан 84,5% и 15,5%-ро ташкил медоданд.

Дар давоми 9 моҳи соли 2019 дар ҳамаи 6 ноҳияи зерҳадаф 271 ариза ё муроҷиат оид ба зӯроварӣ дар оила ба қайд гирифта шудааст. Мувофиқи маълумотҳои дар ноҳияҳо/шаҳрҳои зерҳадаф ҷамъоваришуда, доираи шахсоне, ки дар оила зӯроварӣ содир намудаанд, хеле васеъ мебошад: аз шавҳар/ҳамзист/шавҳари собиқ сар карда, то хешовандони дигар. Лекин миқдори аз ҳама зиёди зӯроварӣ одатан аз тарафи шавҳар/хамзист/шавҳари собиқ содир карда шудааст. Дар ноҳияи Ҳисор ва ш. Ваҳдат маълумоти нопурра пешниҳод карда шуд ва, мутаассифона, на ҳамаи нишондиҳандаҳо бо якдигар мувофиқат мекунанд. Тибқи маълумоти умумии ВКД, дар 9 моҳи соли 2019 дар Ҳисор ҳамагӣ 81 ариза баррасӣ карда шуд, аз онҳо: 69 (85,2%) ҳодисаи зӯроварӣ дар оиларо мардҳо, 12 (14,8%) ҳодисаи зӯровариро занҳо содир кардаанд. Дар ш. Ваҳдат 24 муроҷиат баррасӣ карда шуд, ки дар ҳамаи онҳо занҳо ба сифати таҷовузкор баромад мекунанд.

**Расми 2. Шахсоне, ки дар оила зӯроварӣ содир намудаанд, мувофиқи аризаҳои дар шаҳру ноҳияҳои зерҳадаф ба қайд гирифташуда (тибқи маълумоти ШВКД дар 9 моҳи с. 2019)**




Дар ҳамаи ноҳияҳо/шаҳрҳо, ғайр аз Кӯлоб, шахси асосие, ки нисбати зан зӯроварӣ содир намудааст, шавҳар/ҳамзист/шавҳари собиқ мебошад, баъд хушдоман, хоҳарони шавҳар. Дар ш. Кӯлоб ҳар як ҳодисаи дуюми зӯроварӣ аз тарафи хушдоманҳо ва хоҳарони шавҳар содир карда шудааст. Дар ноҳияи Ҳамадонӣ ва ш. Кӯлоб ҳодисаҳои зӯроварӣ аз тарафи хусур/бародарони шавҳар бисёр вомехӯранд (ниг. расми 3)

[3] Сарфи назар аз муроҷиатҳои чандинкаратаи тадқиқотчиён ба сохторҳои соҳавӣ маълумотҳои пурра пешниҳод карда нашуданд. Баҳонаи асосӣ – хеле банд будан бо корҳои дигар.

**Расми 3. Рӯихати шахсоне, ки дар оила зӯроварӣ содир намудаанд, ва муносибати онҳо бо ҷабрдидагон (дар асоси аризаҳое, ки дар ШВКД ноҳияҳои зерҳадаф дар 9 моҳи соли 2019 ба қайд гирифта шудаанд)**




Тибқи маълумоти пешниҳодшуда, дар ш. Бохтар, ш. Кӯлоб ва ноҳияҳои Ҳамадонӣ ва Рӯдакӣ дар 9 моҳи соли 2019-ум 62% занони ҷабрдида ба зӯроварии ҷисмонӣ, 17% - ба зӯроварии иқтисодӣ, 11% - ба зӯроварии рӯҳӣ, 4% - ба зӯроварии шаҳвонӣ ва 6% - ҳамзамон ба якчанд намуди зӯроварӣ дучор гардиданд.

**Расми 4. Тақсимоти ҳодисаҳои зӯроварӣ дар оила мувофиқи намудҳои зӯроварӣ (аз рӯи маълумоти ШВКД-и 4 шаҳр/ноҳияи зерҳадаф дар 9 моҳи соли 2019)**




Аз маълумоти расми 5 маълум мегардад, ки ба зӯроварии оилавӣ занҳои гуногунсол, аз ноболиғон сар карда, то занҳои калонсол дучор мешаванд. Зиёда аз нисфи қурбониёни зӯроварӣ, мувофиқи маълумоти се минтақа (ш. Бохтар, ш. Кӯлоб ва ноҳияи Ҳамадонӣ) дар 9 моҳи соли 2019, ба гурӯҳи синнусолии аз 25 то 49-сола дохил мешаванд. Ҳиссаи гурӯҳҳои дигар: ноболиғон - 9,8%, 18-24-сола – 27,4%, 50-сола ва аз ин боло 8,8%.

Расми 5. Тақсимоти ҷабрдидагони зӯроварии оилавӣ мувофиқи синну сол (аз рӯи маълумоти ШВКД-и 3 шаҳр/ноҳияи зерҳадаф дар 9 моҳи соли 2019)




Мусоҳибаҳо бо нозирон оид ба мубориза бо зӯроварӣ дар оила, нозирони минтақавӣ, инчунин мушоҳидаҳои тадқиқотчиён нишон доданд, ки ба мақомоти корҳои дохилӣ бо масъалаҳои зӯроварии оилавӣ ҳам худи ҷабрдидагон ва ҳам хешовандон, раисони кумитаҳои фаъолазанони маҳалла ва дигарон муроҷиат мекунанд.

*Ҷабрдидагони зӯроварии оилавӣ қариб ҳар рӯз бо масъалаҳои гуногун: масъалаҳои манзилӣ ва молиявӣ, масъалаҳои зӯроварӣ аз тарафи хушдоман, шавҳар, ҳамзист муроҷиат мекунанд. Масалан, фақат 18.10.2019, яъне имрӯз мо мушкилоти 3 оиларо баррасӣ намудем. Мо дафтари махсус дорем, ки дар он аризаҳои шаҳрвандон ба қайд гирифта мешаванд. Мо якҷоя бо нозирони минтақавӣ мушкилоти онҳоро дар ҷояш баррасӣ намуда, ба онҳо ёрии зарурӣ мерасонем.*
*Мусоҳибаи №27, 18.10.19, ш. Кӯлоб*

*Худи ҷабрдидагон, мутаассифона, ба мо кам муроҷиат мекунанд. Шояд онҳо аз таҷовузкор метарсанд, метарсанд, ки агар ба милитсия муроҷиат кунанд, вазъият боз ҳам бадтар мешавад. Аксар вақт ба мо раисони кумитаҳои маҳалла, шуъбаи кор бо занони шаҳр ва ташкилотҳои ҷамъиятие муроҷиат мекунанд, ки қурбониёни зӯроварӣ ба онҳо муроҷиат кардаанд. Ҳамин тавр ҷабрдидагон онҳоро ба назди мо равон мекунанд.*
*Мусоҳибаи №20, 08.11.19, ш. Бохтар*

Ҳангоми гузарондани мониторинг ба татбиқи чораҳои ҷазо нисбати гунаҳгорони зӯроварӣ диққат дода шуд. Ба гуфти нозирон, онҳо ҳангоми татбиқи чораҳо, дар навбати аввал, арзёбии ҳар як ҳодисаи мушаххаси зӯроварӣ, ҳолати рӯҳӣ ва ҷисмонии ҷабрдидаро ба назар гирифта, мувофиқи меъёрҳои тавсиянамудаи Қонун ва дастурламалҳои ВКД оиди вокуниш ба зӯроварӣ тадбирҳои дахлдор меандешанд. Соли 2018 дар ноҳияҳои зерҳадаф аз рӯи натиҷаҳои баррасии зӯроварии содиршуда 23 парвандаи ҷиноятӣ, дар 9 моҳи соли 2019 бошад, 47 парванда оғоз карда шуд. Як қисми мавод барои баррасӣ ба мақомоти дигар фиристода шуд.

**Иловаи 3. Аз Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҶТ**

**Моддаи 93[1]. Риоя накардани талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила**

*Барои риоя накардани талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила, яъне содир намудани кирдори қасдонаи дорои хусусияти ҷисмонӣ, рӯҳӣ ё иқтисодӣ ё таҳдиди содир намудани онҳо дар муносибатҳои оилавӣ, агар ин кирдор боиси поймол шудани ҳуқуқ ва озодиҳои аъзои оила гардад, ҳангоми набудани аломатҳои ҷиноят, -* ***ба шахсони воқеӣ ба андозаи аз ду то панҷ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад*** **(ҚҶТ АЗ 19.03.13 С.№938)**

**Моддаи 93[2]. Риоя накардани талаботи амрномаи муҳофизатӣ**

*Барои риоя накардани талаботи амрномаи муҳофизатӣ, -*

*ба шахсони воқеӣ ба андозаи аз панҷ то даҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима ё ҳабси маъмурӣ ба мӯҳлати аз панҷ то понздаҳ шабонарӯз таъйин карда мешавад.* **(ҚҶТ АЗ 19.03.13 С.№938)**

Дар солҳои 2018-2019 дар шаҳру ноҳияҳои зерҳадаф тибқи моддаҳои 93[1] ва 93[2] Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҶТ оид ба содир намудани зӯроварӣ дар оила 374 протоколи маъмурӣ тартиб дода шуд (ниг. ҷадвали 3). Ба 269 нафар шахсоне, ки дар оила зӯроварӣ содир намудаанд, ба муҳлати то 15 рӯз амрномаи муҳофизатӣ дода шуд. Дар асоси аризаи ҷабрдида ё намояндаи қонунии он муҳлати амали амрномаи муҳофизатиро бо дархости сардори мақомоти корҳои дохилӣ ва иҷозати прокурор то 30 рӯз дароз кардан мумкин аст. Шахсе, ки амрномаи муҳофизатӣ гирифтааст, вазифадор аст, ки ҳамаи шартҳои дар он нишон додашударо иҷро кунад. Дар сурати риоя накардани ин талабот шахси мазкур ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида мешавад.

**Ҷадвали 3. Натиҷаҳои баррасии аризаҳо/муроҷиатҳо оид ба зӯроварӣ дар оила дар солҳои 2018-2019 умуман дар ҷумҳурӣ ва маълумоти ШНВКД шаҳрҳо/ноҳияҳои зерҳадаф**

| № | | ҶТ – мувофиқи маълумоти ВКД | | Мувофиқи маълумоти мониторинг дар ноҳияҳои зерҳадаф | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | 2018 | 9 моҳи с. 2019 | 2018 | 9 моҳи с. 2019 |
| 1 | Ҳамагӣ парвандаҳои ҷиноятӣ оид ба зӯроварӣ дар оила | 119 | 96 | 23 | 47 |
| 2 | Мавод дар бораи оғози парвандаи ҷиноятӣ рад карда шуд | 2455 | 2727 | маълумот нест | 205[4] |
| 3 | Мавод дар истеҳсолот қарор дорад | 14 | 30 | маълумот нест | 4[5] |
| 4 | Мавод барои баррасӣ ба мақомоти дигар равон карда шуд | 60 | 58 | 14 | 20 |
| 5 | Миқдори протоколҳои маъмурӣ дар бораи содир гардидани зӯроварӣ дар оила, ки тибқи моддаҳои 93[1] ва 93[2] Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҶТ тартиб дода шудаанд | 1146 | 1313 | 149 | 225 |
| 6 | Миқдори амрномаҳои муҳофизатие, ки ШНВКД додааст | 851 | 1123 | 110 | 159 |
| 7 | Миқдори амрномаҳои муҳофизатие, ки муҳлаташон дароз карда шудааст | 1 | 6 | маълумот нест | маълумот нест |
| 8 | Мувофиқи дигар моддаҳои Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҶТ тартиб дода шудаанд | 55 | 88 | маълумот нест | маълумот нест |

Қобили таваҷҷӯҳ аст, ки мақомоти корҳои дохилӣ нисбати шахсоне, ки дар оила зӯроварӣ содир намудаанд, сол то сол бештар чораҳои ҷавобгариро татбиқ мекунанд. Агар дар соли 2018 тибқи маълумоти дар ноҳияҳои зерҳадаф ҷамъоваришуда дар бораи содир гардидани зӯроварӣ дар оила мувофиқи моддаҳои 93[1] ва 93[2] Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҶТ 149 протоколи маъмурӣ тартиб дода, 110 амрномаи муҳофизатӣ дода шуда бошад, пас дар давоми 9 моҳ ин нишондиҳандаҳо зиёдтар гардиданд (мувофиқан 225 ва 159).

Дар айни замон мониторинг нишон дод, ки дар амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ оид ба чораҳои ҷазо нисбати шахсоне, ки дар оила зӯроварӣ содир намудаанд, баъзе мушкилоте ҷой доранд, ки бо усулҳои додани амрномаҳои муҳофизатӣ, таъсири ин чораҳо ба кам гардидани зӯроварӣ, оқибатҳои имконпазир барои қурбониёни зӯроварӣ ва умуман оилаҳо алоқаманд мебошанд. Чӣ тавре ки қайд кардем, дар фасли таҳлили санадҳои меъёрии зерқонунӣ, тибқи банди 26 Дастуруламали ВКД корманди мақомоти корҳои

[4] Тибқи маълумоти ВКД дар шаҳрҳои Ваҳдат, Ҳисор ва ноҳияи Рӯдакӣ
[5] Тибқи маълумоти ВКД дар ш. Ваҳдат ва ноҳияи Рӯдакӣ

дохилӣ амрномаи муҳофизатиро **бо ризоияти хаттии** ҷабрдида тартиб медиҳад ва татбиқ менамояд.

Аммо дар моддаи 21 Қонуни ҶТ «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» гуфта нашудааст, ки барои додани амрномаи муҳофизатӣ ризоияти хаттии ҷабрдида ҳатмист. Яъне аз ин маълум мешавад, ки ариза дар бораи содир гардидани зӯроварии оилавӣ кифоя аст ва ҳатмӣ нест, ки ин ариза аз номи ҷабрдида бошад. Тибқи қисми 1 моддаи 81 Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҶТ, дар байни асосҳои оғоз намудани парванда дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ талабот дар бораи ҳатмӣ будани ризоияти ҷабрдида зикр нагардидааст, яъне амрномаи муҳофиатиро бе ризоияти ҷабрдида низ додан мумкин аст.

*Ман мебинам, ки ӯро латукӯб кардаанд, лекин ӯ ариза надодааст ва ба додани амрномаи муҳофизатӣ розӣ нест. Бинобар ин ман ҳеҷ кор карда наметавонам, наметавонам, ки ба шавҳараш амрномаи муҳофизатӣ диҳам. Ва ҷабрдида дар хона боз бо шавҳари зӯровараш танҳо мемонад. Ғайр аз ин, барои расондани ёрӣ ба қурбониёни зӯроварӣ дар оила (ҷудо кардани маблаг барои рафтуомади ҷабрдида, барои экспертиза, табобат ва г.) сметаи алоҳида зарур аст.*

Мусоҳибаи №8, 20.10.19, н. Рӯдакӣ

Мувофиқи Қонун, амрномаи муҳофизатӣ ба муҳлати 15 рӯз дода мешавад ва муҳлати онро то 30 рӯз дароз кардан мумкин аст. Дар вақти мусоҳибаҳо баъзе нозирон пешниҳод намуданд, ки муҳлати амали амрномаи муҳофизатӣ дароз карда шавад.

*Пешниҳод мекунам, ки муҳлати амали амрномаи муҳофизатӣ то 3 моҳ дароз карда шавад. Муҳлати амали амрномаи муҳофизатӣ тамом мешавад ва баъди гузаштани муҳлат зӯроварӣ аз нав давом мекунад. Бинобар ин ба Қонун дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила тағйирот даровардан лозим аст. Ба моддаи 93.[1] Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ низ нисбати ҷазо ба онҳое, ки зӯроварӣ содир мекунанд, тағйирот даровардан зарур аст. Ба рӯихати чораҳо нисбати шахси зӯроварикунанда ба ҳабс гирифтан, зиёд кардани андозаи ҷарима дохил карда шавад.*

Мусоҳибаи №8, 20.10.19, н. Рӯдакӣ

Ба андешаи нозирони минтақавӣ, татбиқи чораҳои ҷазоро барои содир намудани зӯроварӣ дар оила нисбати гурезаҳо аз Афғонистон, ки дар ҷумҳурии мо зиндагӣ мекунанд, нисбати дигар шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бе шаҳрвандӣ ба таври илова шарҳу тафсир додан зарур аст. Мисолҳои овардаи баъзе нозирон дар бораи он ки онҳо чораҳои ҷазоро нисбати гурезаҳои афғон татбиқ карда наметавонанд, аз он шаҳодат медиҳад, ки онҳо на ҳамаи моддаҳои Қонунро хуб мефаҳманд. Дар вақти семинарҳо ба моддаи 4 Қонун диққат додан лозим аст, ки дар он гуфта шудааст: «*Амали Қонуни мазкур нисбат ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон,* ***шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқомат дошта****, дар ақди никоҳ мебошанд ва аъзои оилаи онҳо, ҳамчунин нисбат ба шахсоне, ки бо пешбурди хоҷагии умумӣ якҷоя зиндагӣ мекунанд, татбиқ мегардад*».

Тибқи қонунгузории мо, барои пешгирии зӯроварӣ дар оила як қатор чораҳои инфиродӣ пешбинӣ гардидаанд, ки рӯихати онҳо дар расми 6 оварда шудааст. Ҳангоми андешидани чораҳои пешгирикунанда ва чораҳои ҷазо барои зӯроварӣ дар оила омилҳои зиёдеро ба назар гирифтан лозим аст, аз ҷумла шаклҳои зӯроварӣ, оқибатҳои он, шароитҳои зиндагии оила ва омилҳои дигар. Аммо дар вақти мусоҳиба як қатор нозирон дар бораи самаранокии чораҳои ҷавобгарӣ барои содир намудани ҳуқуқвайронкунӣ, ки дар соҳаи зӯроварии оилавӣ мувофиқи қонунгузорӣ татбиқ карда мешаванд, масъала ба миён гузоштанд.

**Расми 6. Чораҳои инфиродӣ барои пешгирии зӯроварӣ дар оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**




Аз ҷумла таклиф пешниҳод карда шуд, ки рӯихати чораҳои ҷавобгарӣ барои риоя накардани талаботи қонунгузорӣ дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила васеъ карда шавад. Дар моддаи 93[1] Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҶТ танҳо як чораи ҷавобгарӣ пешбинӣ гардидааст – *ҷарима ба шахсони воқеӣ ба андозаи аз ду то панҷ нишондиҳанда барои ҳисобҳо.* Вале, чи тавре ки маълум шуд, ҷаримабандӣ на ҳамеша чораи самаранок аст, хусусан барои оилаҳои камбизоат. Ба ақидаи нозирон, ҷарима ситондан аз ҳуқуқвайронкунанда хоҳу нохоҳ боиси коҳиш ёфтани буҷети оилавӣ мегардад. Бо назардошти он ки аксарияти ҳодисаҳои зӯроварии оилавӣ дар оилаҳои камбизоат рӯй медиҳанд, чунин ҷазо на фақат ба пешгирии зӯроварии минбаъда мусоидат намекунад, балки боиси дар оянда рӯйпӯш намудани зӯроварӣ мегардад.

*Усулҳои иҷрои Қонуни ҶТ «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» такмил додан лозим аст, хусусан дар масъалаи ҷазоҳо. Ба сифати ҷазо дар давраи муайян корҳои ислоҳи меҳнатиро истифода бурдан мумкин аст, на ҷаримаҳои пулиро. Чунки аксар вақт мардҳо пулро аз занашон мегиранд, зеро худашон кор намекунанд. Масалан, ба як аробакаш ҷазо доданд. Аробакаш маҷбур шуд, ки аробаашро фурӯхта, пули ҷаримаро супорад. Чунин ҳодисаҳо бисёранд, инро ба назар гирифтан лозим аст. Он тарзу усулҳоеро истифода бурдан зарур аст, ки ба ҳалли мушкилот ёрӣ расонанд, таҷовузкорро ислоҳ намоянд, на боиси зиёдтар гардидани зӯроварӣ дар оила гарданд.*

*Далели дигар. Мо бо протокол амрномаи муҳофизатӣ тартиб медиҳем, таҷовузкор ба протокол имзо мегузорад, сипас мо ҷабрдидаро бо ӯ танҳо мегузорем. Таҷовузкор асабонӣ ва бадқаҳр шуда, ба хона бармегардад ва шабона, агар такроран зӯроварӣ содир карда шавад, мо ба ҷабрдида ёрӣ расонда наметавонем. Бинобар ин чораҳои алтернативиро баррасӣ кардан даркор аст ё ташкили хонаҳои махсусро барои қурбониёни зӯроварӣ.*

Мусоҳибаи №20, 08.11.19, Бохтар

Кормандони ШВКД-и ҳамаи шаҳру ноҳияҳои зерҳадаф бо мақсади пешгирии зӯроварӣ дар оила, баланд бардоштани сатҳи огоҳии аҳолӣ дар масъалаҳои пешгирии зӯроварӣ, инчунин дар мавзуъҳои дигар вохӯриҳо, мизҳои мудаввар, суҳбатҳо ва дигар чорабиниҳои гуногун мегузаронанд. Ба гуфти мусоҳибони асосӣ, танҳо дар 9 моҳи соли 2019 дар ноҳияҳои зерҳадаф 381 суҳбату вохӯрии профилактикӣ гузаронда шуд. Дар баробари чорабиниҳои номбаршуда нозирон оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила ва нозирони минтақавӣ усули хона ба хона гаштанро истифода мебаранд.

**Фаъолияти Шӯроҳои ҷамъиятӣ**

Дар чаҳорчӯбаи иҷрои Барномаи ислоҳоти милитсия барои солҳои 2014 – 2020 дар назди ВКД ҶТ ва дар назди РВКД вилоятҳои Хатлон ва Суғд Шӯроҳои ҷамъиятӣ оид ба мусоидати ҷомеаи шаҳрвандӣ ба ислоҳоти милитсия созмон дода шуданд. Каме баъдтар дар назди ШВКД шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ Шӯроҳои ҷамъиятӣ оид ба мусоидати ҷомеаи шаҳрвандӣ ба ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ ташкил ёфтанд.

**Иловаи 4. Аз Низомномаи Шӯрои ҷамъиятии назди ВКД ҶТ оид ба мусоидати ҷомеаи шаҳрвандӣ ба ислоҳоти милитсия**

**1. Муқаррароти умумӣ**

1. Шӯрои ҷамъиятӣ оид ба мусоидати ҷомеаи шаҳрвандӣ ба ислоҳоти милитсия мақомоти машваратӣ-назоратӣ буда, бо мақсади таъмини иштироки мустақим ва ғайримустақими шаҳрвандон дар муҳокимаи рафти ислоҳот дар марҳалаҳои гуногуни он, ба Ҳукумати ҶТ пешниҳод намудани фикру мулоҳизаҳои худ дар ин мавзуъ, ба назар гирифтани афкори аҳли ҷомеа ҳангоми ташаккул додан ва амалӣ намудани сиёсати давлат дар соҳаи ҳамкории милитсия бо аҳли ҷомеа, татбиқи назорати ҷамъиятӣ ба рафти ислоҳоти милитсия ташкил карда шудааст.

Шӯроҳои ҷамъиятӣ ба кори пешгирии зӯроварӣ дар оила фаъолона ҳамроҳ шуданд. Онҳо дар ҳамкорӣ бо сохторҳои дигар дар чорабиниҳои иттилоотию фаҳмондадиҳӣ иштирок мекунанд ва ба ҷабрдидагони зӯроварӣ ёрӣ мерасонанд.

*Ба Шӯрои мо намояндагони ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ВАО, намояндагони сохторҳои гуногуни шаҳр, фаъолони маҳаллаҳо ва дигарон дохил мешаванд. Кори Шӯрои мо бевосита бо масъалаҳои зӯроварӣ дар оила алоқаманд набошад ҳам, азбаски мо масъалаҳои тартиботи ҳуқуқиро баррасӣ менамоем, вазъи зӯроварӣ дар оила яке аз мавзуъҳои муҳими фаъолияти мо маҳсуб мешавад. Мо вазъи зӯроварӣ дар оиларо таҳлил мекунем, масъалаҳои огоҳии аҳолиро дар бораи зӯроварии оилавӣ баррасӣ менамоем, дар чаҳорчӯбаи ҳамкориҳо имкониятҳои шариконамон ва аъзоёни Шӯроро барои ба даст овардани ин ҳадафҳо истифода мебарем.*

Мусоҳибаи №25, 06.1.119, Бохтар

*Ҳоло ба ҳайати Шӯрои ҷамъиятӣ 22 нафар дохил мешаванд. Мо кӯшиш намудем, ки ба ҳайати Шӯро намояндагони соҳаҳои гуногунро дохил кунем, аз қабили: намояндагони шуъбаи кор бо занон ва оила, шуъбаҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳо, маориф, тандурустӣ, шуғли аҳолӣ, намояндагони ҷамоатҳо, раисони шӯроҳои маҳалла, инчунин як домуллоеро, ки ҳам маълумоти ҳуқуқшиносӣ дорад ҳам маълумоти динӣ… Пештар дар Шӯрои мо 1 нафар зан буд, ҳоло мо боз 6 нафар зани дигарро ҷалб намудем, чунки бо масъалаи зӯроварӣ дар оила бештар занҳо муроҷиат мекунанд. Маҷлисҳои Шӯрои ҷамъиятӣ дар ду моҳ як маротиба гузаронда мешаванд. Мо дар ин маҷлисҳо маълумотҳоро оида ба зӯроварӣ дар оила таҳлил менамоем. Мо ҳанӯз дар аввали сол нақшаи кор бо аҳли ҷомеаро тартиб дода будем. Мувофиқи ин нақша бо аҳолӣ, аз ҷумла бо талабагон тақрибан 20 вохӯрӣ гузарондем. Инчунин мо ба нақшаамон гузарондани Озмунро дар мавзуи «Иншои беҳтарин дар мавзуи пешгирии зӯроварӣ дар оила» дохил кардем ва мувофиқи нақша дар 9 мактаб чунин озмун гузарондем. Озмуни хотимавӣ дар маркази шаҳр гузаронда шуд. Бо дастгирии Ташкилоти байналмилалии "Дунёи бехатар" ғолибонро бо ҷоизаю туҳфаҳои қиматбаҳо сарфароз гардондем.*

Мусоҳибаи №7 16.10.19, Ваҳдат

*Соли 2019 дар ҳамкорӣ бо шарикон дар мавзуи зӯроварӣ дар оила семинар-маҷлис гузаронда шуд, ки дар он мутахассисони варзидаи ҷамоатҳо ва шахсони мансабдоре, ки бо масъалаҳои пешгирии зӯроварӣ машғуланд, иштирок намуданд. Дар ин семинар масъалаҳои ҷудошавӣ дар оилаҳо, ҳодисаҳои зӯроварии оилавӣ ҳам аз тарафи мардҳо ва ҳам аз тарафи занҳо, дахолати шахсони сеюм ба ҳаёти ҷавонон ва масъалаҳои дигар муҳокима карда шуданд. Дар семинар қарор дода шуд, ки озмуни «Хушдомани беҳтарин» гузаронда шавад. Имсол инчунин чорабинии (аксияи) «Ҳаёт бе зӯроварӣ зебост» баргузор карда шуд.*

Мусоҳибаи №13, 16.10.19, Ҳисор

Раванди ташаккули Шӯроҳои ҷамъиятӣ ҳанӯз ба анҷом нарасидааст, бинобар ин дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳои зерҳадаф онҳо кӯшиш менамоянд, ки тарзу усулҳои самараноки иҷрои вазифаҳои ба зиммаашон гузошташударо пайдо намоянд, шаклҳои гуногуни корро озмоиш кунанд, бо шарикони гуногун муносибатҳои ҳамкориро ба роҳ монанд. Дар айни замон мониторинг нишон дод, ки на ҳамаи аъзоёни Шӯро вазифаҳои худро хуб мефаҳманд ва дар кори Шӯро фаъолона иштирок мекунанд.

Таҷрибаи мусбати кори Шӯроҳои ҷамъиятиро дар соҳаи пешгирии зӯроварӣ дар оила ҷамъбаст ва паҳн намудан зарур аст.

*Дар шаҳри мо чунин ҳодиса рӯй дода буд: вақте ки келин дар натиҷаи зӯроварӣ хонаи шавҳарашро тарк кард, шавҳараш ҳам аз қафои ӯ баромада рафт. Падари шавҳараш писари худро барои тарафи занашро гирифтан оқ кард. Онҳо хеле вақт овораю сарсон гаштанд, ба худ ҷои истиқомат наёфтанд ва умуман аз шаҳр баромада рафтанд. Вале ба туфайли фаъолияти Шӯрои ҷамъиятӣ мо ин оилаи ҷавонро ба шаҳр баргардондем. Дар аввал ин оиларо муваққатан дар яке аз ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва баъдтар дар хобгоҳ ҷой кардем. Бо хоҳиши мо Ҳукумати шаҳр ба онҳо, чун оилаи аз зӯроварии оилавӣ ҷабрдида, замин ҷудо кард ва аз раисони ҷамоатҳо хоҳиш намуд, ки ба онҳо дар сохтани хона ёрӣ расонанд. Сохтмони хонаашон қариб ба охир мерасад. Фикр мекунем, ки ба қарибӣ ин оилаи ҷавонро ба хонаи навашон гусел мекунем.*

Мусоҳибаи №3,10.10.19, Ваҳдат

Дар вақти мусоҳиба аъзоёни Шӯроҳои ҷамъиятӣ оид ба роҳу равиши иҷрои Қонун тавсияҳои гуногун пешниҳод намуданд, ки онҳо ба тавсияҳои умумӣ аз рӯи ҷамъбасти мониторинг ва арзёбӣ дохил карда шудаанд. Хусусан масъала ба миён гузошта шуд, ки нерӯи аъзоёни Шӯро дар масъалаҳои афзун намудани самаранокии фаъолияти шӯроҳо, ҷонибдории ҳуқуқии масъалаҳои пешгирии зӯроварӣ дар оила дар сатҳи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, вазоратҳо, ҷомеаи маҳаллӣ ва ғ. баланд бардошта шавад.

*Ташкили курсҳои такмили ихтисоси аъзоёни Шӯрои ҷамъиятӣ аз фоида холӣ нест. Инҳо метавонанд курсҳои кӯтоҳмуддат ё мубодилаи таҷриба бошанд. Ман медонам, ки чунин курсҳо дар вилояти Суғд ҳастанд ва мехоҳам, ки дар ноҳияи мо низ ташкил карда шаванд. Масалан, вақте ки мо аъзоёни Шӯроро ба вохӯриҳо даъват мекунем, аксарияти онҳо мегӯянд, ки майлаш, ман иштирок мекунам, лекин ба ман сухан надиҳед, ман баромад карда наметавонам, агар мумкин бошад, ман ҳамту, расман иштирок мекунам. Агар чунин курсҳо гузаронда мешуданд, шояд онҳо таҷрибаи намояндагони минтақаҳои дигарро омӯхта, имконияту қобилиятҳояшон кушода мешуд, он чизҳоеро, ки дар дигар ҷойҳо омӯхтаанд, дар кори худ истифода мебурданд. Онҳо шояд чизеро аз ягон ҷо хонда бошанд, вале ин кофӣ нест. Ба фикри ман, агар бо ягон кас мубодилаи таҷриба кунанд, ин фоидаи бештар медиҳад.*

Мусоҳибаи №7, 16.10.19, Ваҳдат

### 3.3. Фаъолияти бахшҳои кор бо занон ва оила

Ба зиммаи шуъбаҳо/бахшҳои кор бо занон ва оила (ШКЗО)-и шаҳру ноҳияҳои зерҳадаф вазифаҳои ба роҳ мондани фаъолияти ташкилии гурӯҳҳои кории байниидоравӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила ва ҳамоҳангсозии фаъолият аз рӯи нақшаҳои иҷрои Барномаи давлатӣ оид ба пешгирии зӯроварии оилавӣ дар ҶТ барои солҳои 2011-2023 гузошта шудаанд. Ба гуфти кормандони ШКЗО, фаъолият барои пешгирии зӯроварӣ дар оила дар асоси Дастуруламали фаъолияти кормандони шуъбаҳои ККЗО оид ба таъмини баробарии гендерӣ ва пешгирии зӯроварӣ дар оила (бо фармони Раиси ККЗО №159 аз 08.11.2018 тасдиқ шудааст) амалӣ карда мешавад.

**Илованзаи 5. Аз Қонун. Моддаи 9. Ваколатҳои мақомоти давлатии кор бо занон ва оила оид ба пешгирии зўроварӣ дар оила**

*Мақомоти давлатии кор бо занон ва оила оид ба пешгирии зўроварӣ дар оила ваколатҳои зеринро доранд:*

- ✓ *иштирок дар таҳия ва татбиқи барномаҳо оид ба пешгирии зўроварӣ дар оила ва ҳамкорӣ бо дигар субъектҳои пешгирикунандаи зўроварӣ дар оила;*
- ✓ *таҳлили сабаб ва шароитҳои ба зўроварӣ дар оила мусоидаткунанда;*
- ✓ *пешниҳоди таклифҳо ба мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҷиҳати андешидани тадбирҳо оид ба пешгирии зўроварӣ дар оила;*
- ✓ *андешидани тадбирҳои иттилоотию таблиғотӣ оид ба пешгирии зўроварӣ дар оила;*
- ✓ *амалӣ намудани дигар ваколатҳое, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудаанд.*

Тибқи маълумоти пешниҳоднамудаи 5 шаҳру ноҳияи зерҳадаф, дар соли 2018 ба ШКЗО бо масъалаи зўроварӣ дар оила 302 нафар зан муроҷиат намуд. Дар 9 моҳи соли 2019 229 муроҷиат ба қайд гирифта шуд. ШКЗО-и ноҳияи Рўдакӣ маълумот пешниҳод накардааст.

**Ҷадвали 4. Миқдори муроҷиатҳо ба шуъбаҳои кор бо занон ва оилаи ноҳияҳои зерҳадаф мувофиқи солҳо**

| | **Шаҳр/ноҳия** | **соли 2018** | **9 моҳи с. 2019** |
|---|---|---|---|
| 1 | Бохтар | 45 | 29 |
| 2 | Кўлоб | 57 | 27 |
| 3 | Ҳамадонӣ | 40 | 22 |
| 4 | Ҳисор | 47 | 39 |
| 5 | Ваҳдат | 113 | 112 |
| | **Ҷамъ** | **302** | **229** |

Аз шумораи умумии занҳое, ки дар 9 моҳи соли 2019 ба ШКЗО муроҷиат намудаанд, ҳар як зани дуюм аз зўроварии рўҳӣ, ҳар як зани чорум аз зўроварии ҷисмонӣ, ҳар як зани панҷум аз зўроварии иқтисодӣ, тақрибан 3% аз зўроварии шаҳвонӣ ва тақрибан 1% ҳамзамон аз якчанд намуди зўроварӣ ҷабр дидаанд.

**Расми 7. Тақсимоти ҳодисаҳои зўроварӣ дар оила аз рўи намудҳои зўроварӣ (дар асоси муроҷиатҳо ба ШКЗО-и 5 шаҳру ноҳияи зерҳадаф дар 9 моҳи соли 2019**




Маълумоти расми 7 ба таври аёнӣ нишон медиҳад, ки дар шаҳру ноҳияҳои гуногун намудҳои зўроварӣ дар оила аз якдигар фарқ мекунанд. Вале қисми зиёдро зўровариҳои ҷисмонӣ, рўҳӣ ва иқтисодӣ ташкил медиҳанд. Илова бар ин, ба назар гирифтан зарур аст, ки ҳангоми ба қайд гирифтани муроҷиат дар вақти муайян кардани намудҳои зўроварии

содиршуда на ҳамеша тамоми маҷмуи намудҳои гуногуни зӯроварӣ, ки қурбонии зӯроварӣ бо онҳо дучор гардидааст, мавриди арзёбии мувофиқ қарор дода мешавад.

Дар гурӯҳи ҷабрдидагони зӯроварии хонагӣ духтарону занҳои синну солашон гуногун ҳастанд. Гурӯҳи аз ҳама сершумори ҷабрдидагони зӯроварӣро занҳои 25-49-сола (45%) ва 18-24-сола ташкил медиҳанд. Ҳар як қурбонии даҳуми зӯроварӣ ба гурӯҳи синнусолии 50-сола ва аз ин боло дохил мешавад. Зӯроварӣ нисбати духтарони ноболиғ (10%) басо ташвишовар аст.

**Расми 8. Тақсимоти ҳодисаҳои зӯроварӣ дар оила аз рӯи синну сол (дар асоси муроҷиатҳо ба ШКЗО-и 5 шаҳру ноҳияи зерҳадаф дар 9 моҳи соли 2019)**




Дар ноҳияҳои зерҳадаф, тибқи маълумот оид ба муроҷиатҳо дар соли 2019, зиёда аз нисфи зӯроварикардагонро шавҳарон, ҳамзистҳо ва шавҳарони собиқ ташкил медиҳанд (55%). Ҳар як ҳодисаи чоруми зӯроварӣ аз тарафи хушдоман ва хоҳарони шавҳар содир карда мешавад. Ҳиссаи ҳодисаҳои зӯроварӣ аз тарафи хусур, бародарони шавҳар 7% ва аз тарафи хешҳои дигар 12%-ро ташкил медиҳад.

**Расми 9. Шахсони дар оила зӯроварӣ содиркарда ва муносибати онҳо бо ҷабрдида (дар асоси муроҷиатҳо ба ШКЗО-и 5 шаҳру ноҳияи зерҳадаф дар 9 моҳи соли 2019)**




*Ҷомеаи мо як мушкилот дорад – ин менталитети мост. Аксарияти занҳо танҳо бо як сабаб ба мо муроҷиат намекунанд – онҳо намехоҳанд, ки овоза шавад. Онҳо, албатта дар чунин вазъият зиндагӣ кардан намехоҳанд, вале аз тарси вайроншавии оила, овоза шудани мушкилоти оилавӣ хомӯширо афзал медонанд. Аз ин рӯ мо ин вазъиятро ба назар гирифта, усули қишлоқ ба қишлоқ ва хона ба хона гаштанро пеш гирифтем Ба шарофати ин усулҳо мо тавонистем, ки ҳодисаҳои зиёди зӯроварии аз тарафи хушдоманҳо содиршударо ошкор намоем. Ҳатто ҳодисаҳои зӯроварӣ аз тарафи хусурҳо ошкор карда шуданд. Мо онҳоро даъват намуда, бо онҳо вохӯриҳо гузарондем.*

*Кори дӯстдоштаи хушдоманҳои мо ғуломвор кор фармудани келинҳо мебошад. Кореро, ки худашон ба синни 65 даромада, акнун каму беш омӯхтаанд, мехоҳанд, ки имрӯз келинҳои ҷавон ҳамаашро зуд ва бе каму кост иҷро кунанд. Принсипи онҳо чунин аст: «ман дар вақташ хизмат карда будам, ту ҳам хизмат кун». Дар вақти суҳбатҳо баъзе хушдоманҳо мегуфтанд, ки агар*

*келинамон нисбати мо зӯроварӣ кунад, чӣ кор кунем? Мо ба онҳо гуфтем, ки он вақт бо келинҳоятон кор мебарем.*

Мусоҳибаи №4, 11.10.19, Ваҳдат

Яке аз самтҳои асосии фаъолияти ШКЗО кори иттилоотию фаҳмондадиҳӣ дар байни аҳолӣ мебошад. Масалан, ба гуфти кормандони бахши кор бо занон ва оилаи ш. Ҳисор, *дар солҳои 2018-2019 150 вохӯрӣ, 22 мизи мудаввар, 50 суҳбат, семинар ва конференсияи «Ҳаёт бе зӯроварӣ зебост», «Дар оилаи ман оромӣ бошад, дар тамоми ҷаҳон оромӣ мешавад» ва чорабиниҳои дигар гузаронда шуданд.* Дар шаҳри Бохтар *69 вохӯрию суҳбати иттилоотӣ, 10 мизи мудаввар, 66 вохӯрию суҳбати инфиродӣ (бештар бо аъзоёни оилаҳое, ки парвандаҳояшон оид ба зӯроварӣ дар оила то суд рафтаанд) гузаронда шуд.*

Мониторинги ҷамъиятӣ нишон дод, ки дар шаҳру ноҳияҳо бисёр корҳо аз фаъолияти самарабахши ШКЗО – ҳамоҳангсози татбиқи нақшаҳои ноҳиявии амалиёт оид ба иҷрои Қонун ва Барномаи давлатӣ вобаста мебошад. Кормандони ШКЗО масъалаҳои пешгирии зӯроварӣ дар оиларо ҳар қадар фаъолонатар ба миён гузоранд, бо ташаббусҳои гуногун ба раисони шаҳру ноҳияҳо ва вазоратҳо муроҷиат намоянд, чораҳои аввалиндараҷаро барои расондани ёрӣ ба қурбониёни зӯроварӣ ё барои самтҳои дигари кор тавассути таҳлили вазъият дар шаҳр/ноҳия асоснок намоянд, ҳамон қадар зудтар аз ҷониби раисони шаҳр/ноҳия, вазорату идораҳо дастгирӣ карда мешаванд, имкониятҳои онҳо дар пешгирии зӯроварӣ ва кӯмакрасонӣ ба қурбониёни зӯроварӣ ҳамон қадар васеътар мегардад. Тибқи натиҷаҳои мониторинг, мутаассифона, на ҳамаи кормандони ШКЗО дар пешбурд ва ҳалли мушкилоти соҳаи зӯроварӣ мавқеи фаъолонаро ишғол менамоянд.

*Зӯроварӣ ин занҷирест, ки аз паси худ проблемаҳои дигарро кашола мекунад ва ошкор менамояд. Мо аксар вақт лаҳзаҳои хеле муҳимро аз назар дур месозем. Дар бисёр мавридҳо зӯроварӣ бо мушкилоти иқтисодӣ алоқаманд аст. Фаразан, мо ошкор кардем, ки дар оила мушкилоти асосӣ ин зӯроварии рӯҳӣ аст. Вале мо бояд ба назар гирем, ки ин мушкилот метавонад боиси мушкилотҳои дигар гардад. Илова бар ин, зӯроварии рӯҳӣ ба зӯроварии ҷисмонӣ, ба ҷудошавӣ ва худкушӣ бурда мерасонад. Бинобар ин мо якҷоя бо Шуъбаи корҳои дохилӣ ба ВКД муроҷиат намудем, ки дар шаҳри мо воҳиди штатии Нозир оид ба пешгирии зӯроварӣ ҷудо намоянд. Дар натиҷа шаҳри мо дар байни НТҶ ягона шаҳрест, ки дар он чунин воҳид вуҷуд дорад.*

Мусоҳибаи №4, 11.10.19, Ваҳдат

Аз тарафи дигар ба он диққат додан зарур аст, ки кормандони ШКЗО маҷбуранд вақти зиёди худро на ба самтҳои афзалиятноки фаъолият, яъне ба пешбурди баробарии гендерӣ, пешгирии зӯроварӣ дар оила ва ғ., балки ба масъалаҳои гуногуни ташкилӣ, гузарондани идҳо ё чорабиниҳои ноҳиявие, ки на ҳамеша ба салоҳияти онҳо дохил мешавад, сарф намоянд.

Дар рафти гузарондани мониторинг баъзе тадқиқотчиён ба он диққат доданд, ки аз сабаби серкорӣ, ҷадвали бемеъёри корӣ ва рӯй додани ҳолатҳои изтиробовар дар вақти қабули занон – қурбониёни зӯроварӣ худи кормандони шуъбаҳои кор бо занон ва оила ба ёрию дастгирии равоншиносон эҳтиёҷ пайдо мекунанд. Муҳим он аст, ки кормандони ШКЗО барои гузаштан аз курсҳо ё сеансҳои рафъи изтиробу хастагии рӯҳӣ имконият дошта бошанд.

### 3.4. Фаъолияти субъектҳои дигари Қонун оид ба таъмини ҳуқуқҳои ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила ва кӯмакрасонӣ ба онҳо

Тибқи Қонун, субъектҳои давлатӣ вазифадоранд, ки дар баробари ошкор, пешгирӣ ва бартараф намудани сабабҳои зӯроварӣ дар оила ба қурбониёни зӯроварӣ кӯмак расонанд ва ҳуқуқҳои онҳоро ҳимоя кунанд.

**Иловаи 6. Аз Қонуни ҶТ «Дар бораи пнгирии зӯроварӣ дар оила». Моддаи 6. Ҳуқуқҳои ҷабрдида. Ҷабрдида ҳуқуқҳои зеринро дорад:**

-кӯмаки тиббӣ, равонӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоиро гирад;
- бо розигии хаттиаш дар марказҳои ёрирасон, марказҳо ё бахшҳои офиятбахшии тиббию иҷтимоӣ барои ҷабрдидагон ҷойгир карда шавад;
- маслиҳатҳои ҳуқуқӣ ва дигар иттилоотро оид ба ҳифзи амнияташ гирад;
- ба мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ бо мақсади маҳкумкунии ҷамъиятии рафтори шахси зӯроварӣ дар оиларо содирнамуда муроҷиат намояд;
- ба мақомоти корҳои дохилӣ, прокуратура ё суд дар бораи ба ҷавобгарӣ кашидани шахси зӯроварӣ дар оиларо содирнамуда муроҷиат намояд.

Тибқи маълумоте, ки аз ШКЗО-и шаҳру ноҳияҳои зерҳадаф[6] дар с. 2018 ва дар 9 моҳи с. 2019 гирифта шуд, қурбониёни зӯроварӣ аз онҳо 546 намуд хизматҳои гуногун гирифтанд. Дар байни хизматҳои расондашуда машваратҳои психологӣ ва ёрии ҳуқуқӣ шумораи аз ҳама зиёдро ташкил медиҳанд.

**Расми 10. Миқдори хизматҳое, ки ШКЗО дар соли 2018 ва 9 моҳи с. 2019 дар шаҳру ноҳияҳои зерҳадаф ба ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила расондааст**




Дар байни шаҳру ноҳияҳо миқдор ва таносуби хизматҳои расондашуда аз якдигар фарқ мекунанд (ниг. Замимаи 2). Миқдори аз ҳама зиёди хизматҳои расондашуда дар шаҳрҳои Ваҳдат, Кӯлоб ва Ҳисор ба қайд гирифта шудааст. Дар ш. Бохтар, тибқи маълумотҳо, ШКЗО усули бозфиристиро истифода бурда, ҷабрдидагонро ба назди шарикони доимии худ: ТҶ «Дилафруз» ва ТҶ «Ғамхорӣ» мефиристад. Ҳангоми таҳлил ва тафсири маълумоти оморӣ номукаммалии умуман низоми бақайдгирии муроҷиатҳои қурбониёни зӯровариро дар мақомоту муассисаҳои гуногун, инчунин номукаммалии усулҳои бозфиристӣ дар ноҳияҳо, нарасидани захираҳои молиявӣ, гуногун будани имкониятҳои сохторҳо ва дигар омилҳоро ба назар гирифтан зарур аст.

Дар байни нишондиҳандаҳои Барномаи давлатӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила дар ҶТ барои солҳои 2014-2023 барои назорат ва арзёбии натиҷаҳо чунин нишондиҳанда –

[6] Ба истиснои ноҳияи Рӯдакӣ

миқдори марказҳои дастгирӣ, марказҳо ё бахшҳои офиятбахшии тиббию иҷтимоӣ барои ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила истифода бурда мешавад. Тибқи моддаи 16 Қонун, ба ҷабрдидагон Марказҳои ёрирасон ёрӣ мерсонанд. *«Марказҳои ёрирасон аз ҷониби мақомоти давлатӣ, шахсони воқеӣ ва ё ҳуқуқӣ дар шакли муассиса таъсис дода мешаванд. Марказҳои ёрирасон шахси ҳуқуқӣ буда, ба ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ мансубанд».* Тибқи моддаи 17 Қонун ба қурбониёни зӯроварӣ инчунин марказҳо ё бахшҳои офиятбахшии тиббию иҷтимоӣ барои ҷабрдидагони зӯроварӣ ёрӣ мерасонанд, ки онҳо *«бо қарори мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар мувофиқа бо мақомоти соҳаи тандурустӣ дар беморхонаҳои марказии шаҳрӣ, ноҳиявӣ ё дармонгоҳҳои марказии шаҳрӣ, ноҳиявӣ таъсис дода шуда, шахси ҳуқуқӣ намебошанд».*

Дар рафти гузарондани мониторинги иҷрои Қонун дар як қатор шаҳру ноҳияҳои зерҳадаф маълум гардид, ки дар баъзе ноҳияҳо ғайр аз ҳукуматҳои маҳаллӣ, ШКЗО ва ШВКД боз чунин муассисаҳои дастгирии қурбониёни зӯроварӣ, ба монанди Ҳуҷраҳои офиятбахшии тиббию иҷтимоӣ барои ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила, Бюрои давлатии ҳуқуқии муассисаи давлатии "Маркази ёрии ҳуқуқӣ" ва хадамотҳои дахлдори ташкилотҳои ҷамъиятӣ амал мекунанд. Кормандони ҳукуматҳои маҳаллӣ дар вохӯриҳои гуногун иброз доштанд, ки ба ҷабрдидагон инчунин Марказҳои ёрии иҷтимоии назди мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ёрӣ мерасонад. Вале мо доир ба ин самт маълумоти омории мушаххас ба даст оварда натавонистем. Ҳамин тариқ, аз 6 шаҳру ноҳияи зерҳадаф дар се шаҳру ноҳия хадамотҳои махсуси дастгирӣ фаъолият мекунанд, ки баъди қабули Қонун таъсис дода шудаанд: нозирон оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила, ҳуҷраҳои офиятбахшии тиббию иҷтимоӣ барои ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила ва муассисаи давлатии "Маркази ёрии ҳуқуқӣ".

**Расми 11. Сохторҳое, ки дар ноҳияҳои зерҳадаф ба ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила ёрӣ мерасонанд**

| | |
|---|---|
| **Вахдат** | • ШКЗО<br>• **Нозир оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила**<br>• **Ҳуҷраи офиятбахшии тиббию иҷтимоӣ барои ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила**<br>• **МД "Маркази ёрии ҳуқуқӣ", ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва диг.** |
| **Рӯдакӣ** | • ШКЗО<br>• ШВКД<br>• Марказҳои саломатии репродуктивӣ ва дигар муассисаҳои тиббӣ<br>• Ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ғ. |
| **Ҳисор** | • ШКЗО<br>• ШВКД<br>• Марказҳои саломатии репродуктивӣ ва дигар муассисаҳои тиббӣ<br>• Ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ғ. |
| **Бохтар** | • ШКЗО<br>• **Нозир оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила**<br>• **Ҳуҷраи офиятбахшии тиббию иҷтимоӣ барои ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила**<br>• Ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ғ. |
| **Кӯлоб** | • ШКЗО<br>• **Нозир оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила**<br>• **Ҳуҷраи офиятбахшии тиббию иҷтимоӣ барои ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила**<br>• Ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ғ. |
| **Ҳамадонӣ** | • ШКЗО<br>• ШВКД<br>• Марказҳои саломатии репродуктивӣ ва дигар муассисаҳои тиббӣ<br>• Ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ғ. |

**Ҳуҷраҳои офиятбахшии тиббию иҷтимоӣ барои ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила** То моҳи ноябри соли 2019 дар 12 муассисаи тиббии ҷумҳурӣ мутахассисони тиб ҷабрдидагони зӯроварии оилавиро қабул мекарданд. Чӣ тавре ки қайд кардем, аз ноҳияҳои зерҳадаф ин ҳуҷраҳо дар ш. Вахдат дар назди таваллудхона, дар ш. Кӯлоб дар назди таваллудхона ва дар ш. Бохтар дар назди Беморхонаи клиникии вилоятии ба номи Воҳидов амал мекунанд.

*Мо дар назди таваллудхона ҳуҷраи офиятбахшии тиббию иҷтимоӣ ташкил кардем. Дар аввал мехостем, ки ин ҳуҷраро дар Беморхонаи марказӣ ташкил кунем, вале баъдтар менталитети аҳолиамон, инчунин дар ҳудуди таваллудхона кам будани мардҳоро ба назар гирифта, онро дар назди таваллудхона кушодем, яъне зан баъди амалҳои зӯроварӣ дар ҳақиқат метавонад, ки дар он ҷо пинҳон шавад. Ман ба ҳамаи ташкилотҳое, ки моро дастгирӣ карданд, дар ташкили ин ҳуҷра ёрӣ расонданд ва онро муҷаҳҳаз гардонданд, миннатдорӣ баён мекунам.*

Мусоҳибаи №4, 11.10.19, Ваҳдат

Солҳои 2018-2019 дар ҳуҷраҳои офиятбахшии тиббию иҷтимоии ш.Ваҳдат ва ш. Кӯлоб 68 муроҷиат ба қайд гирифта шуд. Аз онҳо: 52 муроҷиат дар ш. Ваҳдат ва 16 муроҷиат дар ш. Кӯлоб. Аксарияти занҳое, ки барои ёрӣ ба ҳуҷраҳои офиятбахшии тиббию иҷтимоӣ муроҷиат кардаанд, ба зӯроварии ҷисмонӣ (75%), 22% - ба зӯроварии рӯҳӣ ва 3% ба зӯроварии шаҳвонӣ дучор гардидаанд.

**Расми 12. Намудҳои зӯроварие, ки занҳои ба ҳуҷраҳои офиятбахшии тиббию иҷтимоии ш.Ваҳдат ва ш. Кӯлоб муроҷиаткарда ба онҳо дучор гардидаанд**




Тибқи маълумоти ҷадвали 5, қариб 56% ҳодисаҳои зӯроварӣ аз ҷониби шавҳар/ҳамзист, шавҳари собиқ содир карда шудаанд. Дар байни шахсоне, ки дар оила зӯроварӣ содир намудаанд, 22%-ро хусур, бародарони шавҳар, 13,2%-ро хушдоман, хоҳарони шавҳар ва 8,8%-ро хешовандони дигар ташкил медиҳанд.

**Ҷадвали 5. Маълумот оид ба миқдори муроҷиатҳои занони ба зӯроварӣ дучоргардида ба ҳуҷраҳои офиятбахшии тиббию иҷтимоии ш. Ваҳдат ва ш. Кӯлоб аз рӯи синну сол ва шахсони зӯроварикарда**

| | Ваҳдат | | Кӯлоб | | Ҷамъ |
|---|---|---|---|---|---|
| | 2018 | 9 моҳи с. 2019 | 2018 | 9 моҳи с.2019 | |
| **Оид ба зӯроварӣ дар оила ҳамагӣ чанд муроҷиат ба қайд гирифта шудааст** | **28** | **24** | **9** | **7** | **68** |
| зӯровариро содир карданд: шавҳар, ҳамзист, шавҳари собиқ | 10 | 19 | 6 | 3 | 38 |
| хусур, бародарони шавҳар | 10 | 2 | | 3 | 15 |
| хушдоман, хоҳарони шавҳар | 4 | 2 | 2 | 1 | 9 |
| хешовандони дигар | 4 | 1 | 1 | | 6 |
| **Синну соли ҷабрдидагон** | | | | | |
| То 18-сола | | | | 1 | 1 |
| 18-24-сола | 10 | 20 | 7 | 5 | 42 |
| 25-49-сола | 18 | 4 | 2 | 1 | 25 |
| 50-сола ва аз ин боло | | | | | |

Аз шумораи умумии ҷабрдидагон 42 нафар зан аз гурӯҳи синнусолии 18-24-сола (61,8%), 25-49-сола – 25 нафар зан (36,8%) ва то 18-сола – 1 духтар.

*Моҳе ба мо ба ҳисоби миёна 4 нафар қурбонии зӯроварии хонагӣ, баъзан 5 нафар муроҷиат мекунанд, ҳар вақт – ҳар хел. Ҳатто боре дар давоми як ҳафта 3 нафар зан муроҷиат карда буд. Ташкилотҳои дигар ҳам ба мо ёрӣ мерасонанд. Фарз кардем, ки зане ба мо муроҷиат мекунад. Дарҳол хушдомани ӯ ё хешҳои шавҳараш ба назди мо меоянд ва писарашонро тарафгирӣ карда мегӯянд: ".... ҳеҷ гап не, ӯ шавҳарат аст, ба ин ҳақ дорад". Мо зуд нозир оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оиларо, ё аз ШКЗО Одинаева Заринаро ҷег мезанем. Вақте ки онҳо бо хушдоман ё хешовандони шавҳари зан суҳбат мекунанд, онҳо каму беш ором мешаванд ва рафтору гуфторашон дигартар мешавад. …*

*Ҳуҷраи мо бо кӯмаку дастгирии ЮНФПА кушода шуда буд, онҳо ба мо дар ҷиҳозонидани ҳуҷра ёрӣ расонданд, ба адабиёти зарурӣ таъмин карданд. Онҳо ҳоло ҳам ба мо ёрӣ мерасонанд.*

Мусоҳибаи №2, 14.10.19, ш. Ваҳдат

Ҳуҷраҳои офиятбахшии тиббию иҷтимоӣ барои ҷабрдидагон тибқи Қонун ва Низомномаи фаъолияти худ ба ҷабрдида ёрии аввалияи тиббию санитарӣ ва рӯҳӣ мерасонанд, дар мавридҳои зарурӣ ҷабрдидаро дар беморхона мехобонанд ва ӯро дар вақти дар беморхона буданаш табобат ва ташхис мекунанд, ичунин кӯмакҳои дигари зарурӣ мерасонанд. Дар вақти мониторинг кормандони ҳуҷраҳо дар бораи муҳлати дар муассисаи тиббӣ ё паноҳгоҳ истодани ҷабрдидагон масъала ба миён гузоштанд. Аксар вақт зан, ҳатто зани кӯдакдорро барои он дар беморхона ҷойгир мекунанд, ки ӯ ҷои дигари рафтан надорад. Ӯро муоличa мекунанд, машваратҳои рӯҳӣ медиҳанд ва ғ. Лекин ӯро беохир дар муассисаи тиббӣ нигоҳ доштан аз имкон берун аст. Ё, масалан, бо дастгирии Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати ҶТ занеро аз ш. Кӯлоб бо се кӯдакаш (солҳои таваллудашон 2013, 2016, 2017) дар Маркази «Мадад»-и ш Душанбе ҷойгир намуданд. Ӯ муддати дарз аст, ки дар ин марказ истиқомат мекунад, вале ҳанӯз ҳам масъалаи маскунсозии минбаъдаи ӯ ҳал нашудааст.

*Баъзан мешавад, ки як зан чандин маротиба барои ёрӣ муроҷиат мекунад, чунки ҷои дигари рафтан надорад. Мо, албатта, метавонем ӯро 2 ҳафта ё аз ҳама зиёдаш 1 моҳ дар ҳуҷраи назди муассисаи тиббӣ ҷойгир кунем. Баъди ин чӣ? Ӯ ба куҷо равад, роҳи бозгашт нест ба хонае, ки дар он зӯроварӣ содир карда мешавад.... Се моҳ мо намедонистем, ки занеро бо кӯдакаш дар куҷо ҷойгир намоем. Ӯ баъзан дар хонаи ман шабро рӯз мекард, баъзан дар хонаи як ҳамкори дигарамон. Баъд ӯро дар паноҳгоҳи «Корвони умед» ҷойгир намудем. Ба вай касб омӯзонданд... Вале дар «Корвони умед» мо ӯро ба муҳлати дароз нигоҳ дошта наметавонем, ҳамагӣ се моҳ, ин ҳам бошад бо кӯдакони аз 10-сола боло. Ин роҳи илоҷ нест. Ба мо хобгоҳҳо, паноҳгоҳҳо заруранд, ки чунин занони ҷабрдида муддате зиндагӣ кунанд. Ба сари ман фикре омад, ки як навъ маҷмаае (комплексе) созем, то ки дар он чунин занҳои ҷабрдида маскун карда шаванд. Мо ҳоло лоиҳаи онро тайёр карда истодаем. Аз ҷониби Ҳукумати ш. Ваҳдат ёрии молиявӣ гирифтан душвор аст, албатта, зеро барои ин маблаг надоранд. Лекин мо ҳоло ба сафоратхонаҳо муроҷиат карда истодаем, ҷустуҷӯ карда истодаем, ки кӣ ба мо ёрӣ мерасонад. Чунин маҷмаае сохтан даркор аст, ки дар он на фақат истиқомат кардан, балки дӯзандагӣ, пухтупаз ва касбҳои дигарро омӯхтан мумкин бошад. Мо ҳоло аз Покистон ҳар хел ҷойпӯш, ҷилди кампалу болишт меорем, ҳол он ки ҳамаи инро барои беморхонаҳо, кӯдакистонҳо дар ҳамин ҷо истеҳсол кардан мумкин аст.*

Мусоҳибаи №4, 11.10.19, Ваҳдат

Мувофиқи банди 2 моддаи 17 Қонун «Хароҷоти офиятбахшии тиббию иҷтимоии ҷабрдида аз ҷониби шахси зӯроварӣ дар оиларо содирнамуда тибқи нархномаи барои муассисаҳои тандурустӣ муқарраргардида ҷуброн карда мешавад». Чӣ тавре ки мониторинг нишон дод, меъёри мазкур ҳанӯз амал намекунад. Қисми зиёди хароҷоти зарурӣ аз ҳисоби муассисаи тиббӣ пардохт карда мешавад. Масалан, тибқи ҳисоботи Маркази миллии саломатии репродуктивӣ[7] соли 2018 умуман дар ҷумҳурӣ хароҷот барои

[7] Мутахассиси Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ оид ба омори умумии муроҷиатҳо ба ҳуҷраҳои офиятбахшии тиббию иҷтимоии назди муассисаҳои тиббӣ

ҷарроҳӣ, табобат ва парастории ҷабрдидагони зӯроварии оилавӣ дар муассисаҳои тиббӣ мувофиқи нархномаи муқаррарнамудаи Қарори Ҳукумати ҶТ №600  34 685 сомониро ташкил дод.

Дар он шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, ки ҳуҷраҳои офиятбахшии тиббию иҷтимоӣ вуҷуд надоранд, ҷабрдидагони зӯроварӣ метавонанд ба муассисаҳои тиббӣ ё ба Марказҳои саломатии репродуктивӣ (МСР) муроҷиат кунанд. Дар ноҳияи Рӯдакӣ чунин омор ба роҳ монда нашудааст.  Вале як нафар мутахассиси МСР чунин гуфт: ба мо барои ёрӣ занҳои ҳомилае муроҷиат мекунанд, ки дучори зӯроварии иқтисодӣ мегарданд.  Мувофиқи маълумоти МСР ноҳияи Ҳамадонӣ ва ш. Ҳисор, дар 9 моҳи соли 2019 ба онҳо 15 нафар зани аз зӯроварӣ ҷабрдида муроҷиат кардааст. Дар ш. Ҳисор 11 нафар зан ба зӯроварии ҷисмонӣ ва 4 нафар ба зӯроварии шаҳвонӣ дучор гардидааст. Дар ноҳияи Ҳамадонӣ теъдоди намудҳои зӯроварӣ зиёдтар аст.  Зиёда аз нисфи занҳо (8 нафар) ба зӯроварии иқтисодӣ, 4 нафар ба зӯроварии рӯҳӣ, 2 нафар ба зӯроварии ҷисмонӣ ва 2 нафар ҳамзамон ба якчанд намуди зӯроварӣ дучор гардидаанд.  Қайд кардан зарур аст, ки дар вақти вохӯрию мусоҳибаҳо кормандони муассисаҳои тиббӣ борҳо мушоҳида намудаанд, ки занҳо бештар ба зӯроварии иқтисодӣ дучор мегарданд, яъне ба занҳо, аз ҷумла ба занҳои ҳомила, барои муолиҷа, таҳлил (анализ), дорувор ва ғ. пул намедиҳанд. Бинобар ин аксар вақт хушдоманҳо ва хешовандони шавҳар ба онҳо ба МСР рафтанро манъ мекунанд.

**Расми 13. Ҷабрдидагони зӯроварии оилавии ноҳияи Ҳамадонӣ ва ш. Ҳисор аз рӯи намудҳои зӯроварӣ (тибқи маълумот оид ба муроҷиатҳо ба МСР дар 9 моҳи с. 2019**




Тибқи маълумот оид ба муроҷиатҳо ба МСР, дар ин давра занҳои ҳамаи гурӯҳҳои синнусолӣ ба зӯроварӣ дучор гардидаанд. Бештар занҳои аз 18 то 24-сола ба зӯроварӣ дар оила дучор мегарданд. Дар байни қурбониёни зӯроварӣ шумораи духтарони ноболиғ (то 18-сола) кам нест. Дар Ҳамадонӣ ҳар як ҷабрдидаи 5-уми зӯроварӣ аз гурӯҳи синнусолии 50-сола ва аз ин боло мебошад.

**Расми 14. Занҳои аз зӯроварии оилавӣ ҷабрдида аз рӯи синну сол ва муносибати онҳо бо шахсе, ки зӯроварӣ содир намудааст (тибқи маълумот оид ба муроҷиатҳо ба МСР-и ноҳияи Ҳамадонӣ ва ш. Ҳисор дар 9 моҳи соли 2019)**

**Ҳамадонӣ**

**Аз рӯи синну сол**
То 18-сола – 20,0%
18-24-сола – 33,3%
25-49-сола – 20,0%
50-сола ва аз ин боло – 26,7%

Зӯровариро содир намуд:
шавҳар, ҳамзист, шавҳари собиқ– 33,3%
хусур, бародарони шавҳар– 26,7%
хушдоман, хоҳарони шавҳар – 20,0%
хешовандони дигар -20,0%

**Ҳисор**

**Аз рӯи синну сол**
То 18-сола – 26,6%
18-24-сола – 46,8%
25-49-сола – 26,6%
50-сола ва аз ин боло – 0

Зӯровариро содир намуд:
шавҳар, ҳамзист, шавҳари собиқ– 20,0%
хусур, бародарони шавҳар– 0
хушдоман, хоҳарони шавҳар – 53,3%
хешовандони дигар-26,7%

**Бюроҳои давлатии ҳуқуқии МД “Маркази ёрии ҳуқуқӣ”**

Ҳоло дар ҷумҳурӣ тибқи Консепсияи расондани ёрии ройгони ҳуқуқӣ дар ҶТ, ки бо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 2 июли соли 2015, №425 тасдиқ шудааст, Бюроҳои давлатии ҳуқуқии Муассисаи давлатии (МД) “Маркази ёрии ҳуқуқӣ”-и Вазорати адлияи ҶТ фаъолият мекунанд. Дар бюроҳои давлатии ҳуқуқӣ ба шаҳрвандон ёрии аввалияи ҳуқуқӣ мерасонанд, аз ҷумла аризаҳо, шикоятҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ тартиб медиҳанд. Дар лаҳзаи гузарондани мониторинг онҳо дар 18 шаҳру ноҳияи ҷумҳурӣ амал мекарданд. Аз ҳамаи шаҳру ноҳияҳои зерҳадаф танҳо дар ш. Ваҳдат Бюрои давлатии ҳуқуқие амал мекунад, ки ҷабрдидагони зӯроварии оилавиро қабул карда, ба онҳо ёрии ройгони ҳуқуқӣ мерасонад.

**Илованi 7. Хизматҳое, ки Бюроҳои давлатии ҳуқуқии МД “Маркази ёрии ҳуқуқӣ”-и Вазорати а д л и я и Ч**

- ✓ *машварати (иттилооти) аввалияи ҳуқуқӣ;*
- ✓ *тартиб додани аризаҳо, арзу шикоятҳо ва ҳуҷҷатҳои дигар;*
- ✓ *фиристодан ба назди адвокатҳое, ки дар вақти тафтишот ва дар суд ёрии ҳуқуқии ҳам пулакӣ ва ҳам аз ҳисоби давлат ёрии ҳуқуқии ройгон мерасонанд;*
- ✓ *тартибу қоидаҳои хизматрасонии ройгони адвокатиро шарҳ медиҳанд;*
- ✓ *имкониятҳои то суд ҳал намудани баҳсро мефаҳмонанд.*

Дар робита бо хусусиятҳои пешбурди бақайдгирии муроҷиатҳо ба МД “Маркази ёрии ҳуқуқӣ” мо аз Бюрои давлатии ҳуқуқии ш. Ваҳдат оид ба муроҷиатҳо дар 2 соли охир маълумоти умумӣ гирифтем. Тибқи маълумоти гирифташуда, дар соли 2018 ба онҳо 70 нафар занон бо масъалаи зӯроварӣ дар оила муроҷиат кардаанд. Аз онҳо 45 нафар машварати шифоҳӣ гирифтанд, барои 25 нафар аризаю шикоятҳо тартиб дода, ба онҳо амалҳои минбаъдаашон фаҳмонда шуд.

Дар 9 моҳи соли 2019 аз хизматҳои бюро 30 нафар шахси аз зӯроварии оилавӣ ҷабрдида истифода бурд. Аз шумораи умумии муроҷиаткардагон 20 нафар зан машваратҳои шифоҳӣ гирифт, барои 10 нафар ҷабрдида ариза, шикоят ва дигар ҳуҷҷатҳои зарурӣ тартиб дода шуд.

Мувофиқи маълумоти пешниҳодшуда, занҳое, ки дар оила ба зӯроварӣ дучор гардидаанд, аз 18 то 30-сола буданд. Нисбати занҳо бештар зӯроварии ҷисмонӣ, рӯҳӣ ва иқтисодӣ содир карда мешуд.

Бақайдгирии муроҷиатҳо дар бюро автоматӣ кунонда шудааст ва он дар асоси таъминоти ягонаи барномавӣ, ки пештар бо дастгирии ташкилоти байналмилалии Хелветас таҳия гардида буд, амалӣ карда мешавад. Барои кормандони МД "Маркази ёрии ҳуқуқӣ" дастуруламали кор бо махзани электронии маълумот дар бораи муроҷиатҳо тартиб дода шудааст.

Қайд кардан зарур аст, ки бақайдгирӣ ва ҳисобот оид ба натиҷаҳои ёрии расондашуда дар асоси намудҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ: Андоз, Граждан, Замин, Манзил, Маъмурӣ, Меҳнатӣ, Оилавӣ ва ғ. амалӣ карда мешаванд. Дар фасли "Ҳуқуқи инсон" зерфасли Ҳуқуқҳои занон/зӯроварӣ нисбати занон мавҷуд аст, аммо зерфасли мустақил оид ба зӯроварӣ, хусусан зӯроварӣ дар оила вуҷуд надорад. Аз ин рӯ ҳуқуқшиносони бюро ҳамаи муроҷиатҳоро мувофиқи намудҳои ҳуқуқвайронкунӣ ба қайд мегиранд. Дар натиҷа муроҷиатҳои ҷабрдидагони зӯроварии оилавиро ҷудо кардан душвор аст, чунки муроҷиатҳо оид ба зӯроварӣ дар оила мумкин аст мувофиқи намудҳо ва категорияҳои гуногуни ҳуқуқ тақсим шуда бошанд. Барои гирифтани маълумоти иловагӣ оид ба зӯроварӣ дар оила ба ҳуқуқшиносон зарур меояд, ки бо зани муроҷиаткарда суҳбати иловагӣ гузаронанд.

Дар ноҳияҳои зерҳадафи дигар аз сабаби вуҷуд надоштани Бюроҳои давлатии ҳуқуқӣ ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила ёрии ҳуқуқиро бештар дар ШКЗО, ё дар ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ё бо роҳи бозфиристӣ дар дигар ниҳодҳои ҳуқуқӣ мегиранд.

**Фаъолияти ташкилотҳои ҷамъиятӣ**

Чӣ тавре ки дар фаслҳои дигар қайд кардем, дар ноҳияҳои зерҳадаф ташкилотҳои ҷамъиятӣ ба раванди кумакрасонӣ ба ҷабрдидагони зӯроварӣ фаъолона ҷалб гардидаанд. Вале дар айни замон бояд зикр намуд, ки миқдор ва имконияти ташкилотҳои ҷамъиятие, ки бо масъалаҳои зӯроварӣ дар оила машғуланд, дар ҳар минтақа ҳар хел аст. Чӣ тавре натиҷаҳои харитасозии ба қарибӣ аз ҷониби коршиносони СММ-Занон гузарондаи ташкилотҳои ҷамъиятие, ки ба раванди пешгирӣ ва кӯмак ба қурбониёни зӯроварӣ ҷалб гардидаанд, инчунин натиҷаҳои мониторинги дар ноҳияҳои зерҳадаф гузарондаи Иттифоқ нишон доданд, дар ин самт ташкилотҳои ҷамъиятии чандон зиёде кор намекунанд.

**Расми 15. Рӯихати ташкилотҳои ҷамъиятии шаҳру ноҳияҳои зерҳадаф, ки дар соҳаи пешгирии зӯроварӣ дар оила ва дастгирии қурбониёни зӯроварӣ кор мекунанд.**




Дар ш. Бохтар ба туфайли лоиҳаи дарозмуҳлат оид ба пешгирии зӯровари дар оила (GOPA\ PDV) фаъолияти ташкилотҳои ҷамъиятӣ нисбатан хубтар аст.

Масалан,чӣ тавре ки аз маълумоти ҷадвали 6 бармеояд, ба ТҶ “Дилафруз” дар 9 моҳи с. 2019 оид ба масъалаҳои зӯроварӣ дар оила аз ш. Кӯлоб ва ш. Бохтар 271 нафар мурочиат намуд, аз онҳо: 214 нафар зан (79%) ва 57 нафар мард (21%). Илова бар ин бояд гуфт, ки 41% ҷабрдидагон чандин маротиба ба зӯроварӣ дар оила дучор гардидаанд.

**Ҷадвали 6. Маълумот дар бораи намудҳои зӯроварӣ ва чанд маротиба такрор шудани зӯроварӣ нисбати ҷабрдидагоне, ки дар 9 моҳи соли 2019 ба ТҶ «Дилафрӯз» мурочиат кардаанд.**

| **Намудҳои зӯроварӣ** | **Ҳамагӣ** | **Занҳо** | **Мардҳо** |
|---|---|---|---|
| Ҷисмонӣ | 38 | 38 | 0 |
| Иктисодӣ | 160 | 113 | 47 |
| Рӯҳӣ | 72 | 62 | 10 |
| Шаҳвонӣ | 1 | 1 | 0 |
| **Ҷамъ** | **271** | **214** | **57** |
| **Такрорёбии зӯроварӣ** | | | |
| Як маротиба | 161 | 115 | 46 |
| Чандин маротиба | 110 | 99 | 11 |

Танҳо дар давоми 9 моҳи с. 2019 аз ҷониби ТҶ «Дилафруз» дар ш. Бохтар ва ш. Кӯлоб 153 хизмати иҷтимоӣ, 93 хизмати тиббӣ, 74 хизмати ҳуқуқӣ расонда, 150 машварати психологӣ дода шуд шуд.

Расми 16. Намудҳои хизмате, ки ТҶ «Дилафрӯз» дар 9 моҳи с. 2019 ба ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила расондааст




Солҳои зиёд аст, ки ТҶ «Ғамхорӣ» дар ш. Бохтар ва шаҳру ноҳияҳои наздиктарин ба қурбониёни зӯроварӣ ёрӣ мерасонад. Соли 2018 ба ин ташкилот барои ёрӣ 797 нафар шахсоне муроҷиат намуданд, ки дар оила аз зӯроварӣ ҷабр дидаанд. Аз онҳо: 690 нафар зан ва 107 нафар мард. Дар давоми 9 моҳи с. 2019 610 нафар муроҷиат намуд: 510 нафар зан ва 100 нафар мард. Илова бар ин бояд гуфт, ки дар соли 2018 тақрибан 97% ҷабрдидагон чандин маротиба ба зӯроварӣ дучор гардидаанд, дар соли 2019 бошад, - 96%.

Расми 17. Миқдори қурбониёни зӯроварӣ, ки дар 9 моҳи с. 2019 ба ТҶ «Ғамхорӣ» муроҷиат кардаанд, мувофиқи намудҳои зӯроварӣ




Ба гуфти ҷабрдидагон, дар байни шахсоне, ки зӯроварӣ содир намудаанд, 29%-ро шавҳароне, ки никоҳашон дар САҲШ ба қайд гирифта шудааст, 11%-ро шавҳароне, ки никоҳи мусулмонӣ доранд, ва 19%-ро шавҳарони собиқ ташкил медиҳанд. Ду фоизи онҳоро кӯдаконе ташкил медиҳанд, ки нисбати волидони худ зӯроварӣ содир кардаанд.

Тибқи маълумоти бақайдгирӣ, аз шумораи умумии муроҷиаткардагон 311 нафар то муроҷиат карданашон ба ТҶ «Ғамхорӣ» ба ташкилотҳои дигар муроҷиат карда будаанд. Аз онҳо: ба ҳар як муроҷиаткардаи сеюм дар ин ташкилотҳо ягон хел ёрӣ нарасонданд, ба 1% - ёрӣ расонданд, 1% - шахси гунаҳгорро ҷазо доданд ва 66%-ро ба ташкилотҳои дигар фиристоданд.

Дар соли 2018 ва 9 моҳи соли 2019 дар ТҶ «Ғамхорӣ» ба 6130 нафар ҷабрдидагони зӯроварии оилавӣ хизматҳои гуногун расонда шуданд. Қисми зиёди ин хизматҳоро хизматҳои иҷтимоӣ, маслиҳати равоншинос, маслиҳати ҳуқуқшинос ва ёрии тиббӣ ташкил медиҳанд (ниг. ба ҷадвал).

**Ҷадвали 7. Миқдори ҷабрдидагони зӯроварӣ, ки дар 9 моҳи соли 2019 аз хизматҳои ТҶ «Ғамхорӣ» истифода бурданд, ва намудҳои хизматҳои расондашуда**

| | 2018 | 9 моҳи с.2019 | Ҷамъ |
|---|---|---|---|
| **Миқдори умумии ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила, ки аз хизматҳо истифода бурдаанд** | **3503** | **2627** | **6130** |
| **Миқдори хизматҳои расондашуда** | **5482** | **3896** | **9378** |
| Суҳбат бо гунаҳгори зӯроварӣ | 20 | 25 | 45 |
| Маслиҳати равоншинос | 1595 | 1112 | 2707 |
| Маслиҳати ҳуқуқшинос | 1372 | 1021 | 2393 |
| Ёрии тиббӣ | 767 | 561 | 1328 |
| Ёрии адвокат | 22 | 12 | 34 |
| Кор бо оила | 33 | 36 | 69 |
| Хизматҳои иҷтимоӣ | 1673 | 1129 | 2802 |

Рӯихати хизматҳои ба ҷабрдидагони зӯроварӣ расондашуда бо назардошти оқибатҳо барои ҷабрдидагон таҳия шудааст. Қисми зиёди оқибатҳоро барои саломатии умумӣ ва рӯҳии ҷабрдидагони зӯроварӣ ихтилоли рӯҳию эмотсионалӣ, ҷойҳои харошхӯрда/латхӯрда/кабудшуда, кӯшиши худкушӣ ташкил медиҳанд.

**Расми 18. Оқибатҳо барои саломатии ҷабрдидагони зӯроварӣ, ки дар 9 моҳи соли 2019 ба ТҶ «Ғамхорӣ» муроҷиат кардаанд**




Дар ТҶ «Ғамхорӣ» ба туфайли ҷорӣ намудани бақайдгирии автоматӣ оид ба намудҳои зӯроварӣ дар оила, оқибатҳои зӯроварӣ, ҷабрдидагони зӯроварӣ, шахсоне, ки зӯроварӣ содир намудаанд, хизматҳои расондашуда ва нишондиҳандаҳои дигар маълумоти фаровон вуҷуд дорад. Мо ҳоло танҳо як қисми иттилоотеро истифода бурдем, ки дар махзани маълумот вуҷуд дорад. Ин мисолҳо аз афзалиятҳои ҷорӣ намудани бақайдгирии автоматии муроҷиатҳои ҷабрдидагони зӯроварӣ ва зарурати таҳия ва гузариш ба таъминоти ягонаи барномавӣ оид ба муроҷиатҳо ба идораву марказҳои дастгирии ҷи давлатӣ ва ҷи ғайриҳукуматӣ гувоҳӣ медиҳанд.

Дар вақти мониторинг аз ТҶ «Наҷоти кӯдакон» (Кӯлоб) оид ба муроҷиатҳо дар 2 соли охир, мутаассифона, маълумот пешниҳод накарданд. Дар дигар шаҳру ноҳияҳои зерҳадаф миқдори муроҷиатҳо дар муқоиса бо ш. Бохтар хеле камтар аст. Сабаби ин, пеш

аз ҳама, вуҷуд надоштани захираҳои молиявӣ ва амал кардани лоиҳаҳои дарозмуҳлат мебошад.

Дар ш. Ваҳдат ТҶ «Пешравӣ» фаъолияти худро дар соҳаи пешгирии зӯроварӣ дар оила ва кӯмакрасонӣ ба ҷабрдидагони зӯроварӣ оғоз намуд. Он аз ҷумла бо маъюбон ва гурӯҳҳои дигари аҳолӣ самаранок кор мекунад. Дар давоми 9 моҳи соли 2019 ба ин ташкилот 4 нафар муроҷиат намуд, ки ҳамаашон дар оила ба зӯроварӣ дучор гардидаанд. Аз онҳо 1 нафарӣ ба зӯроварии ҷисмонӣ, иқтисодӣ, рӯҳӣ ва ҳамзамон ба якчанд намуди зӯроварӣ дучор шудаанд. Ду нафар ҷабрдида бо равоншинос машварат намуданд, 1 нафарӣ ёрии ҳуқуқӣ ва тиббӣ гирифтанд. Илова бар ин, ҳамаи онҳо ба ташкилотҳои дигар фиристода шуданд.

Чӣ тавре ки мониторинг дар ноҳияҳои зерҳадаф ва вохӯриҳо бо намояндагони ташкилотҳои ҷамъиятӣ нишон доданд, дар роҳи ташкил ва пешбурди фаъолияти марказҳои дастгирии назди ташкилотҳои ҷамъиятӣ як қатор монеаҳо вуҷуд доранд, аз қабили:

- ✓ Вобастагии сахт аз маблағгузории ташкилотҳои байналмилалӣ.
- ✓ Вуҷуд надоштани биноҳои доимӣ ва бояду шояд муҷаҳҳазшуда, мураккаб будани шартномабандӣ дар бораи иҷораи дарозмуҳлати биноҳо.
- ✓ Маблағгузории кӯтоҳмуддат аз ҷониби донорҳо.
- ✓ Заминаю имкониятҳои сусти моддию техникӣ (таҷҳизот, интернет ва ғ.)
- ✓ Нарасидани кадрҳои баландихтисос, зарурати такмил додани ихтисоси равоншиносон, ҳуқуқшиносон, табибон ва мутахассисони дигар.
- ✓ Маҳдуд будани теъдоди хизматрасониҳо.

**Зарурати таҳкими нерӯи кормандони ҳамаи сохторҳое, ки ба ҳимояи ҳуқуқҳои ҷабрдидагони зӯроварӣ ва кӯмакрасонӣ ба онҳо ҷалб гардидаанд**

Мониторинг нишон дод, ки сарфи назар аз мунтазам гузарондани тренингҳо барои кормандони сохторҳои давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятие, ки ба раванди иҷрои Қонун ҷалб гардидаанд, аз тарафи як қатор ташкилотҳои байналмилалӣ: Лоиҳаи пешгирии зӯроварии хонагӣ (PDV), ки шуъбаи олмонии ташкилоти байналмилалии GOPA дар Тоҷикистон бо дастгирии молиявии Офиси Швейтсария оид ба ҳамкорӣ амалӣ менамояд, Лоиҳаи Saferworld якҷоя бо БРСММ «Тақвияти амнияти ҷамъиятӣ ва пешгирии хушунат алайҳи занон дар Тоҷикистон», Лоиҳаи Хазинаи Авросиёи Осиёи Марказӣ – Тоҷикистон «Такмили низоми ҳисоботдиҳӣ ва танзими зӯроварии гендерӣ дар Тоҷикистон», ки бо дастгирии Иттиҳоди Аврупо, Бюрои САҲА дар Тоҷикистон амалӣ карда мешавад, лоиҳаҳои ЮНФПА, СММ-Занон ва ташкилотҳои дигар, инчунин аксарияти иттилоъдиҳандагони калидӣ зарурати мутазам гузарондани семинару тренингҳо оид ба ҷанбаҳои гуногуни фаъолият дар соҳаи пешгирии зӯроварӣ ва кӯмакрасонӣ ба ҷабрдидагони зӯроварӣ зикр карда шуд. Хусусан, ки дар як қатор сохторҳо кадрҳо нав карда шуданд.

*Аз ҳисоби маблағҳои ВКД дар ин мавзуъ семинарҳо гузаронда намешаванд, аксар вақт ман худам дар семинарҳое, ки ТҶ ва ташкилотҳои байналмилалӣ мегузаронанд, иштирок мекунам. Соли 2019 як маротиба дар семинар оид ба масъалаҳои зӯроварии хонагӣ, ки дар ш. Душанбе аз тарафи ташкилоти байналмилалии «Saferworld» гузаронда шуд, иштирок намудам. Семинарҳои басо муфид ва зарурӣ. Вақте ки нав ба кор сар карда будам, моҳияти кори худ ва тамоми мушкилоти зӯроварии хонагиро дуруст намефаҳмидам, вале ба туфайли ин семинару тренингҳо ман акнун вазифаҳои худро дар асоси донишу маълумоти гирифтаам пурра иҷро мекунам. Аҳамияти дигари ин семинарҳо дар он аст, ки ҳамкорон дар ин чорабиниҳо мубодилаи таҷриба мекунанд, роҳҳои ҳалли мушкилоти ҳамшабеҳро пайдо менамоянд, доираи шиносону шарикони худро аз ҳисоби кормандони ТҶ густариш медиҳанд. Ин ба кори ман ёрии калон мерасонад.*

Мусоҳибаи №20, 08.11.19, Бохтар.

*Росташро гӯям, барои такмил додани ихтисоси кормандон хеле кам семинарҳо гузаронда мешаванд, ҳол он ки мехостем онҳо бисёртар гузаронда шаванд. Бале, мо ба гузарондани чунин семинарҳо ниёз дорем, ғайр аз ин мехостем, фаъолазанонеро, ки дар ин масъала бо мо ҳамкорӣ мекунанд, омӯзонем. Мехостем, ки малакаҳои касбии онҳоро баланд бардорем, то ки онҳо дар маҳалҳо донишу малакаҳои худро истифода бурда тавонанд, зеро ба мо на танҳо мутахассисоне, ки дар байни аҳолӣ тренингҳо гузаронда метавонанд, балки инчунин равоншиносон зуруранд, чунки бо қурбониёни зӯроварӣ дар оила бояд мутахассисони моҳир кор кунанд.*

Мусоҳибаи №1, 18.10.19, Ваҳдат

## 4. ТАЪСИРИ ҚОНУН ДАР БОРАИ ПЕШГИРИИ ЗӮРОВАРӢ ДАР ОИЛА БА ВАЗЪИ ЗӮРОВАРӢ ДАР ШАҲРУ НОҲИЯҲОИ ЗЕРҲАДАФ

### 4.1. Арзёбии вазъи паҳншавии зӯроварӣ дар ноҳияҳои зерҳадаф

Мониторинги ҷамъиятии иҷрои Қонун нишон дод, ки дар давоми 3 соли охир дар шаҳру ноҳияҳои зерҳадаф фаъолияти ҳамаи субъектҳои мубориза бо зӯроварӣ дар оила ҷоннок гардидааст. Баъзе иштирокчиёни мубоҳисаҳои гурӯҳӣ ва намояндагони сохторҳои давлатӣ ифроз доштанд, ки ҳодисаҳои зӯроварӣ дар оила кам шудаанд. Сабаб дар он аст, ки ҳукумат бо аҳолӣ вохӯриҳои зиёд гузаронда, дар онҳо оид ба Қонун дар бораи пешгирии зӯровари дар оила, дар бораи ноҷоиз будани зӯроварӣ ва ғ. нақл мекунанд. Аммо тибқи арзёбии қисми зиёди иштирокчиёни мубоҳисаҳои гурӯҳӣ бо аҳолӣ ва иттилоъдиҳандагони калидӣ аз сохторҳои давлатӣ, паҳншавии зӯроварӣ дар ҳаёти ҳамарӯза ҳанӯз ҳам зиёд буда, миқдори ҳодисаҳои зӯроварӣ кам намешавад.

*Худсӯзии занҳо дар муқоиса бо солҳои пештара қариб мушоҳида карда намешавад, вале ҳодисаҳои зӯроварӣ дар оила зиёд шудаанд … Дар давоми се соли охир ҳодисаҳои зӯроварӣ дар оила зиёд гардиданд, хусусан аз тарафи шавҳар, ҳамзист, хушдоман ва хоҳарони шавҳар. Дар оилаҳои тоҷикон қолабҳои зиёде вуҷуд доранд: ба сарварии мардҳо диққати зиёд медиҳанд, барои занҳо бошад, нақшҳои дуюмдараҷа ҷудо мекунанд, фикри зан ва келин ба назар гирифта намешавад, баъзе волидони шавҳар келинро моли харидашуда ҳисоб мекунанд.*

Мусоҳибаи №26, 28.10.19, ш. Кӯлоб

*Мутаассифона, ҳодисаҳои зӯроварӣ дар оила зиёд мешаванд. Ҳодисаҳои дорои хусусияти ҷиноятӣ бисёр вомехӯранд, вақте ки дар натиҷаи зӯроварии хонагӣ кор то куштор, худкушӣ ё расондани зарари вазнин ба саломатӣ рафта мерасад. Ин ҳодисаҳо тавассути ТВ ё ВАО-и дигар инъикос карда мешаванд, ки ин хеле аломовар аст. Рафтори шахси таҷавузгарро дигар кардан басо душвор аст.*

Мусоҳибаи №20, 08.11.19, Бохтар

*Зӯроварӣ ҳаст, лекин худи занҳо дар ин бора гап намезананд. Онҳо ҳатто ба наздикони худ намегӯянд, ки чӣ тавр нисбати ӯ аз тарафи шавҳар ё наздикони ӯ зӯроварӣ содир карда мешавад. Онҳо аз шавҳарони худ метарсанд. Метарсанд, ки оилаашон вайрон мешавад, бинобар ин хомӯшона тоқат мекунанд.*

Мубоҳисаи гурӯҳии №5, 24.10.19, Ҳисор, занҳо

*Ба фикри ман, зӯроварӣ васеъ паҳн шудааст, чунки дар ҳамаи ноҳияҳо миқдори ҷудошавӣ хеле зиёд аст. Ин аст оқибати зӯроварии хонагӣ.*

Мубоҳисаи гурӯҳии №8, 26.10.19, Бохтар, мардҳо

Ба фикри иштирокчиёни тадқиқот, вазъи зӯроварии гендериро дар якчанд сол ба куллӣ тағйир додан душвор аст. Зӯроварӣ нисбати занон мушкилотест, ки бо бисёр омилҳои дигар вобаста мебошад. Мушкилоти зӯроварӣ нисбати зан ин танҳо мушкилоти занҳо нест.

Чӣ тавре ки аз мубоҳисаҳо маълум мегардад, зӯроварии мардҳо нисбати занон оқибати бевоситаи нобаробарии мавҷудаи муносибати байни онҳо ба шумор меравад. Чунин нобаробарӣ дар дили мардҳо бовар пайдо мекунонад, ки танҳо онҳо бояд дар муносибатҳои оилавӣ ҳукмрон ва назоратчии асосӣ бошанд. Аз ин нуқтаи назар,

зӯроварии мардҳоро на фақат оқибати садамаи рӯҳӣ, суъистемоли машрубот ё маводи мухаддир, балки чун рафтори барқасдона баррасӣ кардан мумкин аст.

Иштирокчии 1. *Дар маҳаллаи мо зуд-зуд суҳбатҳо гузаронда мешаванд. Ҳама дар бораи баробарҳуқуқии занҳо ва мардҳо гап мезананд. Дар асл бошад, инҳо суханони хушку холианд, занҳо ва мардҳо баробарҳуқуқ нестанд. Занҳо аксар вақт дучори зӯроварии шавҳар ва хушдоман мегарданд. Баъди иштирок дар семинарҳо мо кӯшиш менамоем, ки ҳодисаҳои зӯроварӣ дар оила кам шаванд. Лекин бисёре аз мардҳо инро риоя намекунанд.*

Иштирокчии 2. *Фарз кардем, ки мардҳо ва занҳо баробарҳуқуқанд. Вале баъди оила барпо кардан зан барои шавҳар ва оилаи ӯ каниза мешавад, яъне шавҳар ҳуқуқи бештар дорад назар ба занаш. Зан ҳуқуқи овоз надорад. Ӯ бояд фақат ҷомашӯӣ кунад, хона рӯбад, хӯрок пазад, дигар ба ягон чиз ӯ ҳуқуқ надорад. Даҳони ӯро баста мегӯянд: «Ман мард ҳастам, барои ҳамин ба гап задан ҳақ дорам! Ту зан ҳастӣ, барои ҳамин ҷим шин!»*

Мубоҳисаи гурӯҳии №3, 13.10.19, Рӯдакӣ, занҳо

Иштирокчии 1. *Агар дар бораи умуман мамлакатамон гап занем, пас дар байни мардҳо ва занҳо баробарҳуқуқӣ нест. Дар шаҳри Душанбе шояд бошад, лекин дар Ҳисори мо занҳо ва мардҳо баробарҳуқуқ нестанд. Зеро аз қадимулайём дар байни мардуми мо ақидае ҳаст, ки мард бояд доимо аз зан болотар бошад.*

Иштирокчии 2. *Ман, чун мард, намехостам, ки занам бо ман ҳуқуқҳои баробар дошта бошад. Мард бояд мард бошад. Шахсан ман ба занам иҷозат намедиҳам, ки баромада кор кунад. Агар вай бо ман баробарҳуқуқ бошаду дар ягон ҷо кор кунад, кӣ кӯдаконро тарбия мекунад? Вақте ки ман кӯдаконро ҷанг мекунам, ӯ набояд онҳоро тарафгирӣ кунад.*

Иштирокчии 3. *Ман ҳам чунин меҳисобам, ки мард мард аст, ӯ бояд назар ба зан ҳуқуқҳои бештар дошта бошад.*

Мубоҳисаи гурӯҳии №6, 29.10.19, ш. Ҳисор, мардҳо

Иштирокчиёни тадқиқот ҳодисаҳои гуногуни зӯровариро таҳлил намуда, ба хулосаи умумӣ омаданд, ки зӯроварӣ дар оила дар ҷои холӣ ба вуҷуд намеояд, балки бо таъсири як қатор сабабу омилҳо рӯй медиҳад.

*Сабаби ин бисёр аст: иҷтимоӣ, иқтисодӣ, психологӣ. Масалан, дар бисёр оилаҳо зӯроварӣ аз он сабаб ба вуҷуд меояд, ки шавҳар дар Россия аст, хушдоман бошад, нисбати келин зӯроварӣ мекунад, чунки ҳимоятгараш нест, ӯ беҳимоя аст. Одатан шавҳарон солҳои зиёд дар оила нестанд ва зан рӯҳан хаста мешавад. Аъзоёни оила чунин занҳоро бояд аз ҷиҳати маънавӣ дастгирӣ кунанд, ин ҷо бошад баръакс. Аксар вақт маҳз дар оилаҳое, ки шавҳаронашон нестанд, ҳодисаҳои зӯровариро мушоҳида кардан мумкин аст. Сабаби дигар, албатта, ноодамии баъзе одамон аст. Илова бар ин, саводи ҳуқуқӣ надоштани худи ҷабрдидагони зӯроварӣ.*

Мусоҳибаи №7, 16.10.19, Ваҳдат

Таъсири тӯлонии як қатор омилҳои манфӣ ба мардҳо ва дигар аъзоёни оила, ба монанди аз даст додани кор ё умуман вуҷуд надоштани ҷои кор, қолабҳои гендерӣ, инчунин истеъмоли машрубот, маводи мухаддир ва омилҳои дигар ба вазъи оила таъсири манфӣ расонда, боиси муомилаи бераҳмона нисбати занону кӯдакон мегардад. Фикру мулоҳизаҳои посухдиҳандагонро дар бораи сабабҳои зӯроварӣ, омилҳои паҳншавии зӯроварӣ дар ҷамъият ва оила ҷамъбаст намуда, се гурӯҳи калони сабабҳоро ҷудо кардан мумкин аст: иҷтимоию иқтисодӣ, иҷтимоию фарҳангӣ ва иҷтимоию рӯҳӣ.

**Расми 19. Омилҳои асосие, ки ба содир гардидани зӯроварии гендерӣ таъсир мерасонанд**




*Сабаби зӯроварӣ бепулӣ ва бекорӣ аст. Бисёриҳо аз набудани кор маҷбур мешаванд, ки барои кор ба хориҷи кишвар раванд. Занҳои ҷавон рӯзи дароз бо телефон гап мезананд. Баъд ғур-ғур сар мешавад: ту ин корро накардӣ, он корро накардӣ. Ӯ шавҳарашро дидан мехоҳад. Охир ӯ ҳанӯз ҷавон аст. Худро ба ҷои ӯ тасаввур кунед. Шавҳараш бошад, аз сабаби он ки дар ин ҷо маош кам аст, заводу фабрикаҳо кор намекунанд, мамлакати худро тарк намуда, барои музди хубтари кор ба муҳоҷират меравад. Фикр мекунам, ки омилҳои иқтисодӣ ва рӯҳӣ боиси зӯроварӣ дар оила мегарданд.*

Мубоҳисаи гурӯҳии №3, 13.10.19, ноҳияи Рӯдакӣ, занҳо

*Чӣ бояд кард? Дар навбати аввал мардҳоро бо ҷои кор таъмин кардан лозим аст. Агар мард кор карда, оиларо таъмин намояд, занаш ғур-ғур карда, ӯро ба ҷонаш намерасонад. Инчунин ӯ дар кор хаста мешавад ва дар хона ба занаш хурдагирию муноқиша намекунад. Ҳамаи ҷанҷолу якдигарнофаҳмиҳо аз бекорианд.*

Мубоҳисаи гурӯҳии №9, 24.10.19, ш. Кӯлоб, занҳо

*Сатҳи бекорӣ ба афзоиши ҳодисаҳои зӯроварии хонагӣ таъсири сахт мерасонад. Аз таҷриба мебинем, ки вазъият ё ҳодисаҳои зерин боиси сар задани зиддияту зӯроварӣ мегарданд:*

- *бад шудани вазъи иқтисодии оилаҳо;*
- *нарасидани қитъаи замин ё хона барои аъзоёни оила ё оилаҳои нави ҷавон;*
- *набудани ҷойҳои корӣ;*
- *дараҷаи баланди муҳоҷирати меҳнатӣ;*
- *телефонҳои мобилиро нодуруст истифода бурдани духтарон ва занҳо;*
- *масъалаи маскункунӣ, проблемаҳои зиёде бо ин масъала алоқамананд.*

Мусоҳибаи №20, 08.11.19, ш. Бохтар

Яке аз хусусиятҳои оила дар ҷумҳурӣ, хусусан дар деҳот, ин бисёр будани оилаҳои калон аст. Дар як оила чандин насли калонсолу хурдсол якҷоя зиндагӣ мекунанд. Яъне зери як бом волидон ва писарону духтарони аллакай оиладоршудаи онҳо, бибиҳою бобоҳо, хоҳарону бародарони болиғ ва дигарон истиқомат менамоянд. Аз ин рӯ, албатта, дар байни хушдоманҳою келинҳо, келинҳою хоҳаршӯйҳо ва дигарон ё барои кӯдакон ё барои молу чиз ягон муноқиша сар мезанад.

Илова бар ин, таҳаммулпазирию бепарвоии ҷомеа ва ташкилотҳои маҳаллӣ нисбати ҳама гуна зӯроварӣ ва паҳн гардидани ақида дар бораи он ки зӯроварӣ дар оила ин кори шахсии оила аст, нигаронкунанда мебошад. Дар мубоҳисаҳои гурӯҳӣ аксар вақт шунидан мумкин аст: «*Дар ҳар як оила ҷангу ҷанҷол ҳаст, лекин ин кори оилавист. Зану шавҳар ҷанҷол мекунанду боз оштӣ мешаванд. Ягон кас набояд ба ин дахолат кунад»*. Масалан, фикри иштирокчиёни мубоҳисаи гурӯҳӣ бо мардҳо дар ш. Бохтар гуногун буд. Аз 8 нафар иштирокчӣ нисфашон чунин фикр мекунанд, ки «*Дар ҳар оила мушкилоту якдигарнофаҳмиҳо ҳастанд. Аз ин барои мардум спектакл кардан лозим нест, бояд худашон роҳи ҳалли мушкилоташонро ёбанд»*. Дуруст аст, ки 2 нафари онҳо чунин илова намуд: *«лекин агар кор ба латукӯби доимӣ рафта расад, он гоҳ бояд мақомоти мушаххас дахолат кунанд».*

*"Вақте ки дар пеши назари мардум зӯроварӣ содир карда мешавад, аз чӣ сабаб бошад, ки одамон дахолат намекунанд. "Ин кори ман не", мегӯянд онҳо. Ё шояд метарсанд, ки мавриди латукӯб ё таҳқири ин оилаҳо қарор мегиранд".*

Мусоҳибаи №37, 20.10.19, Ҳамадонӣ

Ҳангоми мубоҳисаҳои гурӯҳӣ дар бораи дахолат накардани ҳамсояҳо, дар бораи бепарвоии раисони маҳалла нисбати ҳодисаҳои зӯроварӣ дар оила мисолҳои зиёде оварда шуданд.

*"Пештар чи хел нагз буд, ба келини ҷавон либосҳои зебои миллӣ мепӯшонданд. Ҳоло бошад, духтарҳо ҳамин ки ба шавҳар баромаданд, дарҳол сатр мепӯшанд, мисли кампирҳо. Духтари бечораро сару рӯяш каб-кабуд, ба ягон кас шикоят кунад, шавҳараш "се толоқ мекунам" гуфта таҳдид мекунад. Боре шоҳиди он гардидам, ки чӣ тавр шавҳар занашро мезад. Кӯшиш кардам, ки ӯро аз задан боздорам. Шавҳааш гуфт, ки ин кори ман. Ин зани ман аст, чӣ коре ки хоҳам, мекунам».*

Мубоҳисаи гурӯҳии *№5, 24.10.19, Ҳисор, занҳо*

Аз таҳлили мубоҳисаҳои гузарондашуда хулоса баровардан мумкин аст, ки сабаби таҳаммулпазирии ҷомеа нисбати зӯроварӣ дар оила на фақат меъёрҳои фарҳангию анъанавии муносибатҳои оилавӣ мебошанд, ки зӯроварии хонагиро бармеангезанд. Сабаби асосӣ дар он аст, ки бисёриҳо намудҳои мушаххаси зӯровариро нисбати зан, келин, хоҳар ва дигарон зӯроварӣ ҳисоб намекунанд. Илова бар ин, ақидае паҳн шудааст, ки агар шавҳар занашро занад, пас худи зан гунаҳгор аст. Тарафдорони ин ақида дар байни ҷавонон, худи занҳо, хусусан дар байни хушдоманҳо бисёранд.

*Хайр, модоме ки шавҳараш ӯро мезанад, пас ягон гуноҳ кардагист. Ин кори оилавии онҳо. Бе гуноҳ ягон кас занашро намезанад, маълум мешавад, ки занаш ӯро аз ҷонаш безор кардааст, агар шавҳараш маст ё нашъаманд набошад, албатта. Агар ягон чиз истеъмол карда бошад, пас дахолат кардан даркор, лекин агар мард ҳушёр бошад, ақлаш дар ҷояш бошад, пас ин ҷо зан гунаҳгор аст, пас зан шавҳарашро ба ин ҳолат расондааст.*

Мубоҳисаи гурӯҳии №2, 10.10.19, Ваҳдат, мардҳо

*Дар менталитети мо, хусусан дар байни ҷавонон чунин ақидае паҳн шудааст, ки агар ту ба гапи занат гӯш диҳӣ, пас ту «занкалон» ҳастӣ. Ин ба иззати нафси мардҳо мерасад, бинобар ин онҳо фикри занро ба назар намегиранд ва агар занашон бар хилофи фикри онҳо ягон чиз гӯяд, дарҳол зери шаттаву шаллоқ мемонад.*

Мубоҳисаи гурӯҳии №10, 25.10.19, Кӯлоб, мардҳо

Баъзеҳо агар зӯроварии ҷисмонии мардҳо, хушдоманҳо ва дигаронро то андозае ҳақ баровардани шаванд, пас намудҳои гуногуни зӯроварии рӯҳиро умуман зӯроварӣ ҳисоб намекунанд. Ҳама гуна таҳқиркуниҳо, дашномҳо, носазогӯиҳо, манъкуниҳо чун як чизи муқаррарӣ дониста мешавад. Ба ақидаи онҳо, зан бояд бечуну чаро ба мард тобеъ бошад ё аз рӯи қонунҳои шариат рафтор кунад. Яке аз иштирокчиёни мубоҳисаи гурӯҳӣ бо мардҳо дар ш. Бохтар чунин гуфт: *«Аксар вақт ҳуқуқҳо ва нақши занро аз нуқтаи назари динӣ нодуруст мефаҳманд. Ба фикри онҳо, зан гуломи мард аст. Гурӯҳи муайяни одамон ба*

*паҳн кардани чунин ақида манфиатдор аст. Гарчанде Ислом яке аз динҳоест, ки баробарҳуқуқии мард ва занро талқин мекунад.»*

Аз суханронии иштирокчиёни мубоҳисаи гурӯҳӣ бо мардҳо, ш. Бохтар, мубоҳисаи гурӯҳии №8, 26.10.19:

*Барои зан муошират бо хешовандон, дӯстон, ҳамсинфон, ва умуман, бо мардҳоро манъ кардани шавҳар ин зӯроварӣ нест. Ин кори дуруст аст, бояд ҳамин тавр бошад.*

*Лату кӯб кардан, куштан, аёдати волидонро манъ кардан, маҷбуран ба шавҳар додан, иҷозат надодан ба таҳсил, ба кор – ҳамаи ин зӯроварист. Лекин назорат ба рафтор, ба истифодаи телефонҳои мобилӣ, иҷозат надодан ба муошират бо дӯстон, назорат ба сарфи пул — инҳо зӯроварӣ нестанд.*

*Дар ҳар сурат задан, куштан ё ҷудо шудан аз зан барои он ки писар намезояд, ин мумкин нест, ин зӯроварӣ аст. Дигар ҳамааш аз вазъият, аз тарзи рафтори зан вобаста аст.*

*Аз рӯи шариат ҳам зан наметавнад бе рухсати шавҳар ба кӯча барояд. Дар ин ҳолат атрофиён мегӯянд, ки ту чӣ хел мард ҳастӣ, ки занат туро писанд намекунад. Агар мард баномус бошад, он гоҳ дар хона мешавад ҷангу ҷанҷол.*

Чунин ақида дар ноҳияҳои зерҳадаф на танҳо ба аксарияти мардҳо, балки ба занҳои зиёд низ хос аст.

*Ба фикри ман, агар зан ҳама вақт аз гапи шавҳар берун набарояд, ҳама корро бо иҷозати шавҳар кунад, он гоҳ дар оила зӯроварӣ намешавад. Масалан, зан пеш аз ба кӯча баромадан бояд ҳатман аз шавҳараш иҷозат пурсад, вагарна хоҳарону бародарони шавҳар ӯро метавонанд сарзаниш кунанд, ки занат туро ҳурмат намекунад, бе иҷозати бу берун мебарояд.*

Мубоҳисаи гурӯҳии №11, 26.10.19, Ҳамадонӣ, занҳо

*Занҳо бояд тоқат кунанд. Онҳо имрӯз чунин бетоқат шудаанд. Камтар батоқаттар будан даркор.*

*Занҳо ҳама вақт бояд дар ҳамаи кор аз мардҳо як зина поёнтар бошанд. Дар қабули қарорҳо, фикри худро баён кардан. Зан бояд ба гапи шавҳар гӯш диҳад, забонашро аз ҳар хел гапҳо нигоҳ дорад. Ман ба келинҳоям ҳамин хел мегӯям. Ин аз рӯи эҳтиром аст. Агар дар хона якдигарро ҳурмат кунанд, якдигарфаҳмӣ ҳукмрон мешавад.*

*Бале, ман ба ҳама мегӯям, ки тоқат кардан даркор, ҳамааш хуб мешавад. Мана, мо ҷангро аз сар гузарондем, рӯзҳои вазнинро дидем. Фақат каме батоқаттар будан даркор.*

Мубоҳисаи гурӯҳии №7, 26.10.19, Бохтар, занҳо

Дар вақти мубоҳисаҳои гурӯҳӣ ба масъалаи муносибати байниҳамдигарии хушдоманҳою келинҳо аҳамияти калон дода, оид ба намудҳои гуногуни зӯроварӣ аз тарафи хушдоманҳо нисбати келинҳои худ мисолҳои мушаххас оварда шуданд. Хушдоманҳо, дар навбати худ, гуфтанд, ки ҳозир хушдоманҳоро ҳимоя кардан даркор аст, на келинҳоро: «*Ҳоло келинҳое баромадаанд, ки ба онҳо ягон чиз гуфта намешавад, ягон чиз гӯӣ, даррав даҳонатро мебананд. Хап шин, мегӯянд, сарам вайрон шудагӣ».* Дар айни замон мониторинг нишон дод, ки дар чаҳорчӯбаи пешгирии зӯроварӣ дар оила ба мушкилоти муносибатҳои байниҳамдигарии хушдоманҳою келинҳо диққати ҷиддӣ додан зарур аст. Инро маълумоти фаслҳои пештара дар бораи миқдори ҳодисаҳои зӯроварӣ аз тарафи хушдоманҳо нисбати келинҳои худ пурра тасдиқ менамоянд.

Дар вақти мониторинг мушкилоти истифодаи телефонҳои мобилӣ ба сифати яке аз сабабҳои бевоситаи содир гардидани зӯроварӣ дар оила пайдо шуд, ки боиси тааҷҷуби тадқиқотчиён гардид. Қариб дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳои зерҳадаф иштирокчиёни мубоҳисаҳои гурӯҳӣ бо аҳолӣ ва итиилоъдиҳандагони асосӣ аз сохторҳои давлатӣ иброз доштанд, ки истифодаи телефонҳои мобилӣ аксар вақт боиси ҷанҷолҳои оилавӣ ва ниҳоят зӯроварӣ мегардад.

*Ба қарибӣ бо як шиноси ман чунин воқеа рӯй дод. Келини ҷавон бо телефон гап мезад, ногоҳ шавҳараш даромада дид ва пурсид, ки бо кӣ гап мезанӣ. Занаш гуфт, ки бо як ҳамсинфам. Шавҳар телефонро аз дасти занаш кашида гирифт ва ҳамсинфи ӯро дашном дод, ӯ ҳам аз он тараф ба*

*дашном додан сар кард. Ҳамин тавр дар байни онҳо ҷанҷол сар шуд. Дар натиҷа зану шавҳар ҷудо шуданд. Ба фикри ман, телефони мобилӣ имрӯзҳо ба проблемаи асосӣ табдил ёфтааст. Масалан, дар хонаи ман фақат як телефон ҳаст, Нокиаи майдакак ва он фақат дар дасти занам аст. Ман ӯро огоҳ кардам, ки телефонро ба ягон кас надиҳад, фақат худаш бо он гап занад.*

*Медонед, оилаҳое ҳастанд, ки дар онҳо ҳар як аъзои оила телефони мобилии худро дорад. Зан ҳанӯз бо шавҳар ҷанҷол накарда, аллакай ба волидонаш телефон мекунад, ки шавҳарам маро дашном дод, мо бо ӯ ҷанг шудем. Дере нагузашта, аллакай модараш давида меояд ва дар натиҷа ҷанҷолу муноқиша. Ба ҳамаи ин телефони мобилӣ гунаҳгор аст. Ғайбат аз занги телефон сар мешавад: чи кор карда истодаӣ, хушдоманат саҳарӣ чӣ гуфт, шавҳарат чӣ гуфт, ту чӣ гуфтӣ, барои чӣ ин хел нагуфтӣ... Оилаҳо асосан аз рӯи ҳамин вайрон мешаванд.*

Мубоҳисаи гурӯҳии №2, 10.10.19, Ваҳдат, мардҳо

Ҳангоми арзёбӣ намудани вазъи паҳншавии зӯроварӣ дар шаҳру ноҳияҳо масъалаи никоҳи барвақт ва маҷбурӣ ба миён гузошта шуд. Ба фикри иштирокчиёни тадқиқот, ин амали нангинест, ки зӯроварӣ ба шумор меравад ва онро решкан кардан зарур аст.

*Мехоҳам дар бораи маҷбуран ба шавҳар додани духтарон ҳарф занам. Ин ҳодисаи маъмулӣ аст, хусусан дар деҳот. Духтарони ноболигро зӯран ба шавҳар медиҳанд. Аксар вақт чунин оилаҳо баъди чанд моҳ вайрон мешаванд.*

Мубоҳисаи гурӯҳии №9, 24.10.19, Кӯлоб, занҳо

*Ба қарибӣ ман дар бонк бо зане вохӯрдам, ки духтари ноболиги худро зӯран ба шавҳар додан мехост. Ӯ ҳатто мехоҳад, ки шаҳодатномаи таваллуди духтарашро дигар карда, соли таваллудашро тағйир диҳад. Ман он духтаракро дидам, ӯ ба шавҳар баромадан намехоҳад. Ӯ ҳанӯз ба ҳаёти оилавӣ тайёр нест. Гумон мекунам, ки раисони ҷамоатҳо, кормандони КДАМ ва сохторҳои дигар бо чунин волидон суҳбат кунанд.*

Мубоҳисаи гурӯҳии №3, 13.10.19, Рӯдакӣ, занҳо

*Аксарияти одамон, хусусан дар қишлоқҳо, чунин ақида доранд: духтар бояд барвақт ба шавҳар бараояд, ба вай таҳсил кардан зарур нест. Ҳамин ки духтар синфи 9-ро тамом кард, ба ӯ давом додани таҳсилро манъ мекунанд. Хуб, агар шумо нахоҳед, ки духтаратон таҳсилашро давом диҳад, пас дар ҳамаи ноҳияҳо марказҳои таълимие амал мекунанд, ки ба духтарон ҳар хел касбу ҳунарҳо меомӯзонанд. Бигзор духтаратон ба ин марказҳо рафта, дӯхтан, пухтупаз ва ҳунарҳои дигарро ёд гирад.*

Мубоҳисаи гурӯҳии №2, 10.10.19, Рӯдакӣ, мардҳо

*Мехоҳам ба волидоне муроҷиат кунам, ки духтарашонро барвақт ба шавҳар медиҳанд, дар ҳоле, ки духтарашон ба ҳаёти мустақилона ҳанӯз тайёр нест. Пеш аз он ки духтаратонро ба шавҳар диҳед, аввал ба вай маълумот диҳед, то ӯ тавонад, ки як даҳон нони худро ёфта хӯрад. Агар имконияти молиявӣ надошта бошед, бигзор ягон касб ёд гирад. Ҳастанд муассисаҳои шуғли аҳолӣ, ки дар онҳо ҳунарҳои пухтупаз, дӯзандагӣ, бофтан ва бо компютер кор карданро меомӯзонанд. Агар зан мустақил бошад, дар оила ҳодисаҳои зӯроварӣ кам мешаванд.*

Мубоҳисаи гурӯҳии №11, 26.10.19, Ҳамадонӣ, занҳо

Аз сабаби хусусияти пинҳонӣ доштани никоҳҳои барвақт ва набудани назорати сахт ба ин ҳодисаҳо аз ҷониби сохторҳои давлатӣ ба мо муяссар нагардид, ки дар чаҳорчӯбаи мониторинг оид ба миқдори никоҳҳои барвақт аз ноҳияҳои зерҳадаф маълумот ҷамъоварӣ намоем.

Натиҷаҳои мубоҳисаҳои гурӯҳӣ бори дигар аз он шаҳодат медиҳанд, ки барои бартараф намудани зӯроварӣ дар оила ба афкори ҷомеа фаъолонатар таъсир расондан зарур аст. Кайҳо боз зарурати таҳияи стратегияи аниқи коммуникатсионии Ҳукумат оид ба бартарафсозии қолабҳои гендерӣ ва зӯроварии гендерӣ ба миён омадааст. Бояд ҳама фаҳмад, ки зӯроварӣ дар оила кори шахсии ҳар оила не, балки мушкилоти ҷомеа аст. Шахсоне, ки ба зӯроварӣ гирифтор шудаанд, одатан саломатии рӯҳӣ ва ҷисмониашон хуб нест, нисбати одамон нобоварӣ зоҳир мекунанд, рӯҳафтодаю камфаъолиятанд, қобилияти меҳнатиашон паст аст. Ҳамаи ин на танҳо барои ҷабрдидагони зӯроварӣ, балки барои тамоми ҷомеа оқибатҳои манфӣ меорад.

**4.2. Монеаҳои асосӣ дар роҳи баланд бардоштани самаранокии таъсири Қонуни ҶТ «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила»**

Тибқи арзёбӣ, қабули Қонун ба ҷалб гардидани диққати аҳли ҷомеа ба мушкилоти зӯроварӣ ва ҳалли дигар масъалаҳои ин соҳа бешубҳа таъсири мусбат мерасонад. Дар натиҷаи ҷоннок гардидани фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимият оид ба баланд бардоштани сатҳи огоҳии аҳолӣ дар соҳаи умуман зӯроварӣ ва аз ҷумла зӯроварӣ дар оила одамон ба андеша меравананд, ки дар сурати содир гардидани зӯроварӣ нисбати аъзоёни оилаашон онҳоро метавонанд на фақат ба ҷавобгарии маъмурӣ, балки ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашанд. Занҳое, ки дар оила дучори зӯроварӣ гардидаанд, мефаҳманд, ки агар ба мақомоти дахлдор муроҷиат намоянд, онҳо ӯро муҳофизат хоҳанд кард. Ба гуфти яке аз нозирзанони ШВКД, «*Қонун ба беҳтар гардидани вазъият дар ин соҳа асосан мусоидат мекунад, лекин кор хеле суст пеш меравад. Шояд Қонуни мазкур ба бартараф намудани зӯроварии хонагӣ дар оянда барои наслҳои нав беҳтар мусоидат намояд. Ва шояд беҳтар амал кунад, агар механизмҳои иҷрои он такмил дода шаванд*».

Мониторинг нишон дод, ки ҳамкории байниидоравӣ дар сатҳи ноҳия/шаҳр инкишоф ёфта, дар соҳаи ҳамоҳангсозии пешгирии зӯроварии оилавӣ сохторҳои нав ташкил ёфтаанд. Аммо низоми мавҷудаи ҳамоҳангсозии байниидоравии иҷрои Қонун аз сабаби номуттафиқона будани фаъолият ва баъзан рӯякӣ, ба номаш иштирок кардани намояндагони сохторҳои гуногун дар ин ё он чорабинии идоравӣ чандон самарабахш нест.

Усулҳои бозфиристӣ истифода бурда мешаванд, вале ҳамаи русумоти ин фаъолият то охир такмил дода нашудаанд. Бақайдгирии муроҷиатҳо оид ба масъалаҳои зӯроварӣ дар ҳар идора дар асоси шакли (формати) худ анҷом дода мешавад. Аз ҳамин сабаб дар сатҳи ноҳия/шаҳр вазъиятро пурра таҳлил намудан он тараф истад, ҳатто махзани умумии маълумотро таҳия кардан душвор аст. Нарасидани нақша ё лоиҳаҳои муштараки идораҳои гуногун дар ин соҳа бо аниқ тақсим намудани вазифаҳо ва муттаҳид намудани захираҳои инсонӣ ва молиявӣ ҳис карда мешавад. Нарасидани захираҳо ба амалисозии чораҳои ҳамоҳангшудаи бисёрсоҳаи вокуниш, ки муассисаҳои тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ, мақомоти корҳои дохилӣ, адолати судӣ ва ҷомеаи шаҳрвандиро фаро мегиранд, монеъ мегардад.

Сабаби номукаммал ва якхела будани шаклҳои истифодашаванда ва самаранокии пасти ҳамкориҳои байни сохторҳои соҳавӣ дар сатҳи маҳал пеш аз ҳама вуҷуд надоштани тарзу усулҳои хуб ба роҳ мондашудаи ҳамкории ҳамаи субъектҳои Қонун дар сатҳи ҷумҳурӣ мебошад.

Нақшаҳои амалиёти шаҳру ноҳияҳо оид ба иҷрои Қонун ва Барномаи давлатӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила дар ҶТ барои солҳои 2014-2023 таҳия ва қабул карда мешаванд, аммо мониторинг ва арзёбии иҷрои онҳо гузаронда намешавад. Ин гузаронидани таҳлил ва арзёбии самаранокии таъсири шаклу усулҳои истифодашавандаи кор бо аҳолиро душвор мегардонад.

Дар байни монеаҳое, ки ба иҷрои чораҳои пешгирии зӯроварӣ ва дастгирии қурбониёни зӯроварӣ дар ноҳияҳои зерҳадаф садди роҳ мегарданд, аз ҳама бештар вуҷуд надоштани маблағҳои мақсадноки молиявӣ аз буҷетҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ номбар карда шуданд. Барои сохторҳои соҳавии давлатӣ дар буҷети маҳаллӣ ғайр аз маблағҳо аз рӯи моддаи «музди кор» барои кормандони штатӣ ягон хароҷоти дигар пешбинӣ нашудааст. Сарфи назар аз вуҷуд надоштани бақайдгирии бояду шояди маблағгузории чораҳои амалишаванда, тибқи маълумоти дар соли 2018 ҷамъоваришуда, аз буҷетҳои маҳаллӣ барои чораҳои пешгирии зӯроварӣ дар оила дар ш. Бохтар 3000 сомонӣ, ш. Кӯлоб – 1831 сомонӣ, ноҳияи Ҳамадонӣ – 550 сомонӣ ҷудо карда шуд. Оид ба ш. Ваҳдат ва ноҳияи Рӯдакӣ маълумот пешниҳод карда нашуд. Соли 2018 дар ш. Ҳисор аз буҷети маҳаллӣ

маблағ ҷудо накарданд, аз буҷети ташкилоти ҷамъиятӣ бошад, барои ин чорабиниҳо 4935 сомонӣ ҷудо карда шуд. Илова бар ин, ба назар гирифтан лозим аст, ки аксарияти кулли чорабиниҳои амалишаванда, одатан, аз ҳисоби ташкилотҳои байналмилалӣ маблағгузорӣ карда мешаванд.

Дар вақти мониторинг аз ҷониби иттилоъдиҳандагони асосӣ дар бораи маблағгузории самтҳои гуногуни фаъолият дар соҳаи зӯроварӣ дар оила, хусусан барои дастгирии қурбониёни зӯроварӣ тавсияҳои хеле зиёд пешниҳод карда шуд:

- ✓ Ҳангоми ташаккул додани буҷетҳои маҳаллӣ барои соли навбатӣ ба онҳо пешакӣ барои маблағгузории нақшаҳои амалиёти шаҳру ноҳияҳо оид ба пешгирии зӯроварӣ ва кӯмакрасонӣ ба қурбониёни зӯроварӣ хароҷот ворид карда шавад
- ✓ Дар сатҳи ҷумҳурӣ Хазинаи дастгирии қурбониёни зӯроварӣ таъсис дода шавад
- ✓ Дар ноҳияҳо/шаҳрҳо биноҳо ҷудо намуда, ташкили паноҳгоҳҳо ва хобгоҳҳои умумӣ барои занону кӯдаконе, ки дар оила дучори зӯроварӣ гардидаанд, маблағгузорӣ карда шавад
- ✓ Дар шуъбаҳо/бахшҳои кор бо занон ва оила, муассисаҳои ҳуқуқии шаҳру ноҳияҳо барои ёрӣ расондан ба қурбониёни зӯроварӣ воҳидҳои хизматии равоншинос ва ҳуқуқшинос пешбинӣ карда шаванд
- ✓ Ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ доир ба меъёрҳои гузарондани экспертизаи ройгони қурбониёни зӯроварӣ дар оила тағйирот ворид карда шавад
- ✓ Барои таҳияи наворҳои махсус оид ба зӯроварӣ дар оила маблағ ҷудо намуда, онҳо мунтазам ба воситаи телевизиони ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ намоиш дода шаванд
- ✓ Ба қурбониёни зӯроварӣ дар оила барои сохтани хонаи худ қитъаҳои замин ҷудо карда шаванд.

*Барои иҷрои барномаю нақшаҳо оид ба зӯроварӣ дар оила захираҳои муайяни молиявӣ ҷудо кардан лозим аст. Мутаассифона, ҳоло чунин захираҳои молиявӣ вуҷуд надоранд. Аз ҳисоби давлат хобгоҳҳо сохтан зарур аст, то ки онҳо бемуҳлат бошанд ва дар онҳо қурбониёни зӯроварӣ тавонанд, ки ёрии зарурӣ, аз ҷумла ёрии иҷтимоӣ гиранд. Инчунин барои категорияҳои муайяни қурбониёни зӯроварӣ қитъаи замини ройгон ҷудо карда шавад, то онҳо тавонанд, ки дар он барои худ хона сохта, бо кӯдаконашон зиндагӣ кунанд ва кӯдакони худро ба интернат надиҳанд.*

*Фикр мекунам, ки воҳидҳои хизматии равоншиносон ва ҳуқуқшиносони салоҳиятнокро, ки ба аҳолӣ дар масъалаи зӯроварии оилавӣ хизматҳои хушсифат мерасонанд, зиёд кардан лозим аст. Имрӯзҳо оилаҳои зиёде ба машваратҳои равоншиносон ниёз доранд.*

Мусоҳибаи №23, 25.10.19, ш. Бохтар

*Барои ёрӣ расондан ба қурбониёни зӯроварӣ дар сатҳи ҷамоатҳо ё дар марказ паноҳгоҳҳо кушодан зарур аст, то онҳо тавонанд, ки ба он ҷо муроҷиат кунанд. Ин гуна паноҳгоҳҳоро ташкил кардан даркор аст. Инчунин ба ҷабрдидагон ёрии ройгони тиббӣ расондан лозим. Вақте ки чунин ҷабрдида дучори зӯроварӣ гардидааст, барои хизматрасонии тиббӣ пулро аз куҷо меёбад? Вазъи иқтисодии ӯ ба ин имкон намедиҳад. Паноҳгоҳ барои чӣ лозим аст – барои он ки қурбонии зӯроварӣ ҳеҷ набошад барои 1-2 рӯз ба худ сарпаноҳ ёбад, то ором шудани шахси зӯроварикарда ва ё то он вақте ки бо ӯ суҳбат мегузаронанд. Ё агар ҳодисаи ниҳоят вазнину мураккаб бошад, то он вақте ки мақомоти дахлдор ҷалб карда нашаванд.*

Мусоҳибаи №7, 16.10.19, ш. Ваҳдат

*Хуб мебуд, агар барои занҳое, ки дучори зӯроварӣ гардидаанд, гурезгоҳҳои муваққатӣ ташкил карда мешуданд, то ки онҳо ақаллан муваққатан дар он ҷо зиндагӣ кунанд, чунки онҳо бо кӯдаконашон ба хонаи падару модар баргашта наметавонанд. Онҳоро маҷбуран ба хонаи шавҳаронашон мебаранд, вале ба он ҷо рафтани онҳо мумкин нест.*

Мубоҳисаи гурӯҳии №4, 13.10.19, ноҳияи Рӯдакӣ, мардҳо.

Ҳамин тариқ, бо мақсади баланд бардоштани самаранокии таъсири Қонун ба тағйир додани вазъи паҳншавии умуман зӯроварии гендерӣ ва аз ҷумла зӯроварӣ дар оила зарур аст, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, тарзу усулҳои ниҳодӣ, ташкилӣ ва молиявӣ, пеш аз ҳама аз ҳисоби ташкили низоми мониторинг ва арзёбӣ чи дар сатҳи миллӣ ва чи дар сатҳи маҳалҳо такмил дода шаванд.

**Расми 20. Усулҳои баланд бардоштани самаранокии иҷрои Қонун дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила дар сатҳҳои маҳаллӣ ва миллӣ**




## ХУЛОСАЮ ТАВСИЯҲО

Дар 3 соли охир дар шаҳру ноҳияҳои зерҳадаф фаъолияти ҳамаи субъектҳои мубориза бо зӯроварӣ дар оила ҷоннок гардид, ки ба туфайли ин сатҳи огоҳии аҳолӣ баланд ва таваҷҷуҳи он ба мушкилоти зӯроварӣ дар оила торафт зиёд мешавад. Аммо ҳоло ҳам дар ҳаёти ҳамарӯзаи оилаҳо ҳодисаҳои зӯроварӣ, мутаассифона,бисёр вомехӯранд.

Самаранокии фаъолияти субъектҳои пешгирии зӯроварӣ дар оила ва дастгирии қурбониёни зӯроварӣ дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳои зерҳадаф аз бисёр ҷиҳат бо ҳалли мушкилот дар сатҳи ҷумҳурӣ вобаста мебошад. Ҳалли нопурраи мушкилоти мазкур, номукаммалии тарзу усулҳои ниҳодӣ, меъёрию ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва молиявии иҷрои Қонун дар сатҳи миллӣ ба иҷрои Қонун дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила дар сатҳи маҳал бевосита таъсир мерасонад.

Талаботи ҷиддӣ ба маблағгузории чорабиниҳо оид ба мушкилоти зӯроварӣ дар оила аз буҷетҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ эҳсос карда мешавад. Бақайдгирии маблағгузории тадбирҳои амалишаванда аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ чандон хуб ба роҳ монда нашуда бошад ҳам, аз маълумоти дар соли 2018 ҷамъоваришуда бармеояд, ки дар шаҳрҳои Бохтар, Кӯлоб ва ноҳияи Ҳамадонӣ тақрибан 5381 сомонӣ (қариб 550$) маблағ ҷудо шудааст. Тадбирҳои амалишаванда одатан аз ҳисоби дастгирии ташкилотҳои байналмилалӣ маблағгузорӣ карда мешаванд.

Яке аз омилҳое, ки ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти субъектҳои Қонун монеъ мешаванд, номукаммалии усулҳои маҷмуӣ ва байнисоҳавии ташкили системаи чораҷӯиҳо ҷиҳати пешгирии зӯроварӣ дар оила ва ёрирасонӣ ба қурбониёни зӯроварӣ

мебошад. Дар ноҳияҳои зерҳадаф механизмҳои ниҳодӣ ташаккул дода, шаклҳои гуногуни фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҷиҳати ҳамоҳангсозии фаъолияти ҳамаи субъектҳои иҷрои Қонун дар сатҳи маҳал тадриҷан такмил дода мешаванд. Аз 6 шаҳру ноҳияи зерҳадаф дар 3 шаҳру ноҳияи вилояти Хатлон (Бохтар, Кӯлоб ва ноҳияи Ҳамадонӣ) гурӯҳҳои кории байниидоравӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила ташкил карда шудаанд. Дар ш.Ваҳдат бо қарори ҳукумати шаҳр гурӯҳи корӣ дар назди бахши кор бо занон ва оила созмон дода шудааст. Дар ноҳияи Рӯдакӣ ташкили гурӯҳи байниидоравӣ оғоз ёфт.

Қариб дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳои зерҳадаф низоми мукаммали бақайдгирии чорабиниҳои гузарондашуда ва мурочиатҳои ҷабрдидагони зӯроварии оилавӣ ба роҳ монда нашудааст, махзани умуми маълумот вуҷуд надорад. Сабаби ин, пеш аз ҳама, дар нақшаҳои амалиёти ноҳияҳо/шаҳрҳо мавҷуд набудани вазифаю тадбирҳо ҷиҳати гузарондани мониторингу арзёбии мунтазами иҷрои нақшаҳо, таҳлили вазъияти зӯроварӣ дар оила, сабабҳои натиҷа надодани фаъолияти амалишаванда ва ғ. мебошад.

Сарфи назар аз он ки дар дастуруламалҳои идоравии ВКД, ВТҲИА, ККЗО, инчунин дар дастуруламал барои мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон оид ба ҳамкории субъектҳо дар масъалаи пешгирии зӯроварӣ ва вокуниш ба ҳодисаҳои зӯроварӣ дар оила шаклҳои мушаххаси бақайдгирӣ нишон дода шудаанд, дар ин самт корҳо суст пеш мераванд. Илова бар ин, дар сохторҳое, ки бақайдгирии муайяни мурочиатҳоро ба роҳ мондаанд, ҳамаи ин на дар шакли электронӣ, балки дар шакли коғазӣ анҷом дода мешавад. Танҳо дар шаҳри Бохтар дар соли 2019 бо дастгирии лоиҳаи PDV, ки аз ҷониби ташкилоти байналмилалии GOPA амалӣ карда мешавад, ба таҳияи махзани умумии маълумот шуруъ намуданд.

Тарзу усулҳои бозфиристии ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила ба дигар ташкилотҳои соҳавӣ то охир такмил дода нашудаанд. Шакли ягонаи бозфиристии ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила аз тарафи ягон кас тасдиқ карда нашудааст. Ба истиснои ШВКД, ки дар он бозфиристиҳо то андозае ба қайд гирифта мешаванд, дар сохторҳои дигар бақайдгирии мунтазам ва доимӣ вуҷуд надорад ё суст ба роҳ монда шудааст.

Дар ин самт фаъолияти мақомоти маҳаллии корҳои дохилӣ ва шуъбаю бахшҳои кор бо занон ва оила назар ба дигар субъектҳои иҷрои Қонун хубтар аст. Дар шаҳрҳои Бохтар, Кӯлоб ва Ваҳдат нозирон оид ба пешгирии зӯроварӣ фаъолият намуда, бо нозирони минтақавӣ ҳамкорӣ мекунанд.

Дар се соли охир ба кори пешгирии зӯроварӣ дар оила Шӯроҳои ҷамъиятӣ оид ба мусоидати ҷомеаи шаҳрвандӣ ба ҳифзи тартиботи ҷамъиятии назди ШВКД-и шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ҳамроҳ шуданд. Шӯроҳои мазкур дар ҳамкорӣ бо сохторҳои дигар дар чорабиниҳои иттилоотию эзоҳотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва ба ҷабрдидагони зӯроварӣ ҳамаҷониба ёрӣ мерасонанд. Раванди ташаккули Шӯроҳои ҷамъиятӣ ҳанӯз ба анҷом нарасидааст, бинобар ин дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳои зерҳадаф онҳо кӯшиш менамоянд, ки тарзу усулҳои самараноки иҷрои вазифаҳои ба зиммаашон гузоштаашударо пайдо намоянд, шаклҳои гуногуни корро озмоиш кунанд, бо шарикони гуногун муносибатҳои ҳамкориро ба роҳ монанд. Дараҷаи фаъолиятнокии шӯроҳои ноҳияҳо аз якдигар фарқ дорад.

Мақомоти корҳои дохилӣ нисбати шахсоне, ки дар оила зӯроварӣ содир намудаанд, чораҳои ҷазоро фаъолонатар ва бештар истифода мебаранд. Шумораи протоколҳои маъмурӣ дар бораи содир карда шудани зӯроварӣ дар оила тибқи моддаҳои $93^1$ ва $93^2$ Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҶТ, инчунин шумораи амрномаҳои муҳофизатӣ ва дигар чораҳои ҷазо ба шахсони дар оила зӯроварӣ содирнамуда афзуд.

Дар айни замон мониторинг нишон дод, ки дар амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ оид ба чораҳои ҷазо нисбати шахсоне, ки дар оила зӯроварӣ содир намудаанд, баъзе мушкилоте ҷой доранд, ки бо усулҳои додани амрномаҳои муҳофизатӣ, таъсири ин чораҳо ба кам кардани зӯроварӣ, оқибатҳои имконпазир барои қурбониёни зӯроварӣ ва умуман оилаҳо алоқаманд мебошанд. Ҳоло зарурати васеъ намудани рӯйхати чораҳои ҷавобгарӣ барои риоя накардани талаботи қонунгузорӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила ба миён омадааст.

Шуъбаҳо/бахшҳои кор бо занон ва оилаи шаҳру ноҳияҳои зерҳадаф фаъолияти ташкилии гурӯҳҳои кории байниидоравӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила ва ҳамоҳангсозии фаъолияти онҳоро мувофиқи нақшаҳои иҷрои Барномаи давлатӣ оид ба пешгирии зӯроварии оилавӣ дар ҶТ барои солҳои 2011-2023 ба роҳ мемонанд. Дараҷаи фаъолиятнокии шуъбаҳо/бахшҳои кор бо занон ва оила дар шаҳру ноҳияҳои гуногун ҳар хел аст.

Дар ноҳияҳои зерҳадаф ба раванди кӯмакрасонӣ ва дастгирии қурбониёни зӯроварӣ ғайр аз сохторҳои ШВКД ва шуъбаҳои кор бо занон ва оила боз Ҳуҷраҳои офиятбахшии тиббию иҷтимоии назди муассисаҳои тиббӣ ва Бюрои давлатии ҳуқуқии "Маркази ёрии ҳуқуқӣ" сафарбар карда шудаанд. Аз 6 шаҳру ноҳияи зерҳадаф дар се шаҳру ноҳия ҳуҷраҳои офиятбахшии тиббию иҷтимоӣ барои ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила ва танҳо дар шаҳри Ваҳдат бюрои ҳуқуқӣ фаъолият мекунанд. Ҷабрдидагони зӯроварии оилавӣ бо сабабҳои гуногун ба ин ташкилотҳо кам муроҷиат менамоянд.

Фаъолиятнокӣ ва ҳаҷми хизматҳое, ки аз тарафи ташкилотҳои давлатӣ ва ғайриҳукуматӣ барои дастгирии ҷабрдидагони зӯроварӣ расонда мешаванд, бештар аз маблағгузории донорҳо вобаста мебошад. Барои ноҳияҳои зерҳадаф дар низоми мавҷудбудаи кӯмакрасонӣ ба ҷабрдидагони зӯроварӣ вуҷуд надоштани паноҳгоҳҳо ва гурезгоҳҳо мушкилоти калон ба шумор меравад. Ин мушкилот барои ҳуҷраҳои офиятбахшии тиббию иҷтимоии ҷабрдидагони зӯроварии назди муассисаҳои тиббӣ низ мушкилоти бағоят мубрам ба ҳисоб меравад, зеро онҳо аксар вақт маҷбур мешаванд, ки қурбониёни зӯроварӣро бидуни ягон хел муолиҷаи минбаъдаи тиббӣ дар муасисаҳои табобатӣ ҷойгир намоянд.

Дар низоми умумии дастгирии қурбониёни зӯроварӣ дар ноҳияҳои зерҳадаф ташкилотҳои ҷамъиятӣ мавқеи муайянро ишғол менамоянд. Дар соҳаи хизматрасонӣ ба қурбониёни зӯроварӣ ташкилотҳои ҷамъиятӣ бештар дар шаҳрҳои Бохтар ва Кӯлоб фаъолияти хуб нишон медиҳанд. Дар байни хизматҳое, ки ба ҷабрдидагони зӯроварӣ расонда мешаванд, хизматҳои иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ, маслиҳатҳои равоншинос ва ёрии тиббӣ мавқеи муҳимро ишғол менамоянд. Теъдоди ташкилотҳои ҷамъиятие, ки дар ноҳияҳои зерҳадаф ба раванди пешгирии зӯроварӣ ва дастгирии қурбониёни зӯроварӣ ҷалб гардидаанд, бо сабабҳои гуногун, аз ҷумла бо сабаби душвории маблағгузорӣ, вуҷуд надоштани мутахассисони дахлдор, бинои мувофиқ ва ғ. хеле маҳдуд аст.

Кормандони сохторҳои давлатии дахлдор ва ташкилотҳои ҷамъиятии ноҳияҳои зерҳадаф, хусусан кормандони нав ба кор қабулшуда, ба таҳкими нерӯ, ташкили низоми мукаммали такмили ихтисос ва ба барномаҳои таълимӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ ва дастгирии қурбониёни зӯроварӣ ниёз доранд.

Маълумотҳое, ки дар вақти гузарондани мониторинги муроҷиатҳо ба ШВКД, ШКЗО, ҳуҷраҳои офиятбахшии тиббию иҷтимоии назди муассисаҳои тиббӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ҷамъоварӣ карда шудаанд, аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки дар ноҳияҳои зерҳадаф ҳодисаҳои зӯроварии ҷисмонӣ, рӯҳӣ ва иқтисодӣ бисёр рӯй медиҳанд, инчунин шумораи ҳодисаҳои зӯроварии шаҳвонӣ ва ҳамзамон якчанд намуди зӯроварӣ низ кам нест. Мувофиқи маълумотҳои дар ноҳияҳо/шаҳрҳои зерҳадаф ҷамъоваришуда, доираи шахсоне, ки дар оила зӯроварӣ содир намудаанд, хеле васеъ мебошад: аз

шавҳар/ҳамзист/шавҳари собиқ сар карда, то аъзоёни дигари оила. Миқдори аз ҳама зиёди зӯроварӣ одатан аз тарафи шавҳар/ҳамзист/шавҳари собиқ содир карда шудааст. Дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳо теъдоди зиёди ҳодисаҳои зӯроварӣ аз ҷониби хушдоман, хоҳарони шавҳар ва хешовандони дигар содир гардидаанд.

Дар гурӯҳи ҷабрдидагони зӯроварии хонагӣ духтарону занҳои синну солашон гуногун ҳастанд. Хусусан занҳои 18-24-сола ва 25-49-сола ба зӯроварии оилавӣ бештар дучор мешаванд. Паҳн гардидани никоҳҳои барвақт ва зӯроварӣ нисбати духтарони ноболиғ ва келинҳои ҷавон бағоят ташвишовар мебошад.

Дар байни хизматҳое, ки сохторҳои давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ ба қурбониёни зӯроварӣ мерасонанд, шумораи аз ҳама зиёдро машваратҳои равоншинос, ёрии ҳуқуқӣ ва хизматҳои тиббию иҷтимоӣ ташкил медиҳанд. Талаботи сахт ба паноҳгоҳҳо ва гурезгоҳҳо барои ҷой додани қурбониёни зӯроварӣ ҳис карда мешавад.

Дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳои зерҳадаф оид ба ҷанбаҳои гуногуни зӯроварии гендерӣ ва зӯроварӣ дар оила вохӯриҳои зиёди омӯзишию иттилоотӣ бо аҳолӣ, семинарҳо, чорабиниҳо, барномаҳои радиоӣ ва ғ. ташкил карда мешаванд. Вале, мутаассифона, дар масъалаи зӯроварии оилавӣ вазъият беҳтар намегардад. Ба паҳншавии зӯроварӣ дар ҷомеа ва оила як қатор омилҳо, аз қабили омилҳои иҷтимоию иқтисодӣ, иҷтимоию фарҳангӣ ва иҷтимоию рӯҳӣ мусоидат мекунанд. Таъсири тӯлонии як қатор омилҳои манфӣ ба мардҳо ва дигар аъзоёни оила, ба монанди аз даст додани кор ё умуман вуҷуд надоштани ҷои кор, қолабҳои гендерӣ, инчунин истеъмоли машрубот, маводи мухаддир ва омилҳои дигар ба вазъи оила таъсири манфӣ расонда, боиси муомилаи бераҳмона нисбати занону кӯдакон мегардад.

Зӯроварии мардҳо нисбати занон бевосита оқибати нобаробарии мавҷудаи муносибатҳои байни онҳо ба ҳисоб меравад. Чунин нобаробарӣ дар дили мардҳо бовар пайдо мекунонад, ки танҳо онҳо бояд дар муносибатҳои оилавӣ ҳукмрон ва назоратчии асосӣ бошанд.

Яке аз сабабҳои беҳимоягии занҳо аз зӯроварӣ ва самаранокии пасти кор дар ин самт дар он аст, ки ҷомеа аҳамияти ин проблемаро ба қадри кофӣ дарк намекунад. Чунин ақида васеъ паҳн шудааст, ки атрофи мушкилоти зӯроварӣ нисбати занон, хусусан зӯроварӣ дар оила муҳобот карда мешавад ва он дар муқоиса бо мушкилоти дигари иҷтимоӣ чандон муҳим нест. Ташвишовар он аст, ки ҷомеа, сохторҳои маҳаллӣ нисбати ҳама гуна зӯроварӣ бепарвоӣ зоҳир мекунанд, илова бар ин чунин ақидае паҳн гардидааст, ки зӯроварӣ дар оила ин кори шахсии худи оилаҳост.

Сабаби бепарвоии ҷомеа нисбати зӯроварӣ дар оила аз бисёр ҷиҳат на танҳо дар меъёрҳои фарҳангию анъанавии муносибатҳои оилавӣ, ки зӯроварии оилавиро ба вуҷуд меоранд, балки дар он мебошад, ки ҷомеа муомилаи бераҳмонаро бо зан, келин, хоҳар ва дигарон, инчунин назорати доимӣ ба ҳаёту рафтори онҳоро зӯроварӣ ҳисоб намекунад. Илова бар ин, ақидае паҳн гардидааст, ки агар шавҳар ё хешовандони ӯ нисбати зан қувваи ҷисмониро истифода баранд, пас худи зан гунаҳгор аст. Тарафдорони ин ақида дар байни ҷавонон, худи занҳо, хусусан дар байни хушдоманҳо бисёранд.

Дар чаҳорчӯбаи пешгирии зӯроварӣ дар оила ҳалли масъалаҳои муносибати байниҳамдигарии хушдоманҳо ва келинҳо, муносибат бо занҳои муҳоҷирони маҳнатӣ дар давраи берун аз ҳудуди ҷумҳурӣ будани шавҳаронашон, никоҳҳои барвақт ва маҷбурӣ, содир намудани зӯроварӣ нисбати маъюбон, пиронсолон ва дигар гурӯҳҳои осебпазир таваҷҷуҳи махсусро талаб менамояд.

## ТАВСИЯҲО

### Оид ба такмил додани асосҳои меъёрии ҳуқуқӣ

**Дар сатҳи ҷумҳурӣ**

Дар сатҳҳои миллӣ ва минтақавӣ барои баррасии натиҷаҳои фаъолияти Гурӯҳҳои кории соли 2018 созмондодаи Ҳукумати ҶТ оид ба такмил додани санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки ба бартараф намудани қолабҳои гендерӣ, ҳифзи ҳуқуқҳои занон ва пешгирии зӯроварӣ дар оила равона гардидаанд, муҳокимаҳои ҷамъиятӣ баргузор карда шаванд.

Дар соли 2020 баъди интихоби ҳайати нави Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳокимаи парламентӣ оид ба Қонуни ҶТ «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» гузаронда шавад.

Ба Кодекси ҷиноятии ҶТ моддаи алоҳида ворид карда шавад, ки он барои зӯроварӣ дар оила, ки дар он яке аз тарафҳо дар робитаи бевоситаи мутеонаи хешутаборӣ ё дигар робитаи шахсӣ (муносибатҳои заношӯӣ, никоҳи ҳақиқӣ) дар байни ҷабрдида ва шахси содирнамудаи зӯроварӣ мебошад, ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ намояд.

Ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии ҶТ дар робита бо ҳимояи қурбониёни зӯроварӣ дар оила ва дастрасӣ ба адолати судӣ тағйирот ворид карда шавад. Парвандаҳои зӯроварии оилавӣ аз парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ ба гурӯҳи парвандаҳои айбдоркунии умумӣ ё айбдоркунии хусусӣ-умумӣ гузаронда шаванд.

Аз рӯи парвандаҳое, ки бо зӯроварӣ нисбати занону кӯдакон алоқаманданд, бо назардошти таҷрибаю тавсияҳои Кумитаи СММ оид ба барҳам додани ҳамаи шаклҳои табъиз нисбати занон Қарори Пленуми Суди олии ҶТ таҳия ва қабул карда шавад.

Ба Қонуни ҶТ «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» дар масъалаи ба қайд гирифтани эҳтиёҷоти гурӯҳҳои осебпазири занон – занҳои маъюб, занҳои гирифтори ВНМО, занҳои ҳомила, занҳои дуюм ва сеюм ва занҳои дигар тағйиру иловаҳо ва меъёрҳо ворид карда шаванд.

Бо мақсади ташкил намудани гурӯҳҳои кории байниидоравӣ дар сатҳи маҳал ва тасдиқ намудани тарзу усулҳои бозфиристӣ ба Қонуни ҶТ «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» тағйирот ворид карда шавад. Қарори Ҳукумати ҶТ «Дар бораи ташкил намудани Шӯрои байниидоравӣ оид ба ҳамоҳангсозии фаъолият ҷиҳати пешгирии зӯроварӣ дар оила» қабул намуда, дар он инчунин доир ба шаклу усулҳои бозфиристӣ муқаррарот ворид карда шавад.

Ба ҳамаи дасуруламалҳои идоравӣ (дастуруламалҳои Вазорати корҳои дохилии ҶТ, Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати ҶТ, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ ва ғ.) оид ба хусусиятҳои вокуниш ба ҳодисаҳои зӯроварӣ нисбати шахсоне, ки дар вазъияти ногувор ё осебпазир қарор доранд: занон, кӯдакон, маъюбон, шахсони гирифтори ВНМО, занҳои кӯдакдори бехона ва дигарон муқаррарот ворид намуда, муқаррароти мазкур дар Вазорати адлияи ҶТ ба қайд гирифта шаванд.

Ба Қонуни ҶТ «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо» бо мақсади муайян кардани зӯроварии гендерӣ, тамаъҷӯии шаҳвонӣ, занҳое, ки дар вазъияти номусоид қарор доранд, ва чораҳои вокуниш ба ҳодисаҳои табъизи гендерӣ ва дигар табъизи ҳуқуқҳои ин гурӯҳҳои занон, аз ҷумла зӯроварии гендерӣ тағйирот ворид карда шавад.

Экспертизаи судию тиббӣ ва муоинаи тиббии ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила чи аз рӯи ҳуқуқвайронкуниҳои ҷиноятӣ ва чи аз рӯи ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ ба таври ройгон гузаронда шаванд. Бинобар ин ба Қонуни ҶТ «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар

оила» ва санадҳои зерқонунии меъёрие, ки масъалаҳои кӯмакрасонӣ ба ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила ва гузарондани экспертизаи судию тиббӣ ва муоинаи тиббиро танзим менамоянд, тағйирот ворид карда шавад.

Дар соҳаи ҳуқуқтатбиқкунӣ оид ба чораҳои ҷавобгарӣ барои риоя накардани талаботи қонунгузорӣ дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила тадқиқот гузаронда, диққати асосӣ ба тарзу усулҳои додани амрномаҳои муҳофизатӣ, самаранокии тадбирҳои андешидашаванда ва ҷанбаҳои дигар равона карда шавад.

Таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои марбут бо маскунсозии занҳои кӯдакдор баъди ҷудошавӣ дар хонаҳои истиқоматие, ки пештар бо шавҳари собиқашон зиндагӣ мекарданд, ҷамъбаст карда, вайронкуниҳои аз ҳама зиёд такроршавандаи меъёрҳои мурофиавӣ ва моддии ҳуқуқ, инчунин номукаммалии қонунгузорӣ ҳангоми баррасии ин категорияҳо ошкор карда шаванд. Аз рӯи натиҷаҳои ин дар бораи тағйир додани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба танзими масъалаҳои мазкур тавсияҳо пешниҳод карда шаванд.

Сохторҳои давлатии соҳавӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ оид ба парвандаҳои судие, ки бо масъалаҳои зӯроварӣ дар оила алоқаманданд, мониторинг гузаронанд.

**Дар сатҳи маҳал**
Ҳамаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ таҷрибаи вилояти Хатлонро дар масъалаи қабули санади меъёрӣ дар бораи ташкили шӯрои байниидоравӣ оид ба ҳамоҳангсозии фаъолият ҷиҳати пешгирии зӯроварӣ истифода бурда, дар бораи ташкили шӯроҳои байниидоравӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ ва дастгирии ҷабрдидагони зӯроварии оилавӣ санадҳои меъёрӣ қабул намоянд.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ оид ба пешбурди бақайдгирии ягонаи муроҷиатҳои шаҳрвандон дар масъалаҳои зӯроварии гендерӣ ва зӯроварӣ дар оила дастуруламалҳо таҳия ва тасдиқ намоянд.

## Такмил додани шаклу усулҳои ниҳодии иҷрои Қонун

**Дар сатҳи ҷумҳурӣ**
Бо мақсади такмил додани шаклу усулҳои ниҳодии ҳамоҳангсозии фаъолияти байни мақомоти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ҷиҳати амалисозии Қонуни ҶТ «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» дар назди Ҳукумати ҶТ Шӯрои байниидоравӣ ташкил намуда, масъулияти он ба зиммаи муовини Сарвазири ҶТ гузошта шавад. Барои таъмини кори бефосилаи Шӯро дар ҳайати он ташкил намудани комиссияҳои доимоамалкунанда аз ҳисоби намояндагон-аъзоёни Шӯро ва ташкилотҳои манфиатдори ғайриҳукуматӣ, коршиносон оид ба масъалаҳои такмил додани заминаҳои меъёрии ҳуқуқӣ, гузарондани мониторинг ва арзёбӣ, рушди марказҳои дастгирии қурбониёни зӯроварӣ ва ғ. пешбинӣ карда шавад.

**Дар сатҳи маҳал**
Дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳо шӯроҳо/гурӯҳҳои байниидоравӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила ташкил карда шаванд. Бо мақсади баланд бардоштани самаранокии фаъолияти гурӯҳҳои кории байниидоравии ташкилшуда дар сохтори онҳо оид ба самтҳои асосии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ: гузарондани мониторинг ва арзёбӣ (аз ҷумла масъалаҳои ташкили махзани умумии маълумот), амалисозии фаъолияти профилактикӣ ва таълимӣ, ёрӣ расондан ба қурбониёни зӯроварӣ ва ғ. комиссияҳо/зергурӯҳҳо созмон дода шаванд.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бо мақсади инкишоф додани ҳамкории иҷтимоӣ бо ҷомеаи шаҳрвандӣ ва мусоидат ба таъсиси сохторҳои нав оид ба дастгирии қурбониёни зӯроварӣ таҷрибаи ба муҳлати дароз ва ройгон додани биноҳоро барои ташкилотҳои ҷамъиятии амалкунанда ё дигар муассисаҳои ғайритиҷоратӣ фаъолонатар истифода баранд.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ таҷрибаи Ҳукумати ш. Душанберо омӯхта, дар назди ҳукумат то қадри имкон марказҳои дастгирии қурбониёни зӯроварӣ ташкил намоянд.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ имконияти ташкили паноҳгоҳҳо ё хобгоҳҳои умумиро барои қурбониёни зӯроварӣ дар асоси иштироки саҳмӣ бо шарикони дигар оид ба рушд аз зумраи сохторҳои тиҷоратӣ, ҳомиён, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва байналмилалӣ омӯзанд.

## Такмил додани фишангҳои молиявӣ

### Дар сатҳи ҷумҳурӣ

Хароҷоти солҳои ояндаи Буҷети давлатӣ барои маблағгузории иҷрои Барномаи давлатӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила барои солҳои 2014-2023 аз нав дида баромада шавад.

Бо ҳамаи сохторҳои манфиатдор, аз ҷумла бонкҳо, масъалаи дар сатҳи ҷумҳурӣ ташкил намудани Хазинаи дастгирии қурбониёни зӯроварии гендерӣ муҳокима карда шавад.

### Дар сатҳи маҳал

Бо сохторҳои соҳавӣ оид ба иҷрои Қонун, инчунин бо ҳамаи тарафҳои манфиатдор имконияти дар ноҳия/шаҳр ташкил намудани Хазинаи дастгирии қурбониёни зӯроварии гендерӣ муҳокима карда шавад.

Ҳангоми банақшагирии буҷети маҳаллии солҳои минбаъда барои ҷудо намудани воҳидҳои хизматии равоншиносон ва ҳуқуқшиносон дар шуъбаҳо/бахшҳои кор бо занон ва оила барои расондани ёрӣ ба қурбониёни зӯроварӣ имкониятҳо дарёфт карда шаванд.

## Гузарондани мониторинг ва арзёбии доимии иҷрои Қонун

### Дар сатҳи ҷумҳурӣ

Амсилаи гузарондани мониторинг ва арзёбии иҷрои Қонун ва Барномаи давлатӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила барои солҳои 2014-2023 бо мақсади мунтазам гузарондани онҳо дар асоси таҳияи низоми дақиқи нишондиҳандаҳои миқдорӣ ва сифатӣ мувофиқи Қоидаҳои гузарондани мониторинг ва арзёбии иҷрои ҳуҷҷатҳои стратегии сатҳи миллӣ, барномаҳои соҳавӣ ва минтақавии рушд дар ҶТ, ки Ҳукумати ҶТ 29 декабри соли 2018, таҳти рақами 615 тасдиқ намудааст, таҳия намуда, дар он нишондиҳандаҳои (индикаторҳои) раванд, нишондиҳандаҳои саҳм, нишондиҳандаҳои натиҷа ва нишондиҳандаҳои таъсир ҳатман муайян карда шаванд.

Ҳангоми ташкили махзани ягонаи маълумот аз тавсияҳои СММ-Занон ва дигар ташкилотҳои байналмилалӣ, ки ба Ҳукумати ҶТ пешниҳод гардидаанд, истифода бурда шавад. Барои такмил додан ва ҳамоҳанг намудани маълумоти маъмурӣ ва маълумоти оморӣ оид ба зӯроварӣ нисбати занону духтарон Харитаи роҳнамо бо тавсифи муфассали тарзу усулҳои ниҳодӣ, методологӣ, меъёрӣ ва молиявии ташкили махзани ягонаи маълумот таҳия ва мувофиқа карда шавад. Дар Харитаи роҳнамо ҷудо намудани нақшаҳои кӯтоҳмуҳлат, миёнамуҳлат ва дарозмуҳлати амал пешбинӣ карда шавад.

Дар чаҳорчӯбаи тадбирҳои кӯтоҳмуҳлат ташкили механизми ҳамоҳангсозии назди Агентии омори назди Президенти ҶТ оид ба таҳия ва мувофиқасозии амсилаи истифодашавандаи махзани ягонаи маълумот, таъминоти методологӣ ва барномавии махзани ягонаи маълумот барои ҳамаи субъектҳои Қонун, ки маълумоти омориро дар 2 самти зерин пешниҳод менамояд, пешбинӣ карда шавад:

- ✓ дар самти бақайдгирӣ ва ҳисобот оид ба ҷиноятҳо ва ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ (сохторҳои ҳифзи ҳуқуқ)
- ✓ Дар самти бақайдгирии муроҷиатҳо ва хадамоти иҷтимоии назди сохторҳои давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва дигар ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ.

**Дар сатҳи маҳал**

Дар давраи гузариш то ташкил намудани низоми ягонаи миллии баҳисобгирӣ ва бақайдгирии муроҷиатҳо дар бораи зӯроварӣ дар оила саъю кӯшиши мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба ташкили махзани умумии муроҷиатҳо ба сохторҳои калидӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила (ШВКД, ШКЗО, ҳуҷраҳои офиятбахшии тиббию иҷтимоии назди муассисаҳои тиббӣ, судҳо ва ғ.) равона карда шавад.

**Такмил додани шаклҳои кор ҷиҳати пешгирии зӯроварӣ дар сатҳи маҳал**

Бо мақсади баланд бардоштани самаранокии кор ҷиҳати пешгирии зӯроварӣ дар оила ва ба омма талқин намудани ақида дар бораи ноҷоиз будани зӯроварӣ аз усулҳои зерини кор истифода бурдан мувофиқи мақсад аст:

Истифодаи муносибати тафриқанок ҳангоми банақшагирии чорабиниҳо ва таҳияи маводи иттилоотӣ бо назардошти вижагиҳои фикру ақидаи гурӯҳҳои гуногуни зерҳадаф (мардҳо ва занҳо, ҷавонон ва калонсолон, сокинони шаҳру деҳот, гурӯҳҳои осебпазир: оилаҳои дорои маъюбон, дорои муҳоҷирони меҳнатӣ ва ғ.).

Ташкили аксарияти чорабиниҳои пешгирикунанда на дар марказҳои ноҳияҳо, балки бевосита дар ҷамоатҳо ва деҳаҳо.

Васеътар истифода бурдани имкониятҳои вохӯриҳои ғайрирасмӣ ва ҷалб намудани сарварони ғайрирасмии ҷамъиятҳои маҳаллӣ ва сарварони динӣ ба чорабиниҳои пешгирикунанда. Тайёр кардани занҳо ва мардҳои фаъол барои корҳои профилактикӣ дар байни аҳолӣ аз рӯи принсипи «ҳамсон ба ҳамсон».

Равона кардани чорабиниҳои ба нақша гирифташудаи иттилоотӣ ва чорабиниҳои дигар на фақат ба паҳн намудани донишу маълумот дар бораи зӯроварӣ, балки ба таъсири онҳо ба рафтори умуман аҳолӣ ва аз ҷумла ба рафтори гурӯҳҳои гуногуни мардҳо ва занҳо. Диққати хоса додан ба мушкилоти ҷудошавии зану шавҳар, муносибатҳои байниҳамдигарии хушдоманҳо ва келинҳо, муносибат нисбати занҳои муҳоҷирони меҳнатӣ дар давраи берун аз ҷумҳурӣ қарор доштани шавҳаронашон, никоҳҳои барвақт ва маҷбурӣ, содир намудани зӯроварӣ нисбати маъюбон, пиронсолон ва дигарон.

Ба кори профилактикӣ васеътар ҷалб намудани мардҳо, истифодаи усулҳои аз лиҳози фарҳангӣ мувофиқ бо назардошти хусусиятҳои менталитет, анъанаҳо ва ақидаҳои аҳолӣ, қолабҳои мавҷуда, истифодаи образҳо ва калимаҳое, ки ба фаҳмиши аҳолии минтақаҳои зерҳадаф наздиканд.

Ҷоннок намудани фаъолияти ВАО дар соҳаи пешгирии зӯроварӣ бо назардошти паҳн намудани маводи иттилоотии дастрас ва муфид, ки ба баланд бардоштани сатҳи саводнокии ҳуқуқии аҳолӣ, ҳалли зиддиятҳои оилавӣ ва ғ. мусоидат мекунанд.

**Таҳкими нерӯи кормандони сохторҳои давлатӣ ва ғайриҳукуматие, ки дар соҳаи пешгирии зӯроварӣ ва расондани ёрӣ ба қурбониёни зӯроварӣ фаъолият мекунанд**

Иҷрои барномаҳо оид ба таҳкими нерӯи кормандони ШВКД, ШКЗО, духтурон, равоншиносон, духтурони оилавӣ, ҳуқуқшиносон, аъзоёни Шӯроҳои ҷамъиятии назди ШВКД ва категорияҳои дигар дар ду самт идома дода шавад: пешгирии зӯроварӣ; расондани ёрӣ ба қурбониёни зӯроварӣ ва офиятбахшии онҳо.

**Дар сатҳи ҷумҳурӣ**
Бо мақсади тайёр кардани равоншиносон барои ҷумҳурӣ дар заминаи Донишгоҳи омӯзгории ҶТ кафедраи психологияи оилавӣ кушода шавад.

Барои беҳтар намудани сифати хизматҳои расондашаванда ва таҳкими нерӯи кормандони ташкилотҳои давлатӣ ва ғайриҳукуматие, ки ба пешгирии зӯроварӣ, расондани ёрӣ ба қурбониёни зӯроварӣ ва офиятбахшии онҳо ҷалб гардидаанд, лоиҳа оид ба таҳияи стандартҳои ҳадди ақалли хизматрасонии ин ташкилотҳо амалӣ карда шавад.

**ЗАМИМАИ 1**. **Миқдори хизматҳое, ки ШКЗО дар соли 2018 ва 9 моҳи соли 2019 дар 5 ноҳия/шаҳри зерҳадаф ба ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила расондааст**

| | Бохтар | Кӯлоб | Ҳамадонӣ | Ҳисор | Ваҳдат | Ҷамъ | Бохтар | Кӯлоб | Ҳамадонӣ | Ҳисор | Ваҳдат | Ҷамъ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Машварати равоншинос | 0 | 13 | 15 | 4 | 83 | 115 | 0 | 8 | 5 | 0 | 66 | 79 |
| Ёрии ҳуқуқӣ | 0 | 18 | 10 | 6 | 20 | 54 | 0 | 7 | 5 | 7 | 11 | 30 |
| Ёрии моддӣ | 0 | 11 | 3 | 14 | | 28 | 0 | 3 | 6 | 17 | 11 | 37 |
| Дар паноҳгоҳ ҷой карданд | 0 | 6 | 0 | 0 | 0 | 6 | 0 | 2 | 2 | 0 | 0 | 4 |
| Ба сохторҳои дигар фиристоданд | 36 | 18 | 12 | 23 | 28 | 117 | 9 | 22 | 6 | 15 | 24 | 76 |
| **Дар маҷмуъ** | **36** | **66** | **40** | **47** | **131** | **320** | **9** | **42** | **24** | **39** | **112** | **226** |